Лоиҳаи
таълими босифат USAID (QLP)

Вазорати маорифи
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони маориф

# *Такмили маҳорати педагогии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ*

**Дастури таълим барои курсҳои такмили ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидоӣ**

Душанбе – 2010

Дастури таълимии мазкур аз рӯйи таълим ва омӯзиши интерактивӣ бо дастгирии мардуми Амрико ба воситаи Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) таҳия ва нашр гардид. Мундариҷаи дастури мазкур дар доираи Creative Associates International (CAI) ва лоиҳаи USAID – оид ба таълими босифат (QLP) баррасӣ шудааст ва муҳим нест, ки мавқеи USAID ва Ҳукумати Иёлоти Муттаҳидаи Амрикоро инъикос намояд.

Мураттиб-таҳиягарон: **Алиев А.Б., Зиёев М.Н., Олимова Ф.К., Эрматова У.С., Зоолишоева Б.Ф., Ниёзов Ф. М.**

Нашри якум соли 2009.
Нашри дуюм соли 2010.

Нашри дуюм: Зери назари:
**Каримова И. Х.,** президенти Академияи таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Лутфуллоев М**., Академики Академияи таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
**Абдуллоев И.,** мудири кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ ва томактабии ДҶТИБКМ, номзади илмҳои педагогӣ
**Каримов З.,** омӯзгори калони кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ ва томактабии ДҶТИБКМ

Муҳаррир: **Камолиддинов Бахриддин,** доктори илмҳои филологӣ, профессор

Ташкили ҷараён таълим дар синфҳои ибтидоӣ. Дастури таълим барои курсҳои такмили ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидоӣ.
– Душанбе, 2010. - ___ с.

Дар дастур муҳим будани мақсадгузорӣ ва банақшагирии дарс дар асоси мақсадҳои таълимӣ таъкид шуда, ба муаллим малакаҳои муайян намудани мақсад аз барномаҳои таълим, коркарди он ва банақшагирии дарс таълим дода мешавад. Ҳамчунин ақидаи ташаккули шахсият ҳамчун маҳаки асосии дарси хуб пайгирӣ шуда, ба муаллимон тарзи кор ва воситаҳои арзёбии фаъолияти хонандагон пешкаш карда мешаванд.

Дастури таълим барои истифода дар такмили ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидоии мактабҳои миёна, факултаҳои таълим дар синфҳои ибтидоии донишгоҳҳо, коллеҷҳо ва омӯзишгоҳҳои омӯзгорӣ тавсия мешавад.

Дастури «Ташкили ҷараёни таълим дар синфҳои ибтидоӣ» қисми таркибии курси 144-соатаи такмили ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидоии мактабҳои таҳсилоти умумӣ аст. Дастури мазкур ҳукми умумифанниро дошта, аз рӯйи мундариҷа ва технологияи таълим дастури мустақил ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, он метавонад ҳам ба сифати дастури мустақил ва ҳам дар таркиби дастурҳои дигар таълим дода шавад.

***Сохти дастур чӣ гуна аст?***

Чунон ки дар дастури якум гуфта будем, ҳар як дастур иборат аст аз:

- мақсадҳо дар шакли натиҷаҳои интизоршаванда;
- иҷрои вазифаҳо ба тарзи фаъолиятҳои амалӣ ва усулҳои интерактивӣ (инфиродӣ, дунафарӣ, гурӯҳӣ);
- маводи назариявӣ («Махзани асрор»);
- саволу масъалаҳо барои худбаҳодиҳӣ, ҳамдигарбаҳодиҳию супоришҳои тестӣ дар ҷараён ва хотимаи фаъолиятҳо;
- луғат;
- замимаҳо;
- номгӯйи адабиёти истифодашуда, аз ҷумла суроғаи WEB-сайтҳо.

***Бо дастур чӣ гуна бояд кор кард?***

⇒ Дар оғоз бо масъалаҳо, ки ғояҳои асосиро инъикос мекунанд, шинос шудан лозим аст.

⇒ Бо мундариҷаи вазифаи мазкур ба воситаи матнҳо, ки дар «Махзани асрор» оварда шудааст, метавон ошно шуд.

⇒ Агар дар рафти омӯзиши мавод бо калимаҳои ноошно дучор шудед, ба луғати охири дастур нигаред.

⇒ Барои худназорат шумо метавонед ҳангоми омӯзиши ҳар масъала ба тестҳо, саволу ҷавоб ва мубоҳиса ба худ баҳо диҳед.

⇒ Барои омӯзиши боз ҳам дақиқтари ин ё он мавзӯъ метавонед, ба номгӯйи адабиёти истифодашуда руҷӯъ карда, ба ҷустуҷӯйи онҳо пардозед.

## Мундарича


| Машғулият | Миқдори соат |
|---|---|
| **Модули 1.Машғулиятҳои 1-2.** Стандарти таҳсилоти ибтидоӣ сарчашмаи мақсадҳои таълим | 4 |
| **Машғулиятҳои 3-4.** Мақсадгузорӣ - мафҳуми мақсад | 4 |
| **Машғулиятҳои 5-6**. Мақсадгузорӣ – таҳияи индикаторҳо | 4 |
| **Машғулияти 7**. Кори лоиҳавӣ | 2 |
| **Машғулияти 8**. Таксономияи мақсадҳои таълим | 2 |
| **Машғулияти 9.** Ба хотир гирифтан – марҳилаи аввалини ташаккули фикрронӣ | 2 |
| **Машғулияти 10.** Саволу масъалаҳо барои зинаи фаҳмидан | 2 |
| **Машғулияти 11.** Саволу масъалаҳо барои зинаи истифода бурдан | 2 |
| **Машғулияти 12.** Саволу масъалаҳо барои зинаи таҳлил кардан | 2 |
| **Машғулияти 13.** Саволу масъалаҳо барои зинаи арзёбӣ кардан | 2 |
| **Машғулияти 14.** Саволу масъалаҳо барои зинаи эҷод кардан | 2 |
| **Машғулияти 15.** Банақшагирии дарс дар асоси мақсадҳои таълим | 2 |
| **Машғулияти 16. Кори лоиҳавӣ.** Банақшагирӣ дар асоси таксономияи Блум. | 2 |
| **Модули 2. Машғулияти 1**. Таълими ба шахсият нигаронидашуда– маҳаки асосии таълим дар синфҳои ибтидоӣ | 2 |
| **Машғулияти 2**. Шахсият чист? | 2 |
| **Машғулияти 3.** Аз чӣ бояд оғоз кард?. | 2 |
| **Модули 3. Машғулияти 1.** Маълумот оид ба таълими интерактивӣ | 2 |
| **Машғулияти 2.** Тарзҳои ташкили кор дар таълими интерактивӣ | 2 |
| **Машғулияти 3. Т**ашкили кор дар гурӯҳҳо | 2 |
| **Машғулияти 4.** Методу усулҳои интерактивӣ воситаи расидан ба мақсад | 2 |
| **Модули 4. Машғулияти 1**. Арзёбии ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ | 2 |
| **Машғулияти 2**. Принсипҳои арзёбии ташаккулдиҳанда | 2 |
| **Машғулияти 3**. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда: нишондиҳандаҳои муваффақият | 2 |
| **Машғулияти 4**. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда: робитаи мутақобилаи хаттӣ | 2 |
| **Машғулияти 5** Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда:ба худ баҳо додан | 2 |
| **Машғулияти 6**. Кори лоиҳавӣ. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда. | 2 |
| **Машғулияти 7**.Воситаҳои арзёбии ҷамъбастӣ:таҳияи меъёрҳои арзёбӣ | 2 |
| **Машғулияти 8**.Воситаҳои арзёбии ҷамъбастӣ:тест | 2 |

## Сарсухан

Касби омӯзгорӣ бо вуҷуди мушкилиҳо доштанаш бошарафтарин касб ба шумор меравад. Он мушкилиҳое, ки дар ҳаёти касбии муаллим ба вуқӯъ меоянд, дар ҷустуҷӯй ва омӯзиши пай дар пай ҳалли худро меёбанд. Пешаи омӯзгорӣ касби эҷодӣ буда, бо илм ва фарҳанг робитаи ногусастанӣ дорад, зеро муаллим ба ғайр аз донишҳои тахассусӣ малакаҳои ҳунарпешаи театру киноро бояд доро бошад.

Агар нутқи муаллим ҳангоми баёни мавод якранг, дилгиркунанда бошад, пас ӯ ба маънои аслиаш дӯстдори касби хеш нест. Муаллим фарди ибратомӯз аст ва бо обрӯмандиаш, бо донишмандиаш, бо фурӯтаниву хоксориаш, бо ҳалимиву меҳрубониаш метавонад ба шахсияти дастпарваронаш таъсир расонад.

Дар олами васеи иттилоотии имрӯза усулу технологияҳои гуногуни таълим истифода карда мешаванд, ки барои такомули савияи касбии омӯзгор ва барои инкишофи шахсияти талабагон аҳамияти хос доранд. Муаллим ба воситаи ин методу шаклҳои кор маҳорати эҷодкориашро метавонад сайқал диҳад.

Дар ҳама давру замон муносибат ба таълим метавонад тағйир ёбад, тарзҳои таълим дигар хел ба роҳ монда шаванд, аммо ҳамеша дар раванди таълиму тадрис хонанда симои асосӣ мебошад.

Ба мо одат шудааст, ки дар ҷараёни таълим бештар ба саволҳои « Чиро?» ва « Чӣ тавр?» ҷавоб ҷӯем. Аммо саволҳои муҳим ба монанди «Барои чӣ?» ва «Ба кадом мақсад?» аз назар дур мемонанд. Ҷавоб ба ин саволҳо якто аст: ба хонанда барои пайдо кардани мавқеи худ дар ҷомеа ёрӣ расонем. Ба ӯ мустақилона фикр кардан, фаъол будан, қарор қабул кардан ба шароити тағйирпазир мутобиқ гаштан, ба худ боварӣ доштанро омӯзонем. Ҳангоми чунин муносибат дар назди муаллим ғайр аз бо дониш мусаллаҳ кардани хонанда, вазифаи мураккабтари дигаре пайдо мешавад. Чӣ тавр ҷараёни таълим бояд ташкил карда шавад? Кадом усулҳо барои инкишофи малакаҳои зарурии ҳаёти кӯдак мусоидат мекунанд? Агар ба тарзи нав ба фаъолияти худ баҳо диҳем, гуфта метавонем, ки чӣ гуна вазифаҳои таълим, тарбия ва инкишофро тавассути технологияи гуногуни омӯзиш ҳал кардан мумкин аст. Психологияи фаъолияти маърифатӣ ба интихоби на танҳо мундариҷа, инчунин, методҳо, шаклҳои ташкил ва воситаҳои таълим водор мекунад. Дастури мазкурро омӯхта, Шумо бо принсипҳои ташкили кор, инчунин омӯзиши методҳо дар ҳамкорӣ хазинаи маҳорати худро ғанӣ гардонда, фаъолияти худро самаранок месозед.

**Модули 1. Банақшагирии чараёни таълим дар синфҳои ибтидоӣ**
**Машғулиятҳои 1-2. Стандарти таҳсилоти ибтидоӣ сарчашмаи мақсадҳои таълим.**

**Мақсадҳои таълим**
**Иштирокчиён:**
- сохтори стандарти таҳсилоти ибтидоиро шарҳ медиҳанд;
- самтҳои таълими фанҳои гуногуни таҳсилоти ибтидоиро таҳлил мекунанд.

**Қадами 1. Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълими машғулият.**
**Саволҳо:**
- Оё ба омӯзгор донистани сохтори стандарти таҳсилот зарур аст? Чаро?

**Қадами 2. Кор дар гурӯҳҳо.**
**Масъала:** Сохтор ва мӯҳтавои стандарти таҳсилоти ибтидоиро таҳлил карда онро муаррифӣ намоед.

Гурӯҳи 1. Консепсияи таълими ибтидоӣ. Вазифаҳои таълии ибтидоӣ.
Гурӯҳи 2. Нақшаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Мактаби ибтидоӣ.
Гурӯҳи 3. Стандарти фанни «Забони модарӣ».
Гурӯҳи 4. Стандарти фанни «Математика».
Гурӯҳи 5. Стандарти фанни «Санъат ва меҳнат».
Гурӯҳи 6. Стандарти фанни «Табиатшиносӣ»

Дастур: муаррифиро дар асоси чадвали зерин таҳия намоед.

**Номи боб:** ____________________________________

**Қисмҳои таркибӣ:** ______________________________

**Шарҳи ҳар як қисми таркибӣ:** __________________

**Хулоса:** _______________________________________

**Қадами 3. Муаррифӣ ва арзёбии кори гуӯҳҳо.**
**Масъала:** Муаррифии гурӯҳҳоро дар асоси чадвали зерин арзёбӣ кунед.

| Нишодиҳанда | Ҳа | Не | Қисман | Тавсия |
|---|---|---|---|---|
| Муаррифӣ хоно ва фаҳмо аст. | | | | |
| Масъала пурра ҳал шудааст. | | | | |
| Шарҳу эзоҳи муарриф ба маврид ва фаҳмост. | | | | |
| Муарриф ба саволҳо пурра чавоб дод. | | | | |

**Қадами 4. Таҳлил ва таҳияи дастур.**
**Масъала:** Барои татбиқи стандарти таҳсилоти ибтидоӣ чӣ корҳоро бояд анчом дод?

| Масъулон | Фаъолият |
|---|---|
| Мушовири шӯъба | |
| Директории мактаб | |
| Муовини директор | |
| Роҳбари иттиҳодияи методии синфҳои ибтидоӣ | |
| Муаллимон | |
| Падару модарон | |

**Қадами 5. Арзёбии машғулият.**

**Модули 1. Машғулиятҳои 3-4.** Мақсадгузорӣ - мафҳуми мақсад.

**Мақсади таълими машғулият:**
**Иштирокчиён:**
- мафҳуми мақсадро шарҳ медиҳанд;
- мақсадҳои таълимро аз рӯйи меъёрҳо арзёбӣ мекунанд.

**Қадами 1. Ангезиши зеҳн.**
**Савол:** Мақсад чист? Мақсади таълим чист?

**Қадами 2. Хондани матн.**
**Масъала:** Матни «Хазинаи маърифат»-ро хонед. Ҷадвали дубахшаро пурра созед.

| Мафҳум | Шарҳ |
|---|---|
| *Мақсад* | |

***Махзани асрор***

Мақсад меъёрест, ки шахс дар назди худ мегузорад ва барои расидан ба он мекӯшад. Дар Фарҳанги забони тоҷикӣ шарҳи мақсад ба тариқи зайл омадааст: «мурод, он чӣ, ки қасд ва ирода мекунанд, хоҳиш ва орзукардашуда». Вобаста ба ҷараёни таълиму тарбия мақсад ин банақшагирии пешакии натиҷаҳои омӯзиш, инкишоф ва тарбия мебошад, яъне мақсад натиҷаи чашмдошти фаъолият аст. Мақсад на танҳо натиҷаро нишон медиҳад, балки шахсро барои расидан ба ин натиҷаҳо ҳидоят менамояд. Тарҳрезии мақсад марҳилаи аввалин ва муҳими ҷараёни таълиму тарбия мебошад. Он равиши дарс, усул ва воситаҳои таълимро муайян мекунад. Мақсадҳо бояд мушаххас, иҷрошаванда, ченшаванда бошанд.
Ҳангоми таҳияи мақсадҳои таълим омӯзгор:
- талаботи стандартҳои таълим ва барномаи фанниро ба эътибор мегирад;
- арзишҳоеро муайян мекунад, ки метавонанд ҳавасмандии шахсии хонандаро ба натиҷаҳои омӯзиш таъмин намоянд;
- дар асоси мавзӯъ ба системаи дониш, малакаю маҳоратҳое, ки асоси инкишофи маърифатии хонандаро ташкил медиҳанд, диққат медиҳад;
- тарзҳои фаъолияти таълимиеро, ки азхудкунии он барои хонанда муҳим аст муайян мекунад.

Чуноне ки дар боло қайд шуд, мақсади таълим бояд мушаххас бошад, иҷрошаванда, ченшаванда, ба хонанда нигаронида шуда, бо феълҳо ифода шавад.

Ин хусусиятҳо дар чӣ зоҳир мегарданд?

Биёед дар мисолҳои зерин, ки аз Стандарти давлатии таҳсилоти ибтидоӣ (Душанбе 2009) гирифта шудаанд, хусусиятҳои мақсади таълимро таҳлил менамоем.

- *Калимаҳоеро, ки ҳарфҳои* ***ӣ, ӯ, ъ, й, е*** *доранд, дуруст талаффуз кунанд ва нависанд.*

Барои таҳлил аз саволҳои зерин истифода мебарем:

| **Саволҳо** | ***Ҳа*** | ***Не*** |
|---|---|---|
| Оё талабот дар ин мақсади таълим муайян аст? | ٧٧☺ | |
| Оё аксари хонандагон онро иҷро карда метавонанд? | ☺ | |
| Оё ба он баҳо додан мумкин аст? | ☺ | |
| Хонанда онро иҷро мекунад? | ☺ | |
| Феълҳо мушаххасанд? | ☺ | |

Агар мақсади таълим ба ҳамаи саволҳо ҷавоби мусбӣ гирад, он гоҳ ин мақсади таълим мушаххас, иҷрошаванда, ченшаванда ва ба хонанда нигаронида шудааст.

**Қадами 3. Кори дунафарӣ.**
**Масъала:** Мақсади таълимиро аз рӯйи меъёрҳо арзёбӣ кунед.

*– Баланд бардоштани савияи дониши хонандагон.*
*–Ба хонандагон омӯзондани ном, теъдоди ашёҳо, шакли онҳо, муқоиса аз рӯи андоза, шакл ва миқдор.*
*– Хонандагон калимаҳоеро, ки ҳарфҳои **ӣ, ӯ, ъ, й, е** доранд, дуруст талаффуз кунанд ва нависанд.*

| **Саволҳо** | ***Ҳа*** | ***Не*** |
|---|---|---|
| Оё талабот дар ин мақсади таълим муайян аст? | | 👎 |
| Оё аксари хонандагон онро иҷро карда метавонанд? | | 👎 |
| Оё ба он баҳо додан мумкин аст? | | 👎 |
| Хонанда онро иҷро мекунад? | | 👎 |
| Феълҳо мушаххасанд? | | 👎 |

**Қадами 4. Кор дар гурӯҳҳо.**
**Масъала:** Мақсадҳои таълими боби стандарти таҳсилоти ибтидоиро таҳлил кунед. Ҳар як сутуни онро шарҳ диҳед. Гӯед, ки ин навъи стандартҳо ба муаллим ва хонандагон чӣ манфиат дорад?

**Иқтибос аз стандарти таҳсилоти ибтидоӣ**

| **II. Марҳилаи таълими забони модарӣ** | | | |
|---|---|---|---|
| Мазмуни таҳсилоти марҳилаи дуюм ду ҷузъи таркибии бо ҳам алоқамандро фаро мегирад:<br>1. Ҷузъи хониш ва инкишофи нутқ.<br>2. Ҷузъи грамматика, имло, аломатҳои китобат ва машқи хат. | | | |
| **Мақсадҳои таълим** | **Мундариҷаи таълим** | **Фаъолияти таълим** | **Натиҷаҳои ниҳоӣ** |
| Мувофиқи тартиби алифбо (алфавит) ҳарфҳоро номбар кунанд.<br><br>Калимаҳоро таҳлили фонетикӣ карда, дар навишт ҳиссаи калимаро ба сатри дигар гузаронда тавонанд.<br><br>Калимаҳоеро, ки ҳарфҳои **ӣ, ӯ, ъ, й, е** доранд, дуруст талаффуз кунанд ва нависанд.<br>Калимаро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунанд. | **Овошиносӣ (фонетика).** Алифбо, овоз ва ҳарфҳо. Овозҳои садонок ва ҳамсадо. Таҳлили фонетикии калима.<br>**Имло.** Имлои ҳарфҳои **и** (дар алоқаи изофӣ), **ӣ, й, е, ё, ю, я**; имлои **у** ва **ӯ**; имлои ҳарфҳои **т, д, ҳ, э, ъ** ва ҳамсадоҳои такрор. Ҳиҷо. Ба сатри дигар гузарондани ҳиссаи калима. | Азёд кардан. Машқҳои амалӣ доир ба таҳлили фонетикӣ, ба сатри дигар гузарондани ҳиссаи калима ва машқҳои имло. Усулҳои анъанавӣ ва интерактивӣ (ҳамкорӣ). | Ҳарфҳои алифбо (алфавит)-ро мегӯянд.<br><br>Калимаҳоро таҳлили фонетикӣ карда, дар навишт ҳиссаи калимаро ба сатри дигар гузаронда метавонанд.<br>Калимаҳоеро, ки ҳарфҳои **ӣ, ӯ, ъ, й, е** доранд, дуруст талаффуз мекунанд ва менависанд.<br>Калимаро ба ҳиҷоҳо ҷудо мекунанд. |

(Сарчашма: Стандартҳои таҳсилоти ибтидоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2009)

**Қадами 5. Таҳлилу хулоса.**

**Саволҳо:**
- Ин шакли стандарт аз барномаи маъмулӣ чӣ фарқ дорад?
- Ҳангоми татбиқи он омӯзгор чӣ мушкилӣ мекашад? Мушкилотро чӣ гуна метавон ҳал кард?

**Қадами 6. Арзёбӣ. Ба худ баҳо додан.**
**Масъала:** Ҷадвали зеринро пурра созед.

| | Ҳа | Не | Агар не, чӣ бояд кард? |
|---|---|---|---|
| Мафҳуми мақсади таълимро шарҳ дода метавонам. | | | |
| Мақсади таълимро аз стандарт муайян карда метавонам. | | | |
| Мақсади таълимро аз рӯйи меъёрҳо арзёбӣ карда метавонам. | | | |
| Чунин саволҳо дорам: | | | |

**Қадами 7. Ҷамъбаст ва арзёбии машғулият.**
**Масъала:** Дар асоси намунаҳои овардашуда машғулиятро арзёбӣ кунед. Варақаҳоро ба тренер супоред.

Се лаҳзае, ки ба ман маъқул шуд
____________________
____________________

Се лаҳзае, ки ба ман маъқул нашуд
____________________
____________________

Се чизе, ки омӯхтан мехостам
____________________
____________________

**Модули 1. Машғулиятҳои 5-6. Мақсадгузорӣ – таҳияи индикаторҳо**

**Мақсади таълими машғулият**
**Иштирокчиён:**
**-** барои татбиқи мақсадҳо индикатор таҳия мекунанд.

**Қадами 1. Ангезиши зеҳн.**
**Савол**. Дарси якумро ба хотир оварда, гӯед, ки мақсади таълим чист ва онҳоро аз куҷо дарёфт кардан мумкин аст?

**Қадами 2. Кори амалӣ. Кор бо мақсади таълим.**
**Масъала**: Ҷадвалро таҳлил кунед. Гӯед, ки он аз кадом қадамҳо таркиб ёфтааст? Онро кай ва чӣ тарз истифода бурда метавонед?

Намуна аз «Стандарти таҳсилот ибтидоӣ. Забони модарӣ»

**- *Хонандагон эълон ва табрикнома навишта тавонанд.***

| Синфи 1 | Синфи 2 | Синфи 3 | Синфи 4 |
|---|---|---|---|
| **1. Тасаввурот оид ба ҷашнҳо ва рӯзҳои таърихӣ.**<br><br>Барои ба даст овардани ин мақсад хонанда бояд:<br><br>- идҳои маъмулро номбар карда тавонад;<br><br>- усули шифоҳӣ табрик кардани падар, модар бародару хоҳар ва рафиқонашро машқ кунад;<br><br>- якчанд табрикномаи хурдҳаҷмро хонад;<br><br>- дар асоси намунаи табрикнома номи шахси гирандаи табрикномаро иваз карда, онро кӯчонад. | ***1.2. Навиштани табрикнома***<br><br>Барои ба даст овардани ин мақсад хонанда бояд:<br><br>- матни табрикномаро аз дигар навъҳои матн фарқ карда тавонад;<br><br>- иборахои ба табрикнома хосро донад ва истифода барад;<br><br>- дар асоси қолаби пешниҳодшуда номи шахсро иваз карда, табрикнома нависад;<br><br>- модар, хоҳар ва муаллимаи худро бо фарорасии 8 март табрик намояд, табрикнома навишта, онро оро диҳад;<br><br>- табрикномаи навишатаашро муаррифӣ карда тавонад. | ***1.3. Навиштани табрикнома***<br><br>Барои ба даст овардани ин мақсад хонанда бояд:<br><br>- калимаҳою ибораҳои *орзу дорам, таманно дорам, сиҳату саломат бошед*, хушиҳои зиндагӣ ва амсоли инҳоро азхуд кунад;<br><br>- сохтори матни табрикномаро донад ва ба қисмҳо ҷудо карда тавонад;<br><br>- аз рӯйи қолаби пешниҳодшуда бо иваз кардани ибораҳо, калимаҳо ва шахсони табрикшавандаро иваз карда табрикнома нависад;<br><br>- табрикномаро (бо расмҳо) оро диҳад;<br><br>- табрикномаи навиштаашро муаррифӣ карда тавонад. | ***1.4. Навиштани табрикнома***<br><br>Барои ба даст овардани ин мақсад хонанда бояд:<br><br>- дар асоси намунаи табрикномаҳо таъиноти онро ба ин ва ё он ҷашн, рӯзҳои таърихӣ муайян карда тавонад;<br><br>- фарқи байни табрикномаҳоро вобаста ба идҳо гуфта тавонад;<br><br>- дар асоси намуна вобаста ба иду ҷашн табрикнома нависад;<br><br>- бе овардани намуна ба наздиконаш (падару модар, хоҳару бародар, амаку хола) ва муаллимону ҳамсинфонаш табрикнома нависад;<br><br>- табрикномаро вобаста ба ид ороиш диҳад;<br><br>- табрикномаро бо истифодаи шеъри мувофиқ муаррифӣ намояд. |

## Чор амали арифметикӣ

| Синфи 1 | Синфи 2 | Синфи 3 | Синфи 4 |
|---|---|---|---|
| 1.1. Ададҳоро ҷамъ ва тарҳ карда метавонад:<br>- бо амалҳои ҷамъ ва кам сарфаҳм равад;<br>- ададҳоро дар доираи 1 то 20 хонда ва навишта тавонад;<br>- номи ададҳоро дар амалҳо гуфта, ҳисоб карда тавонад;<br>- ашёҳоро ҳисоб ва каму зиёд карда тавонад;<br>1.2. Аз даҳӣ гузашта ададҳоро ҷамъ ва тарҳ карда тавонад:<br>- таркиби ададҳоро гуфта тавонад;<br>- аз ададҳои якрақама дурақама ҳосил карда тавонад;<br>-даҳиро аз воҳид фарқ карда тавонад;<br>- аз даҳӣ гузашта ададҳоро ҷамъ ва тарҳ кунад.<br>1.3. Қиммати ифодаҳои бо як-дуамалро ёфта хонад ва навишта тавонад:<br>- аз намуна истифода бурда ифодаҳои дуамала тартиб дода ҳал кунад:<br>9+2+1=12<br>12-2+3=13<br>1.2. 15=5+10<br>15=5+5+5<br>1.4.Бо адад ҷамъ ва аз адад тарҳ кардани 0-ро донад:<br>- ифодаҳои додашударо | 2.1. Қиммати ифодаҳои ададиро ёфта тавонад:<br>- ифодаҳо навишта, қиммати онҳоро ҳисоб карда, ёфта тавонад;<br>- ададҳои якрақама, дурақамаро +, -, x, : карда, ифода тартиб дода, ҳисоб карда тавонад;<br>- номи ададҳоро дар амалҳои тартибдодааш хонда тавонад;<br>2.2. Даҳиҳои яклухтро ҷамъ ва тарҳ карда тавонад:<br>- даҳиҳоро дар доираи 100 номбар карда, навишта тавонад;<br>- таркиби ҳар як даҳиҳоро дар доираи 100 гуфта тавонад.<br>2.3. Ифодаҳои қавсдор ва беқавсро ҳал карда тавонад:<br>- бо аломати қавс шинос бошад;<br>- ифодаҳои қавсдорро бо беқавс муқоиса карда тавонад;<br>- тартиби иҷрои ифодаҳои қавсдорро аз беқавс фаҳмад;<br>- аз намунаҳо истифода карда, ифодаҳои қавсдор ва беқавси якдуамала тартиб диҳад ва ҳал кунад.<br>- мавқеи қавсро муайян кунанд.<br>2.4. Ба ададҳои дурақама ададҳои яклухтро ҷамъ | 3.1. Ададҳоро дар доираи 1000 хонда ҷамъ, тарҳ, зарб ва тақсим карда метавонанд:<br>- ададҳоро хонда ва навишта тавонанд;<br>- бо амалҳои +,-,x,: шинос бошанд;<br>- бо мавҳумҳои маротиба кам, маротиба зиёд сарфаҳм раванд.<br>3.2. Ҷамъ ва тарҳи саддиҳои яклухтро гуфта ва навишта метавонанд;<br>- садиҳоро дар доираи 1000 гуфта навишта тавонанд;<br>- аз чанд сифр иборат буданашонро гуфта тавонанд;<br>- ба гурӯҳи ададҳои чандрақама дохил шуданашонро гуфта тавонанд.<br>3.3. Ба разряди саддиҳо ва номи садиҳои яклухт ҷудо кардани ададҳоро донанд:<br>- ададҳои серақама навишта воҳид, даҳӣ, садиҳоро муайян карда хонда тавонанд;<br>- ададҳоро ба суммаи разряди ҷудо карда тавонанд.<br>325=300+20+5<br>- ҳангоми мондани ададҳо хонаи воҳидро сар карда тавонанд.<br>3.4. Аз даҳӣ (садӣ) гузашта ҷамъ, тарҳ кардани ададҳои серақамаро хонда, навишта | 4.1. Ададҳои бисёррақамаро бо адади якрақама зарб ва тақсим карда метавонанд:<br>- ҷадвали зарбҳоро аз ёд донанд;<br>- ададҳои бисёррақама тартиб дода тавонанд;<br>- бо ададҳои якрақама тақсим карда ҳисобкуниро аз чап ба рост сар кунанд, дар амали тақсим (зарб аз рост).<br>4.2 Амали зарбро бо таксим ва баръакс санҷида метавонанд:<br>- ифодаҳои додашударо дар сутун навишта зарб карда тавонанд;<br>- ҳосили зарбро ёбанд ва дурустии онро бо амали тақсим санҷида тавонанд;<br>- номи ададҳоро дар амали зарб, тақсим хонда тавонанд.<br>4.3. Ададро бо ададҳои ба 0-тамомшаванда зарб ва тақсим карда метавонанд;<br>- хосиятҳои зарби ______ ва тақсими адад ва ададҳои бо 0 – тамомшавандаро донанд:<br>- зарб ва тақсими ғайриҷадвалиро донанд;<br>- мавқеи 0-ро дар ҳалли мисолҳо донанд.<br>4.4. Алоқамандии байни ҳамзарбҳо ва ҳосили зарбро муайян кунанд:<br>- ифода навишта алоқамандии байни ададҳои зарбшавандаро гуфта ҳал карта тавонад.<br>4.5. Алоқамандии байни тақсимшаванда ва ҳосили |

**Қадами 3. Кор дар гурӯҳҳо.**
**Масъала:** Ҷадвалро дар асоси ҷадвали машғулияти пешина ва таҷрибаи худ пурра созед.

| Синфи 1 | Синфи 2 | Синфи 3 | Синфи 4 |
|---|---|---|---|
| 1.<br><br>Барои ба даст овардани ин мақсад хонанда бояд:<br><br>-<br>-<br>- | ***1.2. Навиштани эълон***<br><br>Барои ба даст овардани ин мақсад хонанда бояд:<br><br>-<br>-<br>- | ***1.3. Навиштани эълон***<br><br>Барои ба даст овардани ин мақсад хонанда бояд:<br><br>-<br>-<br>- | ***1.4. Навиштани эълон***<br><br>Барои ба даст овардани ин мақсад хонанда бояд:<br><br>-<br>-<br>- |

**Қадами 4. Муаррифӣ ва арзёбии натиҷаи кори гурӯҳҳо.**
**Масъала:** Муаррифии гурӯҳҳоро бодиққат гӯш карда онҳоро дар асои ҷадвали зерин арзёбӣ кунед.

| Нишодиҳанда | Ҳа | Не | Қисман | Тавсия |
|---|---|---|---|---|
| Муаррифӣ хоно ва фаҳмо аст. | | | | |
| Масъала пурра ҳал шудааст. | | | | |
| Шарҳу эзоҳи муарриф ба маврид ва фаҳмост. | | | | |
| Муарриф ба саволҳо пурра ҷавоб дод. | | | | |

**Қадами 5. Арзёбӣ. Ба худ баҳо додан.**
**Масъала:** Ба саволҳо ҷавоб гардонед.
- Ҳангоми таҳияи индикаторҳо (фаъолиятҳо) ба кадом мушкили рӯ ба рӯ шудед?
- Кӣ ва ё чӣ ба шумо ёрӣ расонд?
- Дар таҳияи индикаторҳо чӣ ба шумо маъқул шуд? Чаро?
- Оё барои мақсадҳои дигари стандарт чунин индикатор таҳя карда метавонед?

**Модули 1. Машғулияти 7. Кори лоиҳавӣ.**

**Қадами 1. Ангезиши зеҳн.**
**Масъала.** Дарси пешинаро ба хотир оварда, ба саволи зерин ҷавоб диҳед.
Барои ноил гаштан ба мақсади таълим чӣ бояд кард? Чаро?

**Қадами 2. Кор дар гурӯҳҳо.**
**Масъала**: Аз стандарти таҳсилоти ибтидоӣ як фанро интихоб кунед. Аз он як мақсади таълимро интихоб карда, онро дар ҷадвали индикаторҳои/нишондоди расидан ба мақсади таълим ба синфҳо ҷудо карда, индикаторҳои онро таҳия намоед.
- Гурӯҳи аввал «Забони модарӣ»;
- Гурӯҳи дуюм «Математика»;
- Гурӯҳи сеюм «Санъат ва меҳнат»;
- Гурӯҳи чорум «Табиатшиносӣ»;
- Гурӯҳи панҷум «Суруд ва мусиқӣ».

**Қадами 3. Муаррифӣ ва арзёбии натиҷаи кори гурӯҳҳо.**
**Масъала:** Ҳангоми муаррифии гурҳҳо тавассути ҷадвали зерин онҳоро арзёбӣ кунед.

| **Номи гурӯх:** | | | |
|---|---|---|---|
| **Барномаи таҳлилшаванда:** | | | |
| **Мақсади таълими интихобшуда:** | | | |
| | **Ҳа** | **Не** | **Тавсия ба гурӯх** |
| Қадамҳо/нишондодҳои таҳияшуда барои расидан ба мақсади таълим мувофиқ мебошанд. | | | |
| Гурӯх муаррифиро хуб ба роҳ монд. | | | |
| Қадамҳои овардашуда иҷрошавандаанд. | | | |
| Қадамҳои овардашуда ба синну сол ва қобилияти хонандагон мувофиқанд. | | | |

**Мақсадгузорӣ - кори лоиҳавӣ**

## Кори лоиҳавии инфиродӣ

**Эзоҳ**: Муаллими гиромӣ, ин аввалин кори лоиҳавии шумо дар доираи курси мазкур аст. Кори лоиҳавӣ машғулияти мустақилона буда, берун аз дарс таҳия карда мешавад. Он дар асоси маълумот ва донишу малакаи ҳосилкардаи шумо дар давоми марҳилаи муайяни таълим гузаронида мешавад. Марҳилаи таълимие, ки шумо айни замон азхуд кардаед, мақсадгузорӣ мебошад. Аз ин лиҳоз кори лоиҳавии шумо таҳияи ҷадвали нишондодҳо барои расидан ба мақсадҳои таълим аст. Ҳангоми таҳияи он аз дастурҳои зерин истифода баред.

1. Стандарти фанни таълимии синфҳои ибтидоиро интихоб кунед.
2. Аз он як мақсади таълимро интихоб карда, онро дар ҷадвали нишондоди расидан ба мақсади таълим (индикаторҳо) ба синфҳо ҷудо карда, нишондодҳои онро таҳия намоед.

**Модули 1. Машғулияти 8. Таксономияи мақсадҳои таълим**

**Қадами 1. Хониши мустақилона**

**Масъала:** Хонед ва муносибати худро оид ба матн ба аҳли синф гӯед.

## БЕНҶАМИН БЛУМ: ТАКСОНОМИЯИ КАТЕГОРИЯҲОИ АСОСИИ МАҚСАДҲОИ ТАЪЛИМ.



Блум Бенҷамин Сэмюэл равоншинос ва педагог, профессори соҳаи педагогика буда, аз соли 1938 дар Донишгоҳи Чикаго фаъолият кардааст. Вай таксономияи дараҷаи асосии мақсадҳои педагогиро дар соҳаи маърифат ва эҳсосот тартиб додааст. Ӯ инчунин ду шакли арзёбиро муайян кардааст: арзёбии формативӣ, ки ба муайян кардани дараҷаи ҳозираи дониш ва ислоҳ кардани камбудиҳои он равона шудааст ва **арзёбии ҷамъбастӣ**, ки натиҷаи як давраи муайяни омӯзишро ҷамъбаст мекунад.

Ба ақидаи Блум, вазифаи мақсадҳои асосии таълим дар он аст, ки малакаи фикрронии эҷодкорона, ҳал карда тавонистани проблема ва қабул кардани қарорҳои мақсадноки хонандагон ташаккул дода шавад. Ба ақидаи ӯ, агар муаллимон нисбат ба фикрронии амиқ ва мураккаби кӯдакон ҳассос бошанд ва онро ба низом дароранд, ба ин мақсадҳои асосии таълим ноил шудан мумкин аст. Бенҷамин Блум китоби «Таксономияи мақсадҳои таълим» (Нию Йорк, Давид, Маккей, с. 1956) - ро таҳия намуда, дар он ӯ тафаккурро ба 6 дараҷаи ташаккули қобилиятҳои маърифатӣ ҷудо мекунад.

Таксономияи аввала

| | |
|---|---|
| БАҲОГУЗОРӢ | 6 |
| СИНТЕЗ | 5 |
| ТАҲЛИЛ | 4 |
| ИСТИФОДА | 3 |
| ФАҲМИШ | 2 |
| ДОНИШ | 1 |

Таксономияи таҳрирёфта

| | | |
|---|---|---|
| Эҷод кардан | 6 | Дараҷаи фикрронии баланд (3–6) |
| Баҳо додан | 5 | |
| Таҳлил кардан | 4 | |
| Истифода бурдан | 3 | |
| Фаҳмидан | 2 | |
| Дар хотир гирифтан | 1 | |

Бо гузашти замон ва таҳлили олимони муосир таксономия Блум тағйироти зеринро касб кард:

- Номҳои ҳамаи шаш категорияи асосӣ аз исм ба феъл тағйир дода шуданд.
- Чун таксономия шаклҳои гуногуни фикррониро инъикос менамояд ва фикрронӣ раванди фаъол аст. Феълҳо бештар дақиқ карда шуданд.
- Зеркатегорияҳои ин шаш категорияи асосӣ низ бо феълҳо иваз карда шуданд.
- Баъзе зеркатегорияҳо аз нав сохта шуданд.
- Категорияи *Дониш* тағйири ном шуд. Дониш маҳсули фикррони аст ва барои тавсифи категорияи фикрронӣ, ки мувофиқ набуд, бо ибораи *дар хотир гирифтан* иваз шуд.
- *Фаҳмиш* бо *фаҳмидан* ва *синтез* бо *эҷод кардан* тағйири ном шуд, то хусусияти фикрронии барои ҳар категорияи тавсифшаванда беҳтар инъикос ёбад.
- Эҷод кардан аз баҳогузорӣ боло гузошта шуд

**Қадами 2. Худбаҳодиҳӣ**
**Масъала:** Баъди қисмати аввали матн дониши худро дар асоси саволҳои зерин санҷед. Агар барои ҷавоб додани саволҳо мушкилӣ кашед, бори дигар матнро хонед ва ё аз тренер ё рафиқатон кӯмак пурсед.

1. Бенҷамин Блум кист?
2. Ӯ чиро ихтироъ кардааст?
3. Шаклҳои арзёбие, ки Бенҷамин Блум муайян кардааст, чӣ ном доранд ва чӣ гуна шарҳ дода мешаванд?
4. Ба ақидаи Блум вазифаи мақсадҳои асосии таълим чист?
5. Дар кадом ҳолат метавон ба мақсадҳои асосии таълим ноил гашт?
6. Таксономияи аввалаи Блум аз кадом зинаҳо таркиб ёфтааст?
7. Кадом тағйирот ба таксономияи Блум ворид карда шудаанд? Чаро?

**Қадами 3. Кор дар гурӯҳҳо**
**Масъала:** Бо зинаҳои Таксаномияи Блум шинос шавед. Барои ҳар як зина се амал (фаъолият, феъл) нависед. Феълҳо бояд ба талаботи зина мувофиқ бошанд.

| Зина | Амал/феъл |
|---|---|
| ***Зинаи аввал - Дар хотир гирифтан.*** Дар ин зина хонанда метавонад маълумоти омӯхтаашро ба хотир орад, аз нав изҳор кунад ва дар хотир нигаҳ дорад. | |
| ***Зинаи дуввум. Фаҳмидан*** Хонанда мазмуну маънои маълумотро тавассути тафсиркунии маълумот азхуд мекунад | |
| ***Зинаи сеюм. Истифода намудан*** Хонанда маълумот/донишро дар шароиту вазъияти дигар истифода мекунад. | |
| ***Зинаи чорум. Таҳлил кардан*** Хонанда маълумоти омӯхтаашро ба қисмҳо ҷудо мекунад то онро хубтар фаҳмад. | |
| ***Зинаи панҷум. Баҳо додан*** Хонанда дар асоси мулоҳизаҳои амиқ, интиқод ва ташхисот тасмим мегирад. | |
| ***Зинаи шашум. Эҷод кардан*** Хонанда бо истифода аз чизҳои пештар омӯхташ ақидаҳо ва маълумоти нав эҷод мекунад. | |

**Қадами 4. Муаррифӣ ва арзёбии натиҷаи кори гурӯҳҳо.**
**Масъала:** Муаррифии гурӯҳҳоро бодиққат гӯш карда онҳоро дар асои ҷадвали зерин арзёбӣ кунед.

| Нишодиҳанда | Ҳа | Не | Қисман | Тавсия |
|---|---|---|---|---|
| Муаррифӣ хоно ва фаҳмо аст. | | | | |
| Масъала пурра ҳал шудааст. | | | | |
| Шарҳу эзоҳи муаррификунанда ба маврид ва фаҳмост. | | | | |
| Муаррификунанда ба саволҳо пурра ҷавоб дод. | | | | |

**Қадами 5. Санҷиш**

**Масъала:** Ҷадвали таҳиякардаатонро бо замимаи 1 муқоиса кунед. Чанд амал ба замима мувофиқ афтод?

| Зина | Амал/феъл |
|---|---|
| ***Зинаи аввал - Дар хотир гирифтан.*** Дар ин зина хонанда метавонад маълумоти омӯхтаашро ба хотир орад, аз нав изҳор кунад ва дар хотир нигаҳ дорад. | қайд кардан, номбар кардан, навиштан, муайян кардан, иттилоъ додан, нақл кардан, омӯхтан. |
| ***Зинаи дуввум. Фаҳмидан*** Хонанда мазмуну маънои маълумотро тавассути тафсиркунии маълумот азхуд мекунад | далел овардан, иваз кардан, мушаххас кардан, фаҳмондан, фарқ кардан, шинохтан, шарҳ додан, мисол овардан. |
| ***Зинаи сеюм. Истифода намудан*** Хонанда маълумот/донишро дар шароиту вазъияти дигар истифода мекунад. | дохил кардан, илова кардан, тасвир кардан, истифода бурдан, баён кардан, татбиқ кардан, тағйир додан |
| ***Зинаи чорум. Таҳлил кардан*** Хонанда маълумоти омӯхтаашро ба қисмҳо ҷудо мекунад то онро хубтар фаҳмад. | ҷудо кардан, муқоиса, ҳимоя, исбот кардан, тасниф кардан, тахмин кардан, пешгӯйӣ кардан, таҳлил кардан, гурӯҳбандӣ кардан, ҷо ба ҷо гузоштан, тақсим намудан, санҷидан. |
| ***Зинаи панҷум. Баҳо додан*** Хонанда дар асоси мулоҳизаҳои амиқ, интиқод ва ташхисот тасмим мегирад. | санҷидан, тартиб додан, ба нақша гирифтан, баҳо додан, чен кардан, аз нав омӯхтан |
| ***Зинаи шашум. Эҷод кардан*** Хонанда бо истифода аз чизҳои пештар омӯхтааш ақидаҳо ва маълумоти нав эҷод мекунад. | Ташхис кардан, ихтироъ кардан, ҷамъ овардан, назорат кардан, ташкил кардан, сохтан, эҷод кардан |

**Модули 1. Машғулияти 9. Ба хотир гирифтан – марҳилаи аввалини ташаккули фикрронӣ**

**Мақсади таълим:**
**Иштирокчиён:**
- барои зинаи ба хотир гирифтан саволу масъалаи таълим таҳия мекунанд.

**Қадами 1. Ангезиши зеҳн**
**Саволҳо**:
- Барои дар хотир гирифтани ягон ахбор ё маълумот хонанда бояд кадом фаъолиятҳоро анҷом диҳад?

**Қадами 2. Кор дар гурӯҳҳо.**
**Масъала**: Бо истифода аз ҷадвали зерин, барои зинаи ба хотир гирифтан саволу масъалаи таълим таҳия намоед.

| Дараҷаи қобилиятҳои маърифатӣ | Мафҳумҳо ва саволҳои асосӣ: | Мақсадҳои таълим |
|---|---|---|

| | | |
|---|---|---|
| Дар хотир гирифтан | Дарачаи **бахотиргирӣ ва такрор кардани маводи** пешниҳодшуда, ки мушкилиаш гуногун аст (мафҳум, қоида, аломатҳо ва ғайраҳо).<br>**Саволҳои асосӣ:** гӯед, ки дар кадом сол...; кадом қисмати...; номбар кунед; қоидаро нависед ва ғайра.<br>Амалҳо: қайд кардан, номбар кардан, навиштан, муайян кардан, иттилоъ додан, нақл кардан, омӯхтан. | Хонанда истилоҳ, қоида, мафҳум, воқеаҳо ва дигар маълумотро медонад, **такрор мекунад.** |

**Қадами 3. Маррифӣ ва арзёбии натиҷаи кори гурӯҳӣ.**
**Масъала**: Саволу масъалаҳоро барои зинаи дар хотир гирифтан муаррифӣ кунед.

**Қадами 4. Арзёбӣ.**
**Масъала:** Яке аз воситҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро истифода бурда, фаъолияти худро арзёбӣ кунед.

**Модули 1. Машғулияти 10. Саволу масъалаҳо барои зинаи фаҳмидан**

**Мақсади таълим:**
**Иштирокчиён:**
- барои зинаи фаҳмидан саволу масъалаи таълим таҳия мекунанд.

**Қадами 1. Ангезиши зеҳн.**
**Саволҳо**:
- Барои дарк кардани моҳияту мақсади ягон ахбор ё маълумот хонанда бояд кадом фаъолиятҳоро анҷом диҳад?

**Қадами 2. Кор дар гурӯҳҳо.**
**Масъала**: Бо истифода аз ҷадвали зерин, барои зинаи фаҳмидан саволу масъалаи таълим таҳия намоед.

| **Дараҷаи қобилиятҳои маърифатӣ** | **Мафҳумҳо ва саволҳои асосӣ:** | **Мақсадҳои таълим** |
|---|---|---|
| Фаҳмидан | Дараҷаи **азхудкунии** мавод ва қобилияти онро тағйир додан ва тафсиру шарҳдиҳӣ.<br>**Саволҳои асосӣ:** ибораро ба охир расонед...; шумо фаҳмидед, ки...; барои чӣ...; ибораро дигар кунед…; бо суханҳои худ нақл кунед...; нақша ва графикро фаҳмонед ва ғайра.<br>**Амалҳо**: далел овардан, иваз кардан, мушаххас кардан, фаҳмондан, фарқ кардан, шинохтан, шарҳ додан, мисол овардан. | Хонанда истилоҳ ва қоидаро **мефаҳмад**, нақша ва графикро шарҳ медиҳад. Дар асоси маълумоти мавҷуда тахминан натиҷаи дар назар дошташударо тавсиф медиҳад. |

**Қадами 3. Маррифӣ ва арзёбии натиҷаи кори гурӯҳӣ.**
**Масъала**: Саволу масъалаҳоро барои зинаи фаҳмидан муаррифӣ кунед.

**Қадами 4. Арзёбӣ.**
**Масъала:** Яке аз воситҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро истифода бурда, фаъолияти худро арзёбӣ кунед.

**Модули 1. Машғулияти 11. Саволу масъалаҳо барои зинаи истифода бурдан**

**Мақсади таълим:**
**Иштирокчиён:**
- барои зинаи истифода бурдан саволу масъалаи таълим таҳия мекунанд.

**Қадами 1. Ангезиши зеҳн.**
**Саволҳо**:
- Барои истифодаи донишҳои андухта хонанда бояд кадом фаъолиятҳоро анҷом диҳад?

**Қадами 2. Кор дар гурӯҳҳо.**
**Масъала**: Бо истифода аз ҷадвали зерин, барои зинаи истифода бурдан саволу масъалаи таълим таҳия намоед.

| Дараҷаи қобилиятҳои маърифатӣ | Мафҳумҳо ва саволҳои асосӣ: | Мақсадҳои таълим |
|---|---|---|
| Истифода бурдан | Қоида, назария, усулҳоро дар ҳама ҳолатҳо **истифода** бурда метавонад.<br>**Саволҳои асосӣ:** мақсади истифодаи... фаҳмонед; масъалаи додашударо ба якчанд роҳ ҳал кунед (бо роҳи аз ҳама мувофиқ); бо истифодаи кадом назария (қоида) ҳодисаро фаҳмонидан мумкин аст...; ин тахминро фаҳмонед; (фарзия, хулосаҳо)... ҳалли маъалаҳоро бо формула нависед ( бо ҳарфҳо нависед)...;<br>**Амалҳо**: дохил кардан, илова кардан, тасвир кардан, истифода бурдан, баён кардан, татбиқ кардан, тағйир додан | Хонанда донишҳои пештар андӯхтаашро на танҳо дар ҳолатҳои стандартӣ, инчунин дар дигар ҳолатҳо низ дуруст **истифода мебарад**. |

**Қадами 3. Маррифӣ ва арзёбии натиҷаи кори гурӯҳӣ.**
**Масъала**: Саволу масъалаҳоро барои зинаи истифода бурдан муаррифӣ кунед.

**Қадами 4. Арзёбӣ.**
**Масъала:** Яке аз воситҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро истифода бурда, фаъолияти худро арзёбӣ кунед.

**Модули 1. Машғулияти 12. Саволу масъалаҳо барои зинаи таҳлил кардан**

**Мақсади таълим:**
**Иштирокчиён:**
- барои зинаи таҳлил кардан саволу масъалаи таълим таҳия мекунанд.

**Қадами 1. Ангезиши зеҳн.**
**Саволҳо**:
- Барои таҳлили донишҳои андӯхта хонанда бояд кадом фаъолиятҳоро анҷом диҳад?

**Қадами 2. Кор дар гурӯҳҳо.**
**Масъала**: Бо истифода аз ҷадвали зерин, барои зинаи таҳлил кардан саволу масъалаи таълим таҳия намоед.

| Дараҷаи қобилиятҳои маърифатӣ | Мафҳумҳо ва саволҳои асосӣ: | Мақсадҳои таълим |
|---|---|---|
| Таҳлил кардан | Маҳорати махсус қайд кардани сохтори маводи таълимӣ, муайян кардани алоқамандии таркибҳо ва мантиқи ин алоқамандӣ.<br>**Саволҳои асосӣ:** сохтори... чӣ гуна аст; ба навъу гурӯҳҳо ҷудо карда... муқоиса кунед; сабабҳоро таҳлил кунед; чизҳои асосӣ ва дуюмдараҷаро муайян кунед; пайдарҳамиро мушоҳида кунед; аз чӣ оғоз намудан...; чӣ тавр идома додан.....<br>**Амалҳо**: ҷудо кардан, муқоиса, ҳимоя, исбот кардан, тасниф кардан, тахмин кардан, пешгӯйӣ кардан, таҳлил кардан, гурӯҳбандӣ кардан, ҷо ба ҷо гузоштан, тақсим намудан, санҷидан | Хонанда қисматеро аз як чизи том ҷудо карда алоқамандии байни онҳоро мефаҳмад, камбудиҳоро дар мантиқ ҳангоми муҳокимаҳо қайд мекунад; байни ҳодиса ва оқибати он фарқ мегузорад; ба сифати маълумот баҳо медиҳад. |

**Қадами 3. Маррифӣ ва арзёбии натиҷаи кори гурӯҳӣ.**
**Масъала**: Саволу масъалаҳоро барои зинаи таҳлил кардан муаррифӣ кунед.

**Қадами 4. Арзёбӣ.**
**Масъала:** Яке аз воситҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро истифода бурда, фаъолияти худро арзёбӣ кунед.

## Модули 1. Машғулияти 13. Саволу масъалаҳо барои зинаи арзёбӣ кардан

**Мақсади таълим:**
**Иштирокчиён:**
- барои зинаи арзёбӣ кардан саволу масъалаи таълим таҳия мекунанд.

**Қадами 1. Ангезиши зеҳн.**
**Саволҳо**:
- Барои арзёбии ахбор, донишу маълумот хонанда бояд кадом фаъолиятҳоро анҷом диҳад?

**Қадами 2. Кор дар гурӯҳҳо.**
**Масъала**: Бо истифода аз ҷадвали зерин, барои зинаи арзёбӣ кардан саволу масъалаи таълим таҳия намоед.

| Дараҷаи қобилиятҳои маърифатӣ | Мафҳумҳо ва саволҳои асосӣ: | Мақсадҳои таълим |
|---|---|---|
| Арзёбӣ кардан | Маҳорати махсус қайд кардани сохтори маводи таълимӣ, муайян кардани алоқамандии таркибҳо ва мантиқи ин алоқамандӣ.<br>**Саволҳои асосӣ:** сохтори... чӣ гуна аст; ба навъу гурӯҳҳо ҷудо карда... муқоиса кунед; сабабҳоро таҳлил кунед; чизҳои асосӣ ва дуюмдараҷаро муайян кунед; пайдарҳамиро мушоҳида кунед; аз чӣ оғоз намудан...; чӣ тавр идома додан.....<br>Амалҳо: санҷидан, тартиб додан, ба нақша | Хонанда қисматеро аз як чизи том ҷудо карда алоқамандии байни онҳоро мефаҳмад, камбудиҳоро дар мантиқ ҳангоми муҳокимаҳо қайд мекунад; байни ҳодиса ва оқибати он фарқ |

| | | |
|---|---|---|
| | гирифтан, баҳо додан, чен кардан, аз нав омӯхтан | мегузорад; ба сифати маълумот баҳо медиҳад. |

**Қадами 3. Маррифӣ ва арзёбии натиҷаи кори гурӯҳӣ.**
**Масъала**: Саволу масъалаҳоро барои зинаи арзёбӣ кардан муаррифӣ кунед.

**Қадами 4. Арзёбӣ.**
**Масъала:** Яке аз воситҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро истифода бурда, фаъолияти худро арзёбӣ кунед.

**Модули 1. Машғулияти 14. Саволу масъалаҳо барои зинаи эҷод кардан**

**Мақсади таълим:**
**Иштирокчиён:**
- барои зинаи эҷод кардан саволу масъалаи таълим таҳия мекунанд.

**Қадами 1. Ангезиши зеҳн.**
**Саволҳо**:
- Барои эҷод кардан хонанда бояд кадом фаъолиятҳоро анҷом диҳад?

**Қадами 2.  Кор дар гурӯҳҳо.**
**Масъала**: Бо истифода аз ҷадвали зерин, барои зинаи эҷод кардан саволу масъалаи таълим таҳия намоед.

| Дараҷаи қобилиятҳои маърифатӣ | Мафҳумҳо ва саволҳои асосӣ: | Мақсадҳои таълим |
|---|---|---|
| Эҷод кардан | Маҳорати якҷоя кардани ҷузъҳои алоҳида ба як чизи нави том. **Саволҳои асосӣ:** роҳи ҳалро ёбед...; алгоритмро пешниҳод кунед...; роҳи навро пешниҳод кунед...; аз элементҳои зерин...; чӣ тавр инро фаҳмидан мумкин аст; хулоса кунед, хусусиятҳои асосиро интихоб карда муқоиса кунед; ...аз рӯйи аломати муайян фаҳмонед...; нақшаи корӣ созед. **Амалҳо**: ташхис кардан, ихтироъ кардан, ҷамъ овардан, назорат кардан, ташкил кардан, сохтан, эҷод кардан. | Хонанда ба кори эҷодӣ машғул аст; нақшаи гузаронидани ягон таҷрибаро пешниҳод мекунад; маълумоти мавҷудаашро аз соҳаҳои гуногун истифода мебарад. Ин ба таври эҷодкорона коркардабароии маълумот ва сохтани як чизи нави том мебошад. |

**Қадами 3. Маррифӣ ва арзёбии натиҷаи кори гурӯҳӣ.**
**Масъала**: Саволу масъалаҳоро барои зинаи эҷод кардан муаррифӣ кунед.
- Дар таҳияи мақсад ва масъала ба кадом душвориҳо рӯбарӯ шудед? Чаро?
- Дар таҳияи мақсад ва масъала чӣ ба шумо кӯмак расонид?
- Барои чӣ шумо чунин масъала ва ё саволу супориш интихоб намудед?

**Қадами 4. Кори дунафарӣ. Таҳлилу азёбӣ.**

**Қадами 5. Масъала**: Масъалаҳои таълимии зеринро таҳлил карда, гӯед, ки онҳо ба кадом дараҷаи қобилиятҳои маърифатӣ дохил мешаванд.
**Намунаҳои масъалаҳо**

**Калимаҳои зеринро хонед. Ба талаффузи овози "ӣ" эътибор диҳед.**
Моҳӣ, лаълӣ, Саъдӣ, ҳавлӣ, бозӣ, киштӣ, қайчӣ, шолӣ, Ҷомӣ, некӣ, Сайлӣ. (Забони модарӣ, китоби дарсӣ барои синфи 2., Абдуллоев И., Икромова Ф., Душанбе 2005, сҳифаи 11)

**Дурусту нодуруст**

Ба хонандагон гӯед, ки ҷуфти ҷумлаҳоро хонда друст ва нодуруст будани онҳоро шарҳ диҳанд

а) Дӯсти ҳақиқӣ он аст, ки моро пурра мефаҳмад.
б) Дӯсти ҳақиқи он аст, ки моро пурра мефаҳмад.

а) Дӯстӣ маслиҳатгар дӯстест, ки туро аз кирдору рафтори бад нигоҳ медорад.
б) Дӯсти маслиҳатгар дӯстест, ки туро аз кирдору рафтори бад нигоҳ медорад.

**Имлои дунафара**
Ба хонандагон гӯед, ки дунафара кор кунанд. Яке калимаҳоро хонад, дигар онҳоро нависад. Сипас баръакс. Ба ин восита дараҷаи ба хотир гирифтани хонандагонро баланд бардоред.

**Арзёбии кори дигарон**

Ба хонандаҳо гӯед, ки матнро хонда, хатоҳои онро ёбанд ва ислоҳ кунанд.

Пагоҳи Хайрулло аз хоб хеста, сӯйӣ тиреза нигарӣст. Борони майда меборид. Ӯ дасту рӯй шуст ва ба чойнӯши нишаст.

Ба хонандагон гӯед, ки ҷумлаҳоро кӯчонанд ва ба ҷойҳои холӣ ҳарфи "ӣ" ё "и" нависанд.
1) Пагоҳ__ Хайрулло аз хоб хеста, сӯй_ тиреза нигарист.
2) Як пагоҳ__ чашм__ Фахр__ ба либос__ ҳарб__ афтид.
3) Ҳамин тариқ, дӯсти__ байн__ хирс ва боғбон мустаҳкам гардид.

**Ҷойҳои холиро пурра сохтан**

Ба хонандагон гӯед, ки матнро кӯчонанд ва ба ҷойҳои холӣ ҳарфи "ӣ" нависанд.
*Масалан*:
Шод__ ҳар пагоҳирӯз___ бо варзиши бадан машғул мешавад. Мо дар майдончаи варзиш__ боз__ кардем. Саъд__ дар боз__ ғолиб омад.

**Матнро хонед ва зери исмҳои он хат кашед.**

Тоҷикистони маҳбубамон баъди расидан ба истқлолият суруди миллии нави худро бар матни Шоири халқии Тоҷикистон Гулназар Келдӣ қабул намуд, ки оҳанги онро Сулаймон Юдаков офардидааст. Ҳар яки мо бояд суруди миллиамонро аз ёд донем. (Боронов Б., Бойев Б. Забони модарӣ, китоби дарсӣ барои синфи 3. Душанбе, - 2008. саҳ 6).

**Матнро хонда, исмҳои хоси онҳоро муайян намуда, бо ҳарфи калон нависед. Интихобатонро шарҳ диҳед.**

1. ноҳияи панҷ дар ҷануби мамлакат воқеъ гаштааст.
2. сирдарё дарёи сероб мебошад.
3. рустам дар синфи чорум мехонад.
4. шамсия дар шаҳри душанбе зиндагӣ мекунад.
5. меҳмонхонаи “пойтахт” дар маркази шаҳри душанбе ҷойгир аст.

**Масъала**: Матнро хонед саволу ҷавоби гурбача ва мушбачаро ҷо ба ҷо гузоред.

**Гурбачаи сода**

Бад-набуд як гурбача буд. Вай Мошон ном дошт. Боре Мошон муш доштанӣ шуд. Аммо ӯ ҳанӯз хурдакак буд ва чӣ будани мушро намедонист. Фақат аз гурбаҳои калон шунида буд, ки онҳо ҳамеша муш медорнд. Вай ҳам мехост, ки зудтар ягонто муш дорад, то ба қатори гурдаҳои калон дохил шавад.

Мошон таҳхона даромад. Ин сӯю он сӯ гашт, вале касеро надид. Камин гирифта поид, вале касе пайдо нашуд. Ногоҳ каҳтӯда хиширрос зад. Мошон пеш ҷаҳид ва чашмаш ба ҷонвараки думдарозе афтод.

| | |
|---|---|
| 1 | - Ту кистӣ? – пурсид Мошон. |
| 2 | - Барои чӣ? – пурсид мушбача. |
| 3 | - Воҳ, - хурсанд шуд Мошон, - худи ту ман даркорӣ! |
| 4 | - Мушбача. |
| 5 | - Барои чӣ буданашро намедонам, лекин медонам, ки гурбаҳо бояд муш доранд. |

Мушбача гуфт:

| | |
|---|---|
| 1 | - Албатта, мехоҳам, гуфт гурбача Мошон. |
| 2 | - Гурбаҳо барои он муш медоранд, ки мушугурбабозӣ кунанд. Мехоҳӣ, ин бозиро ба ту ёд диҳам? |
| 3 | - Ин тавр бошад, рафта ба кунҷак исто, - гуфт мушбача. – Чашматро пӯшу то се шумор, ана баъд чашматро кушою маро бидор! |

Гурбача ба як кунҷаки таҳхона рафта истод. Баъд чашмашро пӯшида, аз рӯйи гуфтаи мушбача то се шумориду чашмашро кушод. Бинад, ки аз мушак дараке нест.

**Масъала**. Ба калимаҳои сутуни 1 аз сутуни 2 қофия ёбед.

| | |
|---|---|
| асал | забон |
| гарм | нарм |
| салла | калом |
| дӯлона | калла |
| салом | амал |
| даҳон | дугона |

**Масъала**. Мувофиқи намуна якеро интихоб намоед.

Намуна: себ – ширин

1. олуча – сурх
2. анор – турш
3. шафтолу – калон
4. ангур – ҳусайнӣ

**Масъаларо хонда, шарти мухтасар тартиб диҳед.**

Аз $\frac{1}{3}$ ҳиссаи матоъро буриданд, ки аз он 6 метр боқӣ монд.

Ҳамагӣ чанд метр матоъ буд?

**Масъаларо ҳал кунед.**

20 21 22 23 24 25

Дар шаш истакон бо тартиби ракамҳои дар боло додашуда олӯ буд. Мунира, Олим ва Дилбар дутогӣ истакон гирифтанд, ки дар натича ба ҳама баробар олӯ расид. Бо тирча истконҳоро тавре пайваст кунед, ки ҳосили ҷамъи онҳо баробар шавад.

**Модули 1. Машғулияти 15. Банақшагирии дарс дар асоси мақсадҳои таълим**

**Қадами 1. Ангезиши зеҳн.**
**Савол.** Дарси хуб аз чӣ оғоз мегардад?

**Қадами 2. Кори дунафарӣ.**
**Масъала:** Нақшаи яксоатаи дарсатонро ба хотир оварда, аз саволҳои зерин истифода бурда, онро ба рафиқатон шарҳ диҳед.
1. Нақшаи дарс аз кадом қисматҳо иборат аст?
2. Он мақсадҳои мушаххас дорад?
3. Усулҳои таълим, пайдарпайии фаъолиятҳо ба инобат гирифта шудаанд?
4. Фаъолиятҳои муаллим ҳангоми дарс оварда шудаанд?
5. Маводи таълим (матн, мисолҳо ва ғайра) нишон дода шудаанд?
6. Меъёрҳои арзёбӣ оварда шудаанд?

**Қадами 3. Кори гурӯҳӣ.**
**Масъала:** Нақшаи дарсии намунавиро таҳлил намоед. Гӯед, ки он аз нақшаи маъмулӣ чӣ фарқ дорад?

**Намунаи нақшаи дарсӣ**

**Дарс:** забони модарӣ
**Синф:** 3
**Давомнокӣ**: 2 соат
**Мақсадҳои таълими дарс:**
**То охири дарс хонанда метавонад:**
- матни табрикномаро аз дигар навъҳои матн фарқ кунад;
- иборахои ба табрикнома хосро гӯяд ва истифода барад;
- дар асоси қолаби пешниҳодшуда бо иваз кардани шахс табрикнома нависад.

**Ҷадвали нақшаи дарс**

| Мақсади мушаххас | Мавзӯъ ва мундариҷа | Усули кор | Вақт | Воситаҳои арзёбӣ |
|---|---|---|---|---|
| - фарқ кардани матни табрикнома аз дигар навъҳои матн | Порчае аз матнҳои афсона, ҳикоя, эълон, табрикнома | Хондани ва муқоисаи матнҳо | 5 дақиқа | Пурсиши ҷавоб |
| | | Кори дунафарӣ. Хондани порчаи матнҳо ва ёфтани ибораҳои фарққунандаи онҳо | 10 дақиқа | Назорату маслиҳат додан ва пурсишу ҷавоб |
| | | Диаграммаи Вен. Навиштани ҷиҳатҳои монанд ва фарқноки матнҳои эълон ва табрикнома | 15 дақиқа | Назорату маслиҳат. |
| - таҳлили ибораҳои хоси табрикнома | табрикнома оид ба Иди 8 март | Кори дунафарӣ. Дарёфти ибораҳои ба ҳам монанд дар табрикномаҳо | 10 дақиқа | Назорат ва маслиҳатдиҳӣ |
| | | Муҳокимаронии умумӣ. Саволу ҷавоб ва таҳияи рӯйхати умумии | 7 дақиқа | Саволу ҷавоб. |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | ибораҳои монанд. | | |
| | | Навиштани ҷумлаҳо бо ибораҳои хоси табрикнома | 10 дақиқа | Назорат ва маслиҳат додан. Тавсияҳои хаттӣ. |
| Навиштани табрикнома дар асоси қолаби пешниҳодшуда бо иваз кардани шахс | Қолаби навиштани табрикнома ба муносибати иди 8 март | Кори фардӣ. Навиштани табрикнома аз рӯйи қолаб | 10 дақиқа | Назорат ва маслиҳат додан. Тавсияҳои хаттӣ. Худбаҳо додан. |
| | | Муаррифии табрикномаҳо | 10 дақиқа | Ҳамдигарбаҳодиҳӣ |
| | | Ҷамъи вақт | 77 дақиқа, 13 дақиқа барои тавсия додан, лаҳзаи дамгирӣ ва вазифаи хонагӣ ва кор бо хонандагоне, ки ҳангоми иҷрои фаъолиятҳо душворӣ мекашанд. | |

**Равиши дарс**

**Муаллим:** Дар лавҳи синф «афсона», «ҳикоя», «эълон» ва «табрикнома» менависад. Ба хонандагон чор порчаи матнҳои зеринро пешниҳод менамояд (агар имконият набошад, онҳоро мехонад). Аз онҳо хоҳиш менамояд, ки матнҳоро хонда (шунида) онҳоро мувофиқи калимаҳои дар тахта навишта гузоранд.

**Хонандагон**: Матнҳоро хонда, онҳоро ба калимаҳои дар лавҳ навишташуда мувофиқ мегузоранд.

Матнҳо:

| | |
|---|---|
| Буд - набуд, дар як ҷангал шер, хирс ва гург буд. Онҳо бо ҳам дӯстони ҷонӣ буданд. Рӯзе аз ҷангали дигар рӯбоҳе омада, бо шер ошно шуд. Ҳар рӯз ба шер тӯҳфа меовард ва дили ӯро ба худ гарм мекард. Хирсу гург аз ин ҳол хабардор шуда, ба назди шер омаданд… | Модарҷони азиз!<br><br>Шуморо бо Иди 8 март табрик гуфта, ба Шумо умри дароз ва саломатӣ орзу дорам.<br><br>Бо тамманиёти нек<br>Беҳрӯз |
| Каждум заҳри пурзарар дар неш ва бо ин нияти бад сафар кард. Ногоҳ ба лаби обе паҳновар расиду фурӯ монд. Сангпуште бар вай раҳм намуд ва бар пушти худаш савор карда, худро дар об андохт ва шинокунон рӯй ба ҷониби дигар ниҳод. … | Диққат!<br><br>Имрӯз дар китобхонаи мактаб бахшида ба Иди наврӯз намоиши расмҳои кашидаи синфи 2 «а» баргузор мегардад!<br><br>Шитобед ба тамошо! |

**Муаллим** ба хонандагон муроҷиат намуда, мепурсад:
Кадоме аз ин матнҳо афсона, ҳикоя, эълон ва табрикнома аст?
**Хонандагон**: ба саволи муаллим ҷавоб мегӯянд.
**Муаллим**: Шумо чӣ тарз онро муайян намудед? Чӣ барои Шумо кӯмак расонд?
**Хонандагон:** тарзи муайян намудани ба кадом навъ тааллуқ доштани матнҳоро мегӯянд.

**Муаллим:** ба хонандагон чунин муроҷиат мекунад: Қанд занед, ана дидед, ки ҳар як навъи матн аз якдигаре фарқ мекунад. Биёед, он фарқҳоро меёбем. Ба лавҳи синф ҷадвал мекашад, ва ба хонандагон мегӯяд, ки дунафарӣ машғул шуда, порчаҳои матнҳоро хонда, ибораҳои фарқунандаи онҳоро ёбанд.

| Афсона | Ҳикоя | Эълон | Табрикнома |
|---|---|---|---|
| **Масалан:**<br>- *буд* - *набуд* | | | |

**Хонандагон**: Дунафарӣ матнҳоро хонда, як-ду ибораи фарққунандаи ҳар яки онҳоро дар ҷадвал менависанд.
**Муаллим**: Диққати хонандагонро ба лавҳи синф ҷалб карда, ҷавобҳояшонро мепурсад ва онҳоро ба ҷадвал менависад. Сипас якҷоя хулоса мебарорад.
**Хонандагон**: Ҷадвали худро муаррифӣ мекунанд.
**Муаллим ва хонандагон:** Биёед, ду матнро ба ҳам муқоиса мекунем. Диаграммаи Венро дар тахтаи синф мекашад ва дар дохили яке «Эълон» ва дар дигар «Табрикнома» менависад. Сипас аз хонандагон хоҳиш менамоянд, ки дар давраҳо калима ва ибораҳои фарққунандаро нависанд ва дар давраи мобайн монандиҳоро ба мисли намунаи зерин:




**Муаллим**: Се матни табрикномаро ба хонандагон намоиш дода, дар пештоқи синф меовезад. (Агар имконият бошад, ба ҳар як ҷуфт сетоӣ матн пешниҳод мекунад.) Ва мегӯяд: «Акнун биёед, бо ҳам се матни табрикномаро мехонем ва қисмҳои монандро меёбем ва ба дафтар менависем».

**Хонандагон**: Дунафарӣ матнҳоро хонда, қисмҳои ба ҳам монанди онҳоро ба дафтарашон мекӯчонанд.

**Матнҳои намунавӣ:**

Матни 1
Очаҷон!
Ман Шуморо ба муносибати фаророрасии Иди 8 март табрик гуфта, ба Шумо умри дарози бобаракат ва саломатӣ таманно дорам.
Бо эҳтиром
Далерҷон

Матни 2
Муаллимаи меҳрубон!
Мо, хонандагони синфи 2 «б», Шуморо бо Иди 8 март табрик карда, ба Шумо комёбиҳо таманно дорем. Сиҳату саломат бошед.
Бо эҳтиром
Хонандагони синфи 2 «б».

Матни 3.
Хоҳарҷони азизу меҳрубонам, Азиза!
Туро бо Иди 8 март табрик гуфта, бароят ҳамаи хушиҳои зиндагиро таманно дорам.
Бо эҳтиром
Бародарат Сӯҳроб

**Муаллим**: Пас аз он ки хонандагон ҳамаи қисмҳои монанди матнро ёфтанд, ҷавобҳои онҳоро пурсида, ба лавҳи синф менависад ва бо аҳли синф ҳар яки онро муҳокима карда, як рӯйхат тартиб медиҳад.
**Хонандагон**: Қисмҳои монанди матнро мегӯянд ва онҳоро таҳлил мекунанд.
**Муаллим**: Калима ва ибораҳои зеринро дар тахтаи синф менависад ва аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки яктогӣ ҷумла гӯянд. Сипас ба хонандагон мегӯяд, ки дар дафтарашон аз 1 то 3 - ҷумлагӣ нависанд.
**Калима ва ибораҳо:**
меҳрубон, табрик, комёбӣ, таманно, эҳтиром, хушиҳои зиндагӣ, умри дароз, сиҳативу саломатӣ.

**Хонандагон**: Ҷумла менависанд.
**Муаллим**: Аз якчанд нафар (хубтараш хонандагоне, ки даст боло намекунанд) хоҳиш менамояд, ки ҷумлаҳояшонро хонанд. Ба ҳамаи хонандагон ташаккур мегӯяд.
**Муаллим**: Матни зеринро ба лавҳи синф менависад. Сипас калимаҳои ивазшавандаи онро пок мекунад. Аз хонандагон хоҳиш менамояд, ки ба ҷойи он калимаҳо номҳо ва калимаҳои мехостагиашонро нависанд.
**Хонандагон:** Қолаби пешниҳодшударо мекӯчонанд ва ба ҷойҳои холӣ калимаву ибораҳои мувофиқро менависанд.
Масалан:
Модари азизу меҳрубон!
Ман Шуморо ба муносибати Иди 8 март табрик гуфта, ба Шумо умри дароз, сиҳативу саломатӣ ва комёбиҳо таманно дорам.
Бо эҳтиром,
Саодат.

________ азизу меҳрубон!
Ман Шуморо ба муносибати Иди 8 март табрик гуфта, ба Шумо _______, _________ ва __________таманно дорам.
Бо эҳтиром
________________.
**Муаллим**: аз хонандагон хоҳиш менамояд, ки табрикномаҳояшонро ба рафиқашон хонанд. Сипас аз якчанд хонанда муаррифӣ (хондани) табрикномаҳо пурсида мешавад.
**Муаллим**: Дарсро ҷамъбаст намуда, ба ҳамаи хонандагон ташаккур мегӯяд ва вазифаи хонагӣ медиҳад. Вазифаи хонагӣ - навиштани як табрикнома ба модар бахшида ба Иди 8 март.

**Қадами 4. Муҳокима ва таҳлил.** Ҳар як қадами дарсро аз рӯйи саволҳои зерин таҳлил намоед.

1. Нақшаи дарс аз кадом қисматҳо иборат аст?
2. Ҳар як қисмат чиро дар бар мегирад?
3. Оё ин дарсро дар синфи дуюм гузарондан мумкин аст? Чаро ҳа? Чаро не?
4. Фаъолиятҳо ба вақти ҷудошуда мувофиқанд?
5. Ба фикри Шумо, боз ба он чӣ илова кардан мумкин аст?
6. Ба фикри Шумо, кадом душвориҳо дар вақти чунин банақшагирии дарс садди роҳи Шумо мешаванд?

**Қадами 5. Хондани матн.**
**Масъала:** Матни «Махзани асрор»-ро хонед. Гӯед, ки таҳияи нақшаи дарс дар асси мақсади таълим аз муаллим чӣ талаб мекунад.

**«Махзани асрор»**

Омодагии муаллим ба дарс фаъолияти эҷодии ӯро нишон медиҳад. Ташкили дарс асосан ба захираи дониш, таҷриба ва тайёрии муаллим вобаста аст. Ҳар як дарс аз муаллими хоҳ навкор бошад, хоҳ соҳибтаҷриба, тайёрии ҷиддиро талаб мекунад.

Омодагии муаллим ду марҳиларо дар бар мегирад: *умумӣ ва алоҳида*

***Омодагии умумӣ:***

– омӯхтани адабиёти педагогӣ;
– психологӣ;
– методӣ;
– талабот ва мазмуни барномаи таълими фан;
– мактубҳои эзоҳӣ;
– китоби дарсӣ;
– таҷрибаи пешқадами омӯзгорони дигар;
– таҷрибаи шахсии андӯхта;
– тартиб додани нақшаи тақвимӣ (истифода аз соатҳои нақшаи таълимӣ).

***Омодагии алоҳида:***

– тартиб додани нақшаи дарс.

Навиштани нақшаи дарс омодагии омӯзгорро ба дарс нишон медиҳад.

**1.** Нақшаи дарс барои:

- беҳтаршавии кори таълиму тарбия;
- равшан нишон додани мақсад;
- истифодаи самараноки вақт;
- интихоби дурусти мавзӯъ, мавод, методҳо;
- истифодаи мақсадноки асбобҳои аёнӣ;
- ҳосил намудани боварӣ ба фаъолияти худ;
- бартараф намудани такрори бемақсад;
- фикр кардан бо мақсади дарёфт намудани роҳҳои нави тадрис;
- муайян намудани алоқамандии мавзӯи нав бо мавзӯи гузашта;
- дуруст баҳо додан ба кори худ ва хонандагон аҳамияти калон дорад.

**2.** Навиштани нақшаи дарс аз рӯйи мақсадҳои таълим барои омӯзгорон душвор менамояд. Дар асл ин душвор нест, агар муаллим барои дарс мақсадҳои мушаххасро муайян намояд. Баъди он ки мақсадҳои мушаххаси дарсро муайян намояд, вай бояд барои мукаммал кардани нақшаи дарси худ ба саволҳои зерин ҷавоб диҳад:

а) ман барои ба мақсад расидан бояд чӣ гуна фаъолиятҳоро интихоб намоям?
б) тарзи нишасти хонандагон барои иҷрои ҳар як фаъолият чӣ хел бояд ташкил шавад?
в) чӣ тавр фаъолиятҳоро барои дарс ва омӯзиш ба як тартиби мантиқӣ дарорам?
г) чӣ тавр месанҷам, ки мақсадҳои гузошташуда иҷро шуданд ё не?

*Агар ба ин саволҳо ҷавоб ёфта тавонед, дарси шумо натиҷаи хуб медиҳад.*

**3.** Нақшаи дарс меъёрҳои зерин дорад:

- мақсадҳо бояд мушаххас бошанд;
- усулҳои таълим, пайдарпайии фаъолиятҳо;
- нақши муаллим ҳангоми дарс нишон дода шавад;
- маводи таълим муайян бошад;
- меъёрҳои арзёбӣ нишон дода шаванд.

4. Мақсадҳои мушаххас аз рӯйи меъёрҳои зерин муайян карда мешаванд:

- ба хонанда нигаронида шуда бошанд;
- ченшаванда бошанд;
- дастрас бошанд;
- вақт муайян бошад;
- амалишаванда бошанд;
- мушаххас бошанд;
- бо феълҳои «метавонад, тавонад» баён гарданд.

**Модули 1. Машғулияти 16. Кори лоиҳавӣ. Банақшагирӣ дар асоси таксономияи Блум**

**Мақсади таълим:**
**Иштирокчиён:**
- дар асоси таксономияи Блум нақшаи дарс таҳия мекунанд.

**Қадами 1. Кори дунафарӣ.**
**Масъала. Қадами 1. Кори дунафарӣ.**
**Масъала**: Нақшаи намунавии дарсҳоро мушоҳида карда, қисмҳои онро таҳлил намоед.
**Саволҳо**:
- Нақшаи дарс барои синфи чандум аст?
- Фан ва мақсади таълимии он чист?
- Мақсади мушаххаси онро номбар кунед?
- Он аз кадом қисмҳо иборат аст?
- Оё метавон онро дар синфи сеюм истифода бурд?
- Шумо ин мақсадҳоро дар синф чӣ хел амалӣ мекунед?
- Ба нақшаи мазкур чӣ тағйирот даровардані ҳастед?

**Нақшаи дарс.**

**Синф:** 4

**Фан**: Забони модарӣ

**Мақсади таълим**: то интиҳои дарс хонандагон матни табрикномаро навишта тавонанд.

| Мақсади мушаххас То интиҳои дарс хонандагон метавонанд: | Мавзӯъ ва мундариҷа | Усули кор | Масъалагузорӣ ва саволҳо | Дараҷаи қобилият-ҳои маърифатӣ |
|---|---|---|---|---|
| - дар асоси намунаҳои табрикнома хусусияти онро ба ин ва ё он ҷашн ва рӯзҳои таърихӣ муайян кунанд; | Намунаҳои табрикномаҳо: наврӯзӣ, солинавӣ, иди 8 март, иди муаллимон, зодрӯз | Хондани мустақилона | Намунаҳои табрикномаҳоро хонед ва гӯед, ки онҳо ба кадом ид муносибанд? | Дар хотир гирифтан |
| | | Хондани бодиққат ва муайян намудани ахбори мушаххас | Табрикномаҳоро хонда, калимаҳо ва ибораҳои хоси он идро ишора кунед. Кадом калимаҳо ва ибораҳо махсус дар иди Наврӯз (соли нав, иди муаллимон ва ғ.) истифода мешаванд? | Фаҳмидан |
| - фарқи байни табрикномаҳоро вобаста ба идҳо гӯянд; | Намунаҳои табрикномаҳо | Хондани бодиққат ва муайян намудани ахбори мушаххас. | Табрикномаҳоро хонда, калимаҳо ва ибораҳои фарқкунандаро ишора кунед. | |
| - дар асоси намуна вобаста ба иду ҷашн табрикнома нависанд; | Намунаҳои табрикномаҳо | Машқи навиштан дар асоси намуна. | Табрикномаҳоро бори дигар хонед ва ба монанди онҳо табрикнома нависед. | |
| - мустақилона ба наздиконашон | Таҷрибаи ҳосилкардаи | Иншо кардан. | Навиштани табрикнома. | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| (падару модар ва ғ.) табрикнома нависанд | хонанда | | | Истифода |
| - табрикномаро вобаста ба ид ороиш диҳанд | Таҷрибаи азхудкардаи хонанда | Ороиш (нақшу нигор)-и табрикнома. | Табрикномаро бо нақшу нигор оро диҳед. | |
| - табрикномаҳои навиштаашонро бо ҳамдигар муҳокима намоянд; | Натиҷаи кори хонанда | Кори дунафарӣ. | Табрикномаи навиштаи ҳамдигарро муқоиса кунед. | Таҳлил |
| - табрикномаи тайёркардаашонро муаррифӣ кунанд; | Натиҷаи кори хонанда | Муаррифӣ ва арзёбӣ. | Кори худро ба аҳли синф муаррифӣ намоед ва муҳокима кунед. | Баҳо додан |
| - табрикнома барои якчанд ҷашну ид навишта, оро диҳанд. | Мақсад, натиҷаи таълим | Кори мустақилона. | Хонанда дар мавриди зарурӣ табрикнома навишта метавонад. | Эҷод кардан |

**Нақшаи дарс**

**Синф**:

**Фан**: математика

**Мақсади таълим:** То интиҳои дарс хонандагон амалҳои зарб ва тақсимро иҷро карда тавонанд.

| ***Мақсади мушаххас: То интиҳои дарс хонандагон метавонанд:*** | ***Мавзӯъ ва мундариҷа*** | ***Усул ва шакли кор*** | ***Масъалагузорӣ ва саволҳо*** | ***Дараҷаи қобилиятҳои маърифатӣ*** |
|---|---|---|---|---|
| ҷадвали зарбро гӯянд; қоидаи ёфтани периметри росткунҷаро гӯянд; | Ҷадвали зарб ва тақсим. Зарби адади серақама ба ададди якрақама. Ёфтани периметри росткунҷа. | Саволу ҷавоб, кор дар давра (Мавзеи тафсон) | Ҷадвали зарби 2-ро ба хотир оред. Ба саволҳо ҷавоб диҳед. Қоидаи ёфтани периметро ба хотир оред ва гӯед. | **Дар хотир гирифтан** |
| ифодаҳоро ҳал карда, шарҳ диҳанд. Масъалаи 4-ро ҳал кунанд. | Намунаи мисоли 2, саҳ. 120<br>Ҳалли масъалаи 4, саҳ. 120. | Кори инфиродӣ. | Ифодаҳои додашударо зериҳам навишта, ҳисоб кунед.<br>Шарти масъаларо хонед ва онро ҳал кунед. | **Фаҳмидан** |
| периметри дарсхонаи худро ёбанд. | Тартиб додани масъалаи ёфтани периметр. | Кори амалӣ. | Дарозӣ ва бари дарсхонаи худро чен кунед ва периметри онро ёбед. | **Истифода кардан** |
| оид ба ёфтани периметри квадрат | Масъалаи 5, саҳ. 120. | Саволу ҷавоб. | Оид ба ёфтани периметри квадрат аз рӯйи шаклҳои | **Таҳлил** |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| масъала тариб диҳанд. | | | пешниҳодшуда масъала тартиб диҳед ва ҳалли онро шарҳ диҳед. | |
| масъалаҳои ҳалкардаи якдигарро муҳокима намоянд | Масъалаҳои ҳал кардашуда. | Баҳсу мунозира. | Ҳалли худро бо ҳалли масъалаи гурӯҳи дигар муқоиса намоед ва муҳокима кунед. | **Баҳо додан** |
| яке аз ашёҳои синфро интихоб намуда, доир ба ёфтани периметри он масъала тартиб диҳанд. | Ёфтани периметри ашёҳои дарсхона. | Кори гурӯҳӣ, муаррифӣ. | Яке аз ашёҳои синфро интихоб намоед. Доир ба ёфтани периметри он масъала тартиб диҳед ва барои ҳал кардани он ба гурӯҳи дигар пешниҳод намоед. | **Эҷод кардан** |

**Қадами 2. Кор дар гурӯҳҳо.**
**Масъала**: Аз стандарт як мақсади таълимро интихоб кунед. Дар асоси намунаҳои боло нақшаи дарси намунавӣ таҳия намоед.

**Қадами 3. Арзёбӣ ва ҷамъбасти машғулият.**

| Саволҳо | Ҳа | Не | Хулоса ва тавсияҳо |
|---|---|---|---|
| Имрӯз саҳми ман дар кори гурӯҳӣ зиёд буд | | | |
| Дарси амалии имрӯзаро дарк кардам | | | |
| Дар бобати ба нақша гирифтан дар асоси дараҷаҳои қобилияти маърифатӣ тасаввурот пайдо кардам | | | |
| Нақшаи намунавиро бо нақшаҳои дарсие, ки то ин замон таҷриба мекардам муқоиса карда метавонам | | | |
| Аз рӯйи намуна мустақилона нақша тартиб дода метавонам | | | |
| Ба тренер чунин саволҳо дорам: | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| Тавсияҳои умумӣ ба худам барои беҳтар азхуд кардани ба нақша гирифтани дарс | | | |
| | | | |

**Модули 2. Машғулияти 1. Таълими хонандамеҳвар (ба шахсият нигаронидашуда) – маҳаки асосии таълим дар синфҳои ибтидоӣ**

**Қадами 1. Ангезиши зеҳн.**
**Масъала.** Оё дарси имрӯза ба инкишофи хонанда, ҳамчун шахсият мусоидат мекунад? Ба ин расм нигаред. Ба фикри шумо барои дар асри XXI зиндагию фаъолият кардани онҳо кадом малакаю маҳоратҳо заруранд? Чаро чунин меҳисобед?

Ин писару духтар, хонандагон, фарзандон ояндаи моянд, ки дар асри XXI зиндагию фаъолият хоҳанд кард.

**Масъала 2. Кори дунафарӣ.** Дарсатонро ба ёд оред ва гӯед, ки ҳангоми гузаронидани он Шумо такмили ин малакаҳоро ба эътибор мегиред? Оё раванди такмили ин малакаҳоро метавон дар нақшаи дарс ҷо дод? Чӣ тарз? Кай?

►**Малака** – қудрат ва тавоноӣ дар иҷрои коре, ки дар натиҷаи машқ ва коре дар табиати инсон пайдо мешавад; **малака** ... **дар** ...




**Қадами 3. Кор дар гурӯҳҳо.**
**Масъала**: Матнро хонед ва бо ҳайати гурӯҳ машварат намуда, гӯед, ки кадоме аз малакаҳои зерин дар дарси мазкур такмил дода мешавад: Муносибати муаллиму шогирдро ба таълим муқоисаю таҳлил кунед. Нишонаҳои инкишофи малакаҳоро аз матн ёбед. Барои исбот далел оварда, Т – нақшаи зерро пурра кунед ва кори худро муаррифӣ намоед.

| **Инкишофи малакаҳо** | **Мисолҳо** | **Ҳаст** | **Нест** |
|---|---|---|---|
| Муошират | *Ту бачаи кундзеҳн будаӣ. Ҳамин қадар ёд додам, ҳанӯз ёд намегирӣ.* | | |
| Кор бо маълумот | …………….. | | |
| Мустақилият | …………….. | | |
| Ҷустуҷӯйӣ (Тадқиқотӣ) | …………….. | | |
| Эҷодӣ | …………….. | | |
| Арзёбӣ (Баҳодиҳӣ) | …………….. | | |
| *Натиҷа* | *Оё чунин шогирд будан осон аст? Барои чӣ?* | | |

Матн

Бачаҳо ҷамъ шуданд, мактабдор:

- Хонетон! – гӯён чӯби дарози худро бардошт. Ҳама ба фарёд даромаданд ва ман ҳам «алиф, бе, те, се » гӯён дод мегуфтам.

Мактабдор ба халифа нигоҳ карда:

- Сабақ деҳ! – гуфт.

Халифа аз зарби чӯби дирӯза лангон–лангон хеста бо навбат пеши ҳар бача нишаста, ӯро сабақ медод.

Имрӯз ба сабақи ман худи мактабдор мутасаддӣ шуда, маро ба рӯ ба рӯйи худ нишонид ва тахтачаро ба пешам гузошта:

- Сабақатро хон! – гуфт. Ман, бе он ки ба тахтача нигоҳ кунам:

- Алиф, бе, те, се, - гуфтам.

- Дуруст, боракалло! – гуфт мактабдор ва худаш дар вақте ки ба хатнависӣ машғул буд:

- Поёнашро хон, «ҷим, ҳе, хе» гӯй, - гуфт…

Ман аз забони мактабдор гирифта …номи он ҳарфҳоро гирифта такрор мекардам.

Пас аз он ки мактабдор ин гуна талқин кард ва ман такрор намудам, гуфт:

- Акнун худат хон!

- Алиф, бе, те, се, - гуфтам ман.

- Не, - гуфт ӯ поёнашро хон!

Аммо ман намедонистам, ки болои инҳо кадом асту поёнаш кадом аст. Бинобар ин, дар ҳолате ки ҳоло ҳам башараи мактабдорро тамошо мекардам, даст пеш гирифта истодам.

- Поёнашро хон мегӯям, - гуфта мактабдор шиддат кард. Худи ӯ ҳоло ба хатнависӣ машғул буд, пас аз он ки ӯ хатҳои навиштаи худро ба ҷузгираш ба болои он хатҳое, ки аз пагоҳ боз менавишт, гузошт, ба ман нигоҳ карда, қадре хомӯш истод ва гуфт:

- Ту бачаи бисёр кундзеҳн будаӣ, ман ҳамин қадар ёд додам, ҳанӯз ёд намегирӣ.

- Чиро ёд додед? - гуфтам ман.

- Ҷим, ҳе, хе –ро гуфт ӯ.

- Инро медонам, - гуфтам ман ва такрор кардам:

- Ҷим, ҳе, хе ва илова кардам, - инҳоро медонам, аммо поёнашро намедонам.

- Поёнаш ҳамин аст, боракалло, рав ба ҷоят нишин, хондан гир! – гуфт.

Ман ҳам ба ҷойи худ рафта «ҷим, ҳе, хе» гӯён ба такрор даромадам…

(Садриддин Айнӣ. Осори баргузида дар ду ҷилд.
Душанбе, 1978. – Ҷилди 2. – саҳ. 124-125).

**Қадами 4. Муҳокимаи умумӣ.**

*Саволҳо барои муҳокима.*

Аз муносибати устоду шогирдон ба таълим чӣ хулоса кардан мумкин аст?

Муносибати муаллим бо хонандагон чӣ гуна аст?

Оё хонанда ҳамчун шахсият ба этибор гирифта мешавад?

Оё дар ин навъи дарс метавон ягон малакаро такмил дод?

**Қадами 5. Хулосабарорӣ.**

**Масъала:** Матни «Махзани асрор»-ро хонед ва гӯед, ки ба хулосаи зерин розӣ ҳастед? Чаро ҳа? Чаро не?

Махзани асрор

Вазъи имрӯзаи мактабро устод Лутфуллоев хеле хуб ба қалам додаанд:

«Агар аз муаллимони… фанҳо пурсед, ки чаро дониши бачаҳо аз фанни шумо бо ҳар ду по мелангад, тахминан ҷавоб медиҳанд, ки:

«Намедонам, ман дарс медиҳам, дарсҳоямро бо тайёрии пухта ва асбобҳои аёнӣ мегузаронам». Бале, муллим дарс медиҳад ва шояд тайёрии пухта ҳам бинад. Ана

касодии кори мо ҳам дар ҳамин аст. Мо дарс медиҳем ва ҳар рӯз мактаб меоему меравем. Вале оё дарси моро, мазмуни мавзӯи моро, моҳияти назарию амалии моро бачаҳо мефаҳманд ё не, - ба ин коре надорем. Чаро?

Зеро муаллим вазифаашро анҷом медиҳад, - мегӯяд, мефаҳмонад. Талабаҳо - чӣ? Онҳо хомӯшона гӯш мекунанд. Ҳамин тавр ҳар рӯзу ҳар сол. Муаллим муаллим асту талаба – талаба. Байни ину он девори кабири Хитой».

*(Лутфуллоев М. Дарс, - Душанбе, 1995, саҳ. 76).*

Чаро чунин аст?

- Дар таълим хусусиятҳои психологии шахсияти хонанда сарфи назар мешавад;
- ба ҳама талаботи ягона пешниҳод мегардад;
- ба шавқу завқ ва майлу хоҳиши хонанда моро парвое нест;
- аз онҳо чизеро талаб менамоем, ки худамон дар вақташ аз ӯҳдаи он намебаромадем;
- аз аввал хонандагонро ба табақаҳо ҷудо намуда, тухми нобоварӣ ба якдигарро мекорем ва ғайраҳо.

Дар асл, дар ниҳоди ҳар як шахс ҷавҳаре нуҳуфтааст. Он дар яке барвақт, дар дигаре дертар ошкор мегардад. Вазифаи мо, омӯзгорон аз он иборат аст, ки ба ҳар хонанда аз рӯйи қобилияту тавоноияш муносибат намоем. Онҳо кӯзае нестанд, ки пур созем, балки машъале мебошанд, ки онро бояд афрӯзем.

Физики машҳур Исаак Нютон аз фанни физика душворӣ мекашид. Менделеев аз химия, А. П. Чехов аз адабиёт базӯр баҳои қаноатбахш мегирифтанд. Назариядони машҳури соҳаи физика, яке аз асосгузорони физикаи муосир, муаллифи «Назарияи кванти рӯшноӣ», муаллифи «Назарияи умумӣ ва таълимии нисбият», асосгузори қонуҳои фотоэффект Алберт Эйнштейн хеле дер сухангӯйиро ёд гирифт, дар мактаб талабаи сустхон буд. Пас аз хатми мактаб муаллимони худро бо меҳрубонӣ ба ёд оварда мегуфт, ки маҳз муносибати хайрхоҳонаи устодон, сабру таҳаммули онҳо ба бузург шудани ман мусоидат намуд.

**Модули 2. Машғулияти 2. Шахсият чист?**

**Қадами 1. Ангезиши зеҳн.**
**Савол:** Шахсият чист? Нишонаҳои шахсият кадоманд?

**Қадами 2. Кор дар гурӯҳҳо.** Дар гурӯҳҳо матнеро, ки ба Шумо пешниҳод карда мешавад, хонед ва онро ба тариқи кластер ба аҳли синф муаррифӣ намоед.

**Ҳама гурӯҳҳо**
**Шахсият**

Якуми сентябр. Саҳни мактаб ороста. Хонандаи синфи якум бори аввал бо дастагул вориди дарсхона мешавад. Кист ӯ? Ӯ тарошаи аз бом афтода набуда, аллакай 7-сола аст. Дар ин муддат хусусиятҳои психикии вай то дараҷае ташаккул ёфтааст.

Вай оҳиста – оҳиста ташаккул меёбад. Пеш аз он ки вай вориди дарсхона мегардад, дар вай алакай баъзе хусусиятҳои инфиродии психикӣ мушоҳида мешавад. Ба ин дохил мешаванд:
- мизоҷ;
- қобилият;
- характер.

**Гурӯҳи А**
**Мизоҷ**

Ба мизоҷ хусусиятҳои махсуси психикии модарзодию индивидуалӣ дохил мешаванд. Дар байни хонандагон аз лаҳзаҳои аввал мизоҷи онҳо маълум мегардад. Яке зоҳиран ором, вазнину ботамкин, дигаре серҳаракат, серғавғо, ҳамеша хушҳол, серташвиш ва бетоқат аст. Ин ба типи мизоҷ алоқаманд аст. Физиолог ва равоншинос И. П. Павлов дар асоси тадқиқоти илмии типҳои зерини фаъолияти олии асаб ва мизоҷро муайян кард буд:

- Типи 1. Типи зӯр ва дар мувозинат буда- *сангвиник.* Тез фикр мекунад, қувваи ҳофиза ва қобилияти хуби муҳокимаронӣ дорад. Фаъол ва ташаббускор аст.
- Типи 2. Типи зӯр ва дар мувозинат буда- *холерик.* Тез оташин мешавад, беқарор, бетамкин ва фаъолу ташаббускор аст.
- Типи 3. Типи зӯр ва дар мувозинат буда - *флегматик*. Ботамкину устувор, саросемагиро намеписандад. Масъулиятро хуб дарк мекунад.
- Типи 4. Типи суст ва дар мувозинат набуда - *меланхолик.* Бисёр ҳассос буда, ба зудӣ ғамгин мешавад. Қобилияти зеҳнии суст дорад.

**Гурӯҳи Б**
**Қобилият**

Хонандагони мо дар баробари мизоҷ аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва рӯҳӣ ҳам баробар, якхела нестанд. Қобилияти онҳо низ хеле гуногун аст. Қобилият танҳо дар фаъолият ифода меёбад. Қобилият донишу малакаю маҳорат набуда, балки воситаи ба даст овардани онҳост, ки чӣ гуна дар шароити якхела, амиқ, осон ва мустаҳкам ба даст меояд. «Аз ҳар кас мувофиқи қобилият» - чунин маъно дорад, ки аз хонандагон натиҷаи якхела чашмдор шудан мумкин нест, пас онҳо қобилияти гуногун доранд. Қобилиятро истеъдод, лаёқат низ мегӯянд.

**Гурӯҳи В**
**Характер**

Дар забони тоҷикӣ мафҳуми хислат бо калимаҳои *хулқу хӯ*, *хулқу атвор*, *одоб*, *рафтору кирдор* ва ғайра ифода меёбад (характерам рост наомад, характераш вазнин). Характер гуфта дар равоншиносӣ маҷмӯи хислатҳои фардии махсуси психикиро мегӯянд, ки дар тарзҳои фаъолият ва муошират пайдо шуда, зоҳир мегардад ва тарзи рафтори хоси фардро муайян мекунад. Характер дар муносибати одам ба олам муайян мегардад

Чун кӯдак мактабхон шуд, ба вазъияти дигар рӯ ба рӯ мешавад. Камолоти минбаъдаи вай дар дохили гурӯҳҳои иҷтимоӣ чунин муносибатеро ба миён меорад, ки вайро чун шахс ташаккул медиҳад. Дар ин давра фаъолияти пешбарандаи ӯ таълим хоҳад буд (дар давраи то ба мактаб омадан фаъолияти пешбаранда бозӣ аст). Барои он ки таълим ҳақиқатан фаъолияти пешбаранда бошад, фароҳам овардани шароит, лозим аст. *Дар ҳавасманд гардонидани мактаббача саҳми ҳиссиёт муҳим аст.*

**Гурӯҳи Г**
**Ҳиссиёт**

Дар майнаи сари одам инъикос шудани муносибатҳои ҳақиқии ӯ ба объектҳои ба вай аҳамиятнок ҳиссиёт аст. Ҳиссиёт нишонаи қонеъгардонии талаботи пайдошуда аст. Дар мактаббача баробари ба мактаб омадан талабот ба таҳсил пайдо мешавад ва барои қонеъ намудан ин талабот вай бояд ҳавасманд бошад. Аз ин рӯ аз рӯзҳои аввал сар карда дар хонандагон ба вуҷуд овардани ҳиссиёти мусбат нисбат ба таҳсил нақши муҳим мебозад. Барои фаълияти таълим танҳо ҳиссиёт кифоя нест.

**Гурӯҳи Ғ**
**Сифатҳои иродавӣ**

Амалҳои инсон ба майлу хоҳиш, орзую ният ва ангезаҳо гуногун вобаста аст.

Маҷмӯи хоҳиш, кӯшишу ғайрат, ангезаҳои гуногун, яъне ҳамаи қувваҳои барангезандаи шахсият, ки хусусияти ваҷҳи амал, рафтор ва тарзҳои фаъолиятро мегирад, соҳаи ваҷҳиёт ё тамоили шахсиятро ташкил медиҳад. Бедор намудани ин ваҷҳиёт ба таълим ба иродаи вай таъсир мерасонад. Дар мактаббача кӯшишу ғайрат барои таҳсил пайдо мешавад.

Чун майлу хоҳиш ва кӯшишу ғайрат барои таҳсил пайдо шуд, бевосита ҷараёни таълим сурат мегирад, ки аз амалҳои донишандӯзӣ иборат аст.

**Амалҳои донишандӯзӣ**

| | |
|---|---|
| Эҳсос | Диққат |
| Идрок | |
| Хотир | |
| Тафаккур | |
| Хаёл | |

**Қадами 3. Хулосабарорӣ.**

**Савол:** Ба хулосаи зерин розӣ ҳастед? Чаро ҳа? Чаро не?

Вақте, ки кӯдак ба мактаб меояд, аллакай соҳиби баъзе хусусиятҳои инфиродии психикӣ: мизоҷ, қобилият, характер аст. Дар мактаб фаъолияти пешбарандаи ӯ таълим хоҳад буд. Ҳамин хусусиятҳои психикии ӯро ба назар гирифта мо бояд дар ӯ нисбат ба таълим ҳиссиёти мусбатро бедор кунем, бо лутфу меҳрубонӣ муносибат намуда, майлу хоҳиш ва шавқу завқи ӯро ба эътибор гирем. Ваҷҳи ӯро ба таҳсил бедор намуда, тавассути амалҳои донишандӯзӣ барои инкишофи қобилият, характер, сифатҳои иродавии вай шароити мусоид фароҳам орем.

**Модули 2. Машғулияти 3. Аз чӣ бояд оғоз кард?**

**Қадами 1. Ангезиши зеҳн.**

**Масъала**. Шумо дар аввали соли хониш дарсҳои такрориро бо кадом мақсад мегузаред?

**Қадами 2. Кори дунафарӣ.**

**Масъала**: Вазъиятҳои зеринро таҳлил карда, хатоҳо ва муваффақиятҳои муаллимонро ёбед ва онҳоро шарҳ диҳед.

Вазъияти А

Муаллима Рустамова Заррина бо сабаби беморӣ ба рухсатӣ баромад. Ба ҷойи муаллима дар синфи 2 «а» муаллимаи ҷавон Ҳотамова Шамсия ба дарсдиҳӣ шурӯъ кард. Ӯ бе муайян намудани он, ки хонандагон дар кадом сатҳанд ва чиро азбар кардаанд дарси математикаро оғоз кард. Дар лавҳи синф чунин навишт:

13 – (2+3) =

7 + (5-2) =

8 + (8+2) =

Ба хонандаҳо муроҷиат карда, гуфт, ки ин мисолҳоро ба дафтар кӯчонда, онҳоро ҳал намоянд. Баъди муддате, хонандаҳо ба муаллима гуфтанд, ки онҳо ин мисолҳоро кор карда наметавонанд, зеро ин тарзи мисолро нагузаштаанд. Муаллима гуфт, ки шумо бояд мегузаштед, ғурғуркунон ба фаҳмондани тартиби ҳалли амалҳо оғоз кард.

Вазъияти Б

Муаллима Рустамова Заррина бо сабаби беморӣ ба рухсатӣ баромад. Ба ҷои муаллима дар синфи 2 «а» муаллимаи ҷавон Раҳимова Гулсара ба дарсдиҳӣ шурӯъ кард. Пеш аз ба дарс омадан нақшаи дарсии муаллима Рустамоваро аз назар гузаронда, муайян намуд, ки хонандагон чиро гузаштаанд ва медонанд? Ба дарс даромада, аввал

бо хонандагон шинос шуда, бо якчанд савол дарсҳои пешинаро такроран аз хонандагон пурсида, дараҷаи донишу азхудкунии хонандагонро муайян намуда, сипас дарси навро оғоз кард.

**Қадами 3. Муҳокима**. Гӯед, ки ҳангоми таҳияи қадамҳо/фаъолиятҳо барои расидан ба мақсади таълим боз чиро ба эътибор гирифтан лозим аст?

| Синфи 1 | Синфи 2 | Синфи 3 | Синфи 4 |
|---|---|---|---|
| **1. Тасаввурот оид ба ҷашнҳо ва рӯзҳои таърихӣ.** | ***1.2. Навиштани табрикнома*** | ***1.3. Навиштани табрикнома*** | ***1.4. Навиштани табрикнома*** |

***Мақсади таълим:***
***Навиштани табрикнома***

Модар, хоҳар ва муаллимаи худро бо фарорасии 8 март табрик намудан (табрикнома навиштан) онро оро додан

Дар асоси қолаби пешниҳодшуда бо иваз кардани шахс навиштани табрикнома

Донистан ва истифода бурдани ибораҳои ба табрикнома хос

Фарқ кардани матни табрикнома аз дигар навъҳои матн

*Тасаввурот оид ба ҷашнҳо ва рӯзҳои таърихӣ* – ин малака барои хонандагони синфи дуюм ҳамчун **минтақаи акутуалии инкишоф** мебошад. Яъне хонанда аллакай ин малакаҳоро дорад.

Фаъолиятҳои минбаъда, ки дар асоси минтақаи актуалии инкишоф таҳия мешаванд ва ба инкишофи оянда мусоидат мекунанд **минтақи наздиктарини инкишоф** номида мешаванд.

**Синфи 1**

Қадами 4. Хондани матн.
**Масъала:** Матни «Махзани асрор»-ро хонед ва бо хулосаҳои машғулияти 3 муқоиса намоед.

***Махзани асрор***

Равоншиноси машҳур Л. С. Виготский муносибати байни таълим ва инкишофи тафаккури кӯдакро таҳқиқ карда ба хулосае омад, ки таълим (омӯзиш) бояд ба инкишофи кӯдак мусоидат кунад.

Мувофиқи ин назария, **омӯзиш бояд пештар қадам зада, боиси инкишофи он гардад.** Ин кашфиёти фавқулодда номи «Минтақаи наздиктарини инкишоф»-ро гирифт ва ба илмҳои педагогикаю равоншиносии ҷаҳонӣ дохил гардид. Ин назарияро дар нақшаи зер ин тавр ҷой додан мумкин аст:




Намунаи мисолҳо дар синфҳои ибтидоӣ аз фанни забони модарӣ:

| Минтақаи актуалии инкишоф | Минтақаи наздиктарини инкишоф |
|---|---|
| *хониши ҳиҷоӣ* | *хониши пурраи калима* |
| *номбар карда тавонистани симоҳои матн* | *нишон додани хислат ва хулқу атвори симоҳо* |
| *нишон додани хислат ва хулқу атвори симоҳо* | *баён намудани муносибати худ ба рафтору кирдори симоҳо* |
| | |

Намунаи мисолҳо дар синфҳои ибтидоӣ аз фанни математика:

| | |
|---|---|
| *2+2+2)-ро ҷамъ карда метавонад.* | *донистани ҷадвали зарби 2* |
| *бо тартиб донистани ҷадвали зарби 2* | *омехта донистани ҷадвали зарби 2* |
| *омехта донистани ҷадвали зарби 2* | *ҳалли амалҳои зарбу тақсим дар доираи ҷадвали зарби 2* |
| | |

**Қадами 5. Кор дар гурӯҳҳо.**

**Масъала**: Дар асоси намунаи мисолҳои дар боло овардашуда ва «Махзани асрор» **минтақаи актуаллии инкишофро муайян кунед** ва барои **минтақаи наздиктарини инкишоф** фаъолиятҳо таҳия намоед.

**Модули 2. Машғулияти 4. Чаро хонандагони мо гуногунанд?**

**Қадами 1. Ангезиши зеҳн.**

**Масъала.** Хонандагони синфатонро ба хотир оред ва гӯед, ки оё ҳамаи онҳо як хеланд? Якчанд хислатҳои фарқкунандаи онҳоро номбар кунед.

Масалан: - шӯхтабиатанд;- эҷодкоранд.

**Қадами 2. Кори дунафарӣ.**

**Масъала:** Таснифоти додашударо бо навъҳои зеҳнии дар поён овардашуда мувофиқа кунед. Дар дохили катакчаҳо рақам гузоред.

② Хондану эҷод кардан ва навиштанро дӯст медорад. Хотираи хуб ва захираи бойи луғавӣ дорад.

① Варзишро дӯст медорад, ба ҳаракат, мимика ва рафтори дигарон тақлид мекунад. Ба ҳама чиз даст мерасонад, давидан, паридан ва муҳорибаро дӯст медорад.





③ Ба табиат ва ходисаҳои табиӣ диққат дода, қобилияти фаҳмидани табиат дорад, аломат ва хусусиятҳои муҳити атрофро тасниф мекунад.

④ Ҳисоб, ҳал кардани масъала ва ҳар гуна бозиҳои риёзиро дӯст медорад, мафҳумҳои риёзиро хуб мефаҳмад, тафаккури абстрактӣ дорад.





⑥ «Шунидан кай бувад монанди дидан», харита, ҳар гуна нақшаю диаграммаҳоро мефаҳмад, тахайюли бой дорад, ба санъат машғул мешавад, месозад, бештар аз расмҳои матн маълумот мегирад.



⑤ Вазифаҳоро хуб ичро мекунад, агар касе ба вай халал нарасонад, худро идора мекунад, ҳиссиётașро дуруст ифода карда, аз хатоҳояш меомӯзад; дар танҳоӣ кор карданро дӯст медорад.





⑦ Бо ҳамсолон муошират ва бозӣ карданро дӯст медорад. Вай аслан дилсӯзу ғамхор аст.

⑧ Мусиқиро хуб ба хотир мегирад.
Сози мусиқӣ менавозад.
Оҳангшинос ва сарояндаи хуб аст.



| | | | |
|---|---|---|---|
| | **Зеҳни мусиқӣ – ритмикӣ** | | **Зеҳни шифоҳӣ – забонӣ** |
| | **Зеҳни байнишахсӣ** | | **Зеҳни мантиқӣ – риёзӣ** |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | **Зеҳни дохилишахсӣ** | | **Зеҳни биноӣ–фазоӣ** |
| | **Зеҳни натуралистӣ** | | **Зеҳни ҳаракат (моторӣ)** |

***Махзани асрор***

Равоншиноси амрикоӣ Ҳовард Гарднер сабабҳои ба ин ё он фан майлу рағбат доштани хонандагонро таҳқиқ намуда, ба хулосае омад, ки хонандагон дараҷаи фаҳму идрок (зеҳн) - и гуногун доранд.

**Зеҳн** а. 1. фаҳм, хуш, идрок, зиракӣ.

Навҳои гуногуни зеҳн аз назари Ҳовард Гарднер:

- **Зеҳни шифоҳӣ – забонӣ**
- **Зеҳни мантиқӣ – риёзӣ**
- **Зеҳни биноӣ–фазоӣ**
- **Зеҳнӣ ҳаракат (моторӣ)**
- **Зеҳни мусиқӣ – ритмикӣ**
- **Зеҳни байнишахсӣ**
- **Зеҳни дохилишахсӣ**
- **Зеҳни натуралистӣ** (муҳаққиқи табиат)

Гарднер таъкид мекунад, ки дараҷаи муайяншавӣ ва ташаккули ин ё он навъи зеҳн ба таҷрибаи ҳаётии ҳар як фард вобаста аст. Ҳар одам ин ё он навъи зеҳнро истифода барад, ҳамон қадар имконияти омӯхтан бештар мешавад ва ин навъи зеҳн дар шахс ташаккул меёбад. Ҳамаи 8 навъи зеҳн ба ҳам алоқаманд шуда метавонанд. Вале ҳар яки онҳоро дар алоҳидагӣ низ хеле хуб ташаккул додан мумкин аст.

**Қадами 3. Кори дунафарӣ.** Фаъолиятҳои зеринро таҳлил карда, гӯед, ки кадом фаъолият барои кадом навъи зеҳн равона шудааст.

а) Дар табақ се себ ҳаст. Онро ба се кас тавре тақсим кунед, ки боз як себ дар табақ боқӣ монад.
б) Дар бораи себ шеър гӯед, нақл кунед ё ҳикояи хурд нависед.
в) Навъҳои себро номбар кунед. Дар бораи парвариш ва аҳамияти себ нақл кунед.
г) Ин байтро бо оҳанг замзама кунед:

Себаки сурхи сероб
Ширин асту хӯрданбоб.

ғ) Расми мева ё дарахти себро дар дафтар тасвир кунед.
д) Ибораи «Як себи ду кафон» чӣ маъно дорад? Ду чизи ба ҳам монанд ё як чизи ду тақсим.
е) Бо ҳаракат ва имову ишора «себ», «себи сурх», «ман себ мечинам», «ин себи ман аст»-ро нишон диҳед.
ё) Бозиеро фикр кунед, ки дар он калимаи себ ё номи себ бошад.

**Қадами 4. Кор дар гурӯҳҳо.** Оё ҳангоми банақшагирӣ ба эътибор гирифтани гуногунзеҳнии хонандагон шарт аст? Чаро? Дар гурӯҳҳо барои зеҳнҳои гуногун якчанд фаъолиятро таҳия намуда, онҳоро муаррифӣ намоед.

**Қадами 5. Арзёбии машғулият.**
**Масъала:** Ҷадвали зеринро пур созед.

Ақидаҳои ман пеш аз машғулият　　　　Ақидаҳои ман баъд аз машғулият

**Кори лоиҳавӣ**. Гуногунзеҳнии хонандагон ва минтақаҳои инкишофи онҳоро дар назар дошта таҳия кардани нақшаи дарс.

**Модули 3. Машғулияти 1. Маълумот оид ба таълими интерактивӣ**

**Мақсади таълим:**
**Иштирокчиён:**
- калимаи «интерактив» ва мафҳуми таълими интерактивиро шарҳ медиҳанд;
- принсипҳои таълими интерактивиро шарҳ медиҳанд;
- оид ба татбиқи таълими интерактивӣ қарор қабул менамоянд.

**Қадами 1. Муаррифӣ ва муҳокимаи мавзӯъ ва мақсадҳои таълим.**
Мақсадҳои таълими машғулиятро хонда, ба савол ҷавоб гардонед. Ба фикри шумо аҳамияти ин мақсадҳо дар чист?

**Қадами 2. Кори дунафара. Ангезиши зеҳн.**
Ба расмҳо бо диққат нигаред. Гӯед, ки кадом расм қисми дарси хуб аст? Чаро?

1

2

3

4

6

5

(Расму суратҳо аз китоби Highway to Engish 6, иқтибос шудаанд)

**Қадами 3. Масъала**.
Фаъолияти хонандагонро шарҳ диҳед?
Сабабҳои бенизомии дарсо дар расми 5 муайян кунед.

**Қадами 4. Хониши матн.** «Махзани асрор»-ро хонед ва «Рӯзномаи дубахша»-ро пурра кунед. Онро муҳокима кунед.

| Иқтибос | Шарҳ |
|---|---|
| **Масалан:** калимаи «интерактив» | - ҳамкор**ӣ…** |

**Махзани асрор**

Идораи раванди дарс, тақсими имконияти таълимгирӣ ва ҳамкорӣ асоси таълими интерактивиро ташкил медиҳанд. Ҳангоми банақшагирии дарси интерактивӣ иштироки фаъолу мақсадноки хонанда, ҳамкории ӯ барои ноил гаштан ат ба мақсад ва натиҷаҳои таълим, арзёбии дуруст ва саривақтӣ нақши калон мебозанд.

Калимаи «*интерактив*» аз калимаи англисии «interact» гирифта шуда, маънояш «**inter**» - «байни …» ва «**act**» - «амал, фаъолият» мебошад. Яъне ҳамкорӣ ҳангоми азхудунии донишҳои нав, ноил гаштан ба мақсаду натиҷаҳои таълим аст. Ин ҳамкорӣ дар муоширати байни омӯзгор ва хонандагон, хонанда ва хонандагон, омӯзгор ва хонанда зоҳир мегардад.

Ҳамкории мазкур дар нақшаи зерин нишон дода шудааст:




Принсипҳои таълими интерактивиро чунин баён кардан мумкин аст:

1. **Тақсимоти баробари имкониятҳои таълим** – яъне ба ҳар як хонанда имконияти дар раванди дарс иштирок кардан дода мешавад. Ин амал тавассути корҳои дунафара ва гурӯҳӣ сурат мегирад.
2. **Озодии баён** – хонанда (хонандагон) имконияти озодона баён кардани фикрро доранд;
3. **Масъулиятшиносӣ** – хонандагон ба гирифтани таълим масъуланд;
4. **Тағйири нақшҳо** – омӯзгор дар дарси интерактивӣ нақши роҳбаладро касб мекунад. Ӯ тавассути масъалаву саволҳои гуногуни таълим хонандагонро ба самти дуруст равона месозад;
5. **Фазои мусоиди таълим** – масъалаҳо, матнҳо, саволҳо ва тарзи муошириату ороиши синф ба ҳавасмандгардонии фаъолияти таълимии хонанда равона мешаванд;
6. **Таълими бе «тамға»** – дар раванди дарси интерактивӣ калимаҳои «духонак», «танбал», «сегирак» ва амсоли ин истифода бурда намешаванд;
7. **Арзёбии ташаккулдиҳанда** – арзёбӣ дар таълими интерактивӣ на барои танбеҳ додан, балки барои ташаккули фаъолияти таълимии хонанда истифода мешавад;
8. **Идораи бонизоми дарс** – ҳамагуна фаъолият дар дарс ба азхуд кардани донишҳо ва ноил гаштан ба мақсаду натиҷаи таълим равона мегардад.
9. **Ба эътибор гирифтани шахсияти хонанда** – дар дарси интерактивӣ хоҳиш, завқ ва зеҳни хонанда ба эътибор гирифта мешаванд.

Татбиқи таълими интерактивӣ аз омӯзгор малакаҳои зеринро талаб мекунад:

- *омӯзгор воситаҳои гурӯҳбандиро истифода бурда тавонад;*
- *хонандагонро ба муҳокимаи масъалаҳои таълим водор карда тавонад;*
- *хонандагонро дуруст арзёбӣ кунад;*
- *саволу масъалаҳое, ки хонандагонро барои амиқ азхуд кардани маводи таълим водор мекунанд, таҳия карда тавонад;*
- *идораи синфро дуруст ба роҳ монда тавонад;*
- *тавассути муошрати хуб фазои мусоиди таълимро ташкл кунад.*

Мақсади асосии истифодаи низоми интерактивии таълим тайёр намудани хонандагон ба фаъолияти зеҳниву иҷтимоии минбаъда аст. Зеро дар асри 21 аз шаҳрвандон малакаҳои тавассути ҳамкорӣ таҳлили масъалаҳоё гуногуни ҳаётӣ ва қабули қарори зарурииро талаб карда мешаванд.

Хулоса, агар мо хоҳиши тайёр намудани шаҳрванде, ки дар асри 21 соҳиби касбу кори мувофиқ гашта, ҳолати иҷтимоии худро беҳтар карданродошта бошем, таълими интерактивӣ ба ин мусоидат карда метавонад.

**Қадами 5. Таҳлил ва хулосабарорӣ тавассути «Ангезиши зеҳн».**

Саволҳо:

1. Ба фикри шумо оё дар шароити Тоҷикистон татбиқи таълими интерактивӣ имконпазир аст? Чаро ҳа? Чаро не?
2. Ҳангоми татбиқи ин навъи таълим чӣ мушкилот пайдо мешавад? Онҳоро чӣ гуна ҳал кардан мумкин аст?
3. Барои самаранок татбиқ кардани таълими интерактивӣ шумо ҳамчун омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик чӣ кор карда метавонед?

**Қадами 6. Кор дар гурӯҳҳо. Қабули қарор. Таҳияи дастур барои татбиқ.**

Дар гурӯҳҳо муттаҳид шуда, барои татбиқи таълими интерактив дастур таҳия намоед.

**Қадами 6. Арзёбӣ \ ба худ баҳо додан.**

| р/т | Нишондиҳанда | Ҳа | Не | қисман | Агар «не» ё «қисман» бошад, савол дорам. |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Калимаи «интерактив» ва мафҳуми таълими интерактивиро шарҳ дода метавонам. | | | | |
| 2. | Принсипҳои таълими интерактивиро шарҳ дода метавонам. | | | | |
| 3. | Оид ба татбиқи таълими интерактивӣ қарор қабул кардам. | | | | |

**Қадами 7. Ҷамъбасти машғулият. Муҳокимаи умумӣ.**

**Саволҳо:**

- ✓ *Машгулияти мо аз чӣ огоз гардид?*
- ✓ *Кадом фаъолиятҳо истифода шуданд? Номбар намоед.*
- ✓ *Шумо чӣ тавр ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо шудед?*
- ✓ *Ба фикри шумо бо кадом мақсад шуморо ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо карданд?*
- ✓ *Дар кори дунафара худро чӣ тавр ҳис кардед? Чаро?*
- ✓ *Дар дарсҳои худ шумо кори дунафараро истифода мебаред? Барои чӣ?*
- ✓ *Ба ақидаи шумо кори дунафара ба хонанда чӣ медиҳад?*
- ✓ *Дар кадом фаъолият шумо мушкили кашед? Онро чӣ гуна ҳал кардед?*

**Модули 3. Машғулияти 2. Тарзҳои ташкили кор дар таълими интерактивӣ**

**Қадами 1. Ангезиши зеҳн.**

**Саволҳо**: Дар кадом маврид одамон дар як ҷо ҷамъ мешаванд?
Барои чӣ? (*Бо шарикатон сӯҳбат карда, як ақидаро пешниҳод кунед*).

| Кадом вақт | Барои чӣ? |
| --- | --- |
| Ҳашар (намуна) | Кори мушкилеро якҷоя ба анҷом расонидан (намуна) |

**Қадами 2. Кор дар гурӯҳҳо.**
**Масъала**: *Бозии «Квадрат созед».*
*Шарти бозӣ:* Ба ҳар як аъзои гурӯҳ якчанд намуди шаклҳои геометрӣ дода мешавад. Ин шаклҳоро тавре ҷо ба ҷо гузоред, ки се квадрат ҳосил шавад. Ҳар яки он бояд бо ҳам баробар бошад. Ҳангоми иҷрои ин кор бояд қоидаҳои зеринро риоя намоед:

- ☺ Бо якдигар гап назанед;
- ☺ Шаклҳои додашударо бо дигар гурӯҳҳо иваз накунед;
- ☺ Метавонед байни аъзоёни гурӯҳи худ иваз намоед;
- ☺ Барои иҷрои ин кор 5 дақиқа вақт доред.

**Қадами 3. Муҳокимаи кори гурӯҳҳо.**
**Саволҳо:** Барои ҳосил кардани ин се квадрат ба шумо чӣ гуна малакаҳо лозим шуданд? Барои чӣ?
**Қадами 4. Кори инфиродӣ.**
**Масъала:** Мушоҳида кунед ва расму гуфтаҳои мувофиқро бо тирча нишон диҳед.

| |
| --- |
| Муаллим-хонандагон |
| Муаллим-хонанда |
| Хонанда-хонанда |
| Хонандагон-хонандагон |
| Хонанда-хонандагон |

***Махзани асрор***

Ҳама чизи нав ва воқеан шавқовар танҳо дар ҳамкорӣ пайдо мешавад, аз ин лиҳоз кори гурӯҳӣ ниҳоят самарабахш аст. Аммо фаҳмиши содда ва қабули ин мақсадҳо маънои онро надорад, ки муаллим ба осонӣ фаъолияти гурӯҳиро дар дарси худ ташкил карда метавонад.

Ба саволи аз чӣ бояд оғоз кард? чӣ тавр кори гурӯҳиро дар дарсхонае, ки хонандагонаш маҳорати дар гурӯҳ кор кардан надоранд, ташкил кардан мумкин аст? Ҷавоб чунин шуда метавонад: «Аз кори дунафарӣ» оғоз кунед, зеро он ба тартиби кори одаткардаи шумо, яъне тарзи гузоштани мизу курсӣ **дигаргунӣ** даровардანро **талаб намекунад**. Вале муҳим он, ки **барои кор кардан дар гурӯҳ** хонандагонро **тайёр намудан лозим аст**. Усулҳои гуногуне мавҷуданд, ки аз онҳо истифода карда хонандагон метавонанд ба якдигар барои азхуд кардани мавзӯи нав, машқ кардан, фаъолияти ҳамдигарро санҷидан ва ғайра мадад кунанд. Кори дунафариро ба воситаи **истифодаи** тартиби муайян (алгоритм) ташкил кардан мумкин аст. Онро, пеш аз ҳама бо мақсади дуруст таъмин намудани омӯзиши ҳамдигар, инчунин санҷиш, муҳокима ва фаҳмиш истифода бурдан мумкин аст.

**Қадами 5. Кори дунафарӣ.**
Доир ба ду тарзи кор, ки шумо онро дар раванди дарс истифода мекунед, бо шарикатон сӯҳбат кунед. Як навъи онро ба дигарон муаррифӣ намоед.

**Масъалаҳо**:

а. Матнро хонед ва мушкилоти муаллимро муайян кунед.

б. Ба ӯ чӣ гуна маслиҳат медиҳед? Ӯ бояд корро аз чӣ сар мекард, то ки хонандагонаш аз ӯҳдаи иҷрои кори гурӯҳӣ бароянд?

Муаллим Раҷабов Суннатулло яке аз муаллимони пешқадами ноҳия аст. Ӯ хост муносибати худро ба таълим иваз намояд. Аз муаллимони дигар дар бораи усулҳои интерактивӣ маълумот гирифта буд. Муаллим барои амалӣ кардани нияти худ дар ҷараёни дарс кори гурӯҳӣ ташкил намуд. Ӯ талабагонро тахминан ба ҳар куҷо шинонд. Хонандагонаш хурсанд буданд, ки муаллим бо онҳо бозӣ карда истодааст. Онҳо ба якдигар имконияти гап задан надода, ҳар кадоме фикру ақидаи худро мехост баён кунад. Бо якдигар ҷанҷол ва шӯру ғавғо бардоштанд. Вазъият ба дараҷае расид, ки муаллим овозашро баланд карда дашном ва ҳатто якчанд нафареро гӯшмол дод. Муаллим чанд дақиқа дар бораи одоб гап зада, онҳоро бетамизу беодоб номид. Ин лаҳза занг садо дод. Муаллим баъд аз берун шудани талабагон ба курсиаш нишасту ба худ гуфт: «Ин чӣ кори кардагиям буд?... Усули интерактивиаш ҳамин бошад, асло даркор нест. Зинда бод дарси анъанавӣ!!!»

**Қадами 7. Кори инфиродӣ.**

а) матни «Махзани асрор»- ро хонед ва бо муҳокимаи худ муқоиса намоед.

б) намунаи супоришҳои дунафариро барои ҳар синф тайёр намоед (ҷадвали зеринро ба инобат гиред).

*Меъёрҳо барои супориш:*

1. Мақсади таҳияи супоришро шарҳ диҳед;
2. Барои хонанда тартиби қоидаҳо пешниҳод намоед;
3. Масъалаҳо ва шарти онро нишон диҳед.




**Қадами 8.Ҷавоби дурустро интихоб намоед:**

*1.Мақсадҳои асосии ташкили кори дунафарӣ:*

а) таъмин намудани омӯзиши ҳамдигар, малакаҳои муошират, муҳокима ва фаҳмиш;

б) ҷалб намудани хонандагон ба бозиҳои шавқовар;

в) муайян ва ҷудо намудани хонандагоне, ки малакаҳои муошират ва фаҳмиши хуб доранд.

**Модули 3. Машғулияти 3. Ташкили кор дар гурӯҳҳо**

**Қадами 1. Кор дар гурӯҳҳо.**
**Масъалаҳо**: а) навъҳои гурӯҳбандии муаллимони гуногунро хонед ва муқоиса намоед. б) бо шарикатон навъҳои гурӯҳҳои хонандагонро муайян кунед ва номгузорӣ намоед.
в) дар гурӯҳ бартарӣ ва камбудии ҳар яки онро муайян кунед.




**Қадами 2. Муҳокима ва баррасӣ.**
**Савол:** Кадоме аз навъҳои кори гурӯҳиро дар фаъолияти корӣ истифода бурдан мумкин аст?

**Қадами 3. Кор дар гурӯҳҳо.** Нақшбозӣ.
**Масъала**: Дар се гурӯҳ матни саҳначаҳоро бодиққат хонед ва ҳар гурӯҳ матнеро интихоб намуда, саҳнача тайёр намоед.

**Матни 1.**

Хонандагони синфи дуюм ба чор гурӯҳ тақсим карда шудаанд. Муллим аз онҳо хоҳиш намуд, ки бозии Бингоро аз фанни забони модарӣ иҷро кунанд. Мақсади ин супориш чунин буд: баҳо додан ба он, ки то чӣ дараҷа хонандагон мустақилона, яъне бе ёрии муаллим кор карда метавонанд. Илова ба ин оё онҳо аз ӯҳдаи иҷрои ин супориш баромада метавонанд ё не. Муаллим нафареро аз гурӯҳи якум хоҳиш кард, ки ҳамчун роҳбари гурӯҳ калимаҳоро хонад. Вале дар гурӯҳ хонандагон ба баҳсу мунозира оғоз карданд, чунки роҳбари гурӯҳашонро иваз кардан мехостанд. Дар гурӯҳи дуюм ду нафар гӯш намекарданд ва якдигарро тела медоданд. Боз дар гурӯҳи сеюм як нафар ба зери миз даромада бозӣ мекард. Дар гурӯҳи чорум бошад, роҳбари гурӯҳ калимаҳоро

дуруст хонда натавонист, чунки кӯдакони дигар ба ҳоли вай механдиданд ва дар охир вай гиря кард.

**Матни 2**.

Хонандагони синфи якум ба гурӯҳҳои тахминан 5 - нафарӣ тақсим шуданд. Ба онҳо вазифа супорида шуда буд, ки якҷоя расми хонаи анъанавии маҳалли худашонро кашанд. Муаллим гурӯҳҳоро мушоҳида менамуд. Ҳангоми мушоҳида маълум шуд, ки онҳо кӯшиш мекарданд, то ҳар як аъзои гурӯҳро бо номаш ба фаъолият ҷалб намоянд. «Ту хеле гап задӣ, Раҳим. Ту чӣ фикр дорӣ? Ту чӣ Каримҷон?» ва ё дар гурӯҳи дигаре «Ана ин ақидаи хуб аст, Манижа». Вақте ки дар гурӯҳи сеюм Толиб аз гурӯҳ ҷудо мешуд, ҳама ӯро дар якҷоягӣ ба гурӯҳ баргардонидан мехостанд. «Толиб, ту чаро аз мо дур нишастӣ? Биё, ба мо ёрӣ расон» - мегуфт Ҳабиб. «Ман хуши кор кардан надорам худатон кашидан гиред» - ҷавоб дод Толиб. «Бе ту корамон пеш намеравад, мо бояд якҷоя кори хубро ба анҷом расонем» - гуфт Азиза. Толиб розӣ шуд. Ҳамин тавр, дар вақти муқарраршуда ҳар як гурӯҳ расми якҷоя кашидаашонро муаррифӣ намуданд.

**Матни 3.**

Аз якчанд нафар хонандагони синфи се хоҳиш карда шуд, ки дар бораи муносибат бо шахсони калонсол саҳнача тайёр кунанд. Муаллим ба онҳо якчанд маводи заруриро тақсим кард (ба монанди асо, кулоҳ, айнак ва рӯймол). Ду нафар хонанда тамоми маводро зери назорати хеш гирифтанд ва иҷозат намедоданд, ки каси дигар аз он истифода кунад. Ду нафар хонанда барои тайёр кардани ин саҳнача ақидаҳои бисёр ҷолиб пешниҳод намуданд, вале касе ба онҳо гӯш намедод. Як нафари дигар бо рафиқаш, ки дар гурӯҳи дигар буд, сӯҳбат мекард. Муаллим бошад, бо гурӯҳе, ки дар иҷрои супориш мушкилӣ мекашиданд, кор мекард. Гурӯҳи сеюм ба кӯмаки муаллим мӯҳтоҷ буданд ва дар муддати 5 дақиқа бо дасти боло мунтазири муаллим буданд.

**Махзани асрор**

Дар ташкили кори гурӯҳӣ муаллим бояд омилҳоеро ба назар гирад, ки дар ташкили кори гурӯҳӣ душворӣ пеш меорад:

- Баъзе кӯдакон ҳангоми кори гурӯҳӣ фишороваранда буда, қисми дигар он қадар фаъол нестанд.
- Баъзе хонандагон ҳангоми кори гурӯҳӣ ба кор ҷалб карда намешаванд ва баъзеи онҳо рафтори хуб надоранд.
- Баъзе кӯдакон шояд супоришро нафаҳмиданд ва ин боиси ба кори дигар машғул шудани онҳо мегардад.
- Шояд барои тамоми аъзоёни гурӯҳ маводи корӣ мавҷуд набошад.
- Дар гурӯҳ ҳамдигарфаҳмӣ мавҷуд нест, ба ҷойи он ки ба сухани якдигар гӯш диҳанд, хонандагон баробар гап мезананд ва ба фикру ақидаи якдигар гӯш намедиҳанд.

**Қадами 4. Муҳокимаи кори гурӯҳҳо**

- Кадом мушкилоти ташкили кори гурӯҳӣ дар ин саҳначаҳо нишон дода шуданд?
- Ба фикри шумо, ин мушкилот барои чӣ рух дод?
- Ба фикри шумо, кадом малакаҳои хуби ташкили кори гурӯҳӣ дар саҳначаи дуюм нишон дода шуд?
- Дар ташкили кори гурӯҳӣ муаллим бояд кадом омилҳоро ба назар гирад?
- Хулоса.

**Қадами 5. Кори гурӯҳӣ.**
**Масъала:** Аз рӯйи мавзӯъҳои зерин муаррифӣ таҳия намоед.
*Мавзӯъҳо барои кори гурӯҳӣ:*

1. Тартиби ташкили кор дар гурӯҳҳои хурд
2. Усулҳои ташкили гурӯҳҳои хурд
3. Нақши муаллим ҳангоми кор дар гурӯҳҳои хурд

*Меъёрҳо барои муаррифӣ:*
а) бо боварӣ, бурро ва фаҳмо сухан гӯед;
б) хушмуомилаю бодиққат ва ботаҳаммул бошед;
в) ақидаҳоро пурра ифода намоед ва нуқтаҳои асосиро…
г) шунавандагонро бо воситаҳои нутқ ва ёрирасон ҷалб намоед;
ғ) барои иловаҳо миннатдорӣ баён кунед.

**Маҳзани асрор**
Кор дар гурӯҳҳои хурд бо тартиби зерин ташкил карда мешавад:
- дар гурӯҳҳҳои хурд муттаҳид намудани хонандагон;
- ба аъзоёни гурӯҳҳои хурд фаҳмондани вазифа;
- муайян намудани давомнокии кор дар гурӯҳҳо (мӯҳлати иҷрои вазифа);
- тақсимоти вазифаҳои иловагии аъзоёни гурӯҳи хурд (сарвар, котиб, нозири вақт, муаррификунанда);
- кор ё муҳокима дар гурӯҳҳои хурд;
- муаррифии натиҷаҳои кори ҳар як гурӯҳи хурд;
- ҷамъбасти муҳокима.

**Қадами 6. Муҳокима ва ҷамъбаст.**
*Саволҳо барои муҳокима:*
То кадом андоза ин тарзи корро дар амал татбиқ кардан мумкин аст?
Кадом душвориҳо садди роҳи Шумо шуда метавонад?
Ин душвориҳоро чӣ тарз бартараф кардан мумкин аст?
.

| *Душвориҳо* | *Роҳҳои бартараф кардани онҳо* |
|---|---|
| | |

**Модули 3. Машғулияти 4. Методу усулҳои интерактивӣ воситаи расидан ба мақсад.**

**Қадами 1. Гузориши масъала**

Яке аз мақсадҳои таълимро аз стандарти таҳсилоти ибтидоӣ интихоб намоед.

**Қадами 2. Кори дунафарӣ**
**Масъала**: Бо намунаи чанд усулу методҳои таълими интерактивӣ шинос шавед.

**Қадами 3. Кор дар гурӯҳҳо**
**Масъала**: Барои расидан ба мақсадҳои қадами якум усули мувофиқро интихоб карда нақшаи дарс таҳия созед.и интихоб кунед намунаи чанд усулу методҳои таълими интерактивӣ шинос шавед.

**Иқтибос аз дастури «Усули ҳамкорӣ дар таълими забони модарӣ ва адабиёти тоҷик» Раҳнамои методӣ барои муаллимони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.**

**Душанбе – 2009**

**Мураттибон: Зиёев М., Мирзоматов Н., Олимова Ф., Тошбоева З.**

**КЛАСТЕР**

Кластер усули гирдоварии андешаҳои хонандагон доир ба ягон мавзӯъ, мафҳум буда, дар шаклҳои гуногун тасвир меёбад.

Хонандагон андешаҳои худро доир ба мавзӯъ (мафҳум) баён карда, онҳоро бо ҳам алоқаманд мекунанд. Маънои кластер «хӯша», «шохча» аст.

**Мақсадҳо:**

- ✓ гирдоварии андешаҳои хонандагон;
- ✓ бунёди вазъияти ҷустуҷӯ;
- ✓ инкишофи малакаҳои баёни мухтасари фикр;
- ✓ бо мақсади пешниҳод кардани маълумотҳои иловагӣ муайян кардани дониши хонандагон доир ба мавзӯъ.

**Усули Кластерро чӣ тавр истифода бурдан мумкин аст?**
**Қадамҳо:**

1) дар маркази лавҳи синф (ё варақи сафед) давра кашед;
2) дар дохили давра мавзӯъ, мафҳум ва ё калимаи асосиро нависед;
3) оид ба мавзӯъ, мафҳум ва ё калимаи асосии овардашуда ба хонандагон савол диҳед;
4) аз хонандагон хоҳиш кунед, ки андешаҳои худро дар атрофи мавзӯъ, мафҳум ва ё калимаи асосӣ нависанд;
5) хонандагон байни андешаҳо алоқаи мувофиқро барқарор намуда, онро ишора мекунанд (ин қадам барои кластери мураккаб аст).

**Хелҳои кластер:** *сода ва мураккаб*

**Намунаи** *кластери сода*: **Мавзӯъ: «Гулгардонӣ»**

**Савол: Дар бораи гул чӣ медонед?**

Дар бораи гул ҳамаи фикрҳо ҷамъ карда мешаванд. Он номи гул *(бунафша, наргис, садбарг, савсан, нилуфар, бобуна*), ранги гул (*сафед, сурх, кабуд, гулобӣ*), ҷойи рӯйидан ё парвариши он, (*боғ, саҳро, хиёбон*), амал ба гул ё ҳолати он (*бӯй кардан, ҳаловат бурдан, шукуфтан, пажмурда шудан*), истифодаи он (*зодрӯз, ҷашнҳо*) буда метавонад.




Намунаи *кластери мураккаб:*

**Мавзӯъ: Ҷашнҳои миллӣ.**

Кадом ҷашнҳои миллиро медонед?

Аввал ҳамаи фикрҳо дар бораи ҷашнҳои миллӣ ҷамъ карда мешаванд Меҳргон, Сада, Наврӯз. Сипас хусусиятҳои ҳар яке аз ин идҳо номбар ва аз давраҳо шохаҳои нав бароварда мешавад.



**Натиҷа.**

Хонандагон:

1) фикру мулоҳизаҳои худро нисбат ба мавзӯъ баён мекунанд;
2) донишҳои худро бо мавзӯи нав муқоиса мекунанд;
3) дар рафти дарс фаъолона иштирок мекунанд**;**
4) Байни андешаҳо робитаҳоро барқарор намуда, ба гурӯҳҳо ҷудо мекунанд.

**Тавсия ба омӯзгор**: Ҳангоми бори аввал истифода бурдани кластерҳо (хӯшаҳо) нақшаеро интихоб намоед, ки ба тамоми гурӯҳ шинос бошад. Дар лавҳи синф бо хонандагон кластери умумӣ таҳия созед. Ҳамаи мулоҳизаҳои шогирдонро сабт намоед ва онҳоро шарҳ надиҳед. Ба ғалатҳо низ эътибор надиҳед, чункиислоҳи онҳо метавонад фикри хонандагонро парешон намояд. Андешаҳоро то вақти муайяншуда нависед. Дар ҳолати зарурӣ ба хонандагон саволҳои водоркунанда диҳед:
(Масалан, «Ба фикратон, Айнӣ боз кадом асарҳоро эҷод кардааст ?»

Усули мазкурро бештар пеш аз омӯхтани мавзӯи нав истифода мебаранд, зеро хонандагон барои дарк кардани маълумоти нав тайёр шуда, фаъолашон низ меафзояд.

Шумо метавонед кластерро дар мавридҳои гуногуни дарс аз рӯйи зарурат кор фармоед. Теъдоди фикру мулоҳизаҳоро маҳдуд насозед, балки баръакс, фикрҳоро байни ҳам алоқаманд кунед. Агар шогирдон бо ин усул бори аввал шинос шаванд, шумо метавонед мавзӯъҳои умумиро намуна оред. Масалан, «Ватан» (хонандагон чунин мулоҳизаҳоро баён карданашон мумкин аст: зодгоҳ, модар, Тоҷикистон, кишвар ва ғ.).

Дар усули хӯша иртибот, пайвастагии мантиқӣ, пайдарпаии фикру андешаҳо муҳим аст, то идрок осон гардад. Усули хӯша (кластер)-ро дар машғулиятҳои гуногун ва фанҳои мухталиф танҳо аз рӯи зарурат истифода бурдан мумкин аст.

## *ШАРҲИ КАТЕГОРИЯВӢ*

(***Категория** – маҷмӯи ашё, ҳодисаҳо ва далелҳоест, ки бо баъзе хусусиятҳои ягонаи худ ба ҳамдигар муттаҳид шудаанд*)

Усул барои муттаҳид кардани калимаҳо, мафҳумҳо дар асоси аломату хусусиятҳои муайян истифода мешавад. Онро ҳангоми ҷамъбасти ангезиши зеҳн, гурӯҳбандии калима, мафҳум ва назарияҳо истифода бурдан аст.

**Мақсадҳо:**

- ✓ дар асоси аломату хусусиятҳо муттаҳид карда тавонистани андешаҳои пешниҳодшуда;
- ✓ гурӯҳбандӣ кардани калимаҳо аз рӯйи категорияҳо;
- ✓ инкишофи малакаҳои хулосабарории индуктивӣ (аз ҷузъ ба кулл);
- ✓ инкишофи нутқи хаттии хонандагон.

**Инро чӣ тавр иҷро кардан мумкин аст?**

**Қадамҳо:**

1. Доир ба мавзӯъ «Ангезиши зеҳн» гузаронед ва андешаҳоро қайд намоед.
2. Дар муқобили андешаҳо якчандто (3-4) категорияҳоро нависед (категорияҳоро аз хонандагон пурсед).
3. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки фикру мулоҳизаҳоро ба категорияҳо ҷудо карда, гурӯҳбандӣ намоянд (бо ишораи пайкон) .

**Истифодаи намунаҳои шарҳи категориявӣ дар синфҳои ибтидоӣ**

**Намунаи 1.**

*Калимаҳоро дар ҷадвал нависед.*

Бед, сияҳгӯш, Хайрӣ, Анор, тӯс, Гулдара, наргис, Лола, Чорбоғ, савсан, нок, Чанор, арча, Садбарг, ёсуман, Фарҳод, анҷир, Хуррамобод, насрин, Чортут.

| Дарахт | Одам | Деҳа | Гул |
|---|---|---|---|
| | | | |

**Намунаи 2.**

*Номи умумии калимаҳоро ёбед.*

1. Тарбуз, каду, бодиринг, харбуза ……… (полизиҳо).
2. Рахш, Хайбар, Мошон, ……….. (лақаби ҳайвонот).
3. Исфара, Шамсиддин, Сурхоб, Помир….. (исмҳои хос).
4. Лоғар, сабз, нозук, нарм…………………. (сифат).

**Натиҷа.**

Хонандагон:

1. Дар атрофи масъала мулоҳизаҳо меронанд.
2. Мулоҳизаҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунанд.
3. Андешаҳоро бо гурӯҳҳо муқоиса менамоянд.
4. …

**Таъкид**: ҳангоми гурӯҳбандии мулоҳизаҳо хонандагон номи баъзе аз категорияҳоро тағйир дода ё илова карда метавонанд. Ба миён омадани категорияи нав аз эҳтимол дур нест.

**Тавсия ба омӯзгор.** Усули мазкурро Шумо дар мавридҳои гуногуни дарс (ба хотир овардани дониши мавҷуда, дарк кардани мазмуну мундариҷаи мавзӯи нав, мулоҳиза рондан оид ба мавзӯи нав) истифода бурда метавонед.

## «БАРОИ ЧӢ?»

Усули «Барои чӣ?» ё «Чаро?» силсилаи муҳокимарониҳо барои муайян кардани асос ва сабаби пайдоиши натиҷа аст. Онро дар мавридҳои зерин истифода мебаранд:

- ҳалли мушкил/проблемаҳо;
- муайян кардани сабаби ин ё он тавр рафтор кардани симои адабӣ (образ);
- муайян кардани сабаби рух додани ҳодисаю воқеаҳо.

Агар савол дуруст гузошта шавад, сабаби ҳама гуна натиҷаро ёфтан осон аст. Пайваста истифода бурдани ин усул барои ташаккули малакаҳои ҳаётӣ: дурандешӣ, илоҷи воқеаро пеш аз вуқӯъ ҷустан ва амсоли инҳо замина мегузорад.

Усули мазкурро чӣ тавр истифода бояд кард?

**Қадамҳо:**

1) аввал матн хонда, ё нақл карда мешавад;
2) сипас натиҷа муайян мегардад. Асосан натиҷаи ин ё он амал дар ҷумлаи охир ифода меёбад;
3) баъд аз муайян кардани натиҷа силсилаи саволҳои «Барои чӣ?» гузошта мешавад, то даме ки сабаби пайдоиши он муайян карда шавад. Дар зинаи аввали истифода танҳо тавассути саволҳо (бе истифода аз нақша) гузаронда мешавад. Ҷавоб ба саволҳо дар нақша батадриҷ ҷой дода мешаванд.

**Намуна**:

1. **Матнро хонед ва мазмуни онро нақл кунед**.

Шере хобида буд. Як муш аз рӯйи бадани ӯ давида гузашт. Шер аз хоб бедор шуд ва мушро дошта гирифт. Муш зорию тавалло кардан гирифт, ки ӯро сар диҳад.
Муш ба Шер гуфт: «- Агар ту маро сар диҳӣ, ман ба ту некӣ мекунам». Шер хандид, ки муш ба ӯ ваъдаи хубӣ карда истодааст. Пас мушро сар дод.

Рӯзе шикорчиён шерро дастгир карда бо арғамчин ба танаи дарахт бастанд.

Муш наъраи шерро шунида ҳамоно давида омад ва арғамчинро бо дандонҳояш хоида буриду гуфт:
«- Дар хотират ҳаст, хандида будӣ, ки ман ба ту хубӣ карда метавониста бошам? Акнун дида истодаӣ, ки аз дасти мушон ҳам хубӣ меомадааст?».

**2. Ба саволҳо ҷавоб гӯед.**
Омӯзгор: **- Барои чӣ** муш ба шер некӣ кард?
Хонандагон: - Ба шер раҳмаш омад.
О.: **- Барои чӣ** ба шер раҳмаш омад?
Х.: - Шикорчиён шерро бастанд.
О.: **- Барои чӣ** муш шери бастаро озод кардан хост?
Х.: - Шер мушро озод карда буд.
О.: **- Барои чӣ** шер мушро озод карда буд?
Х.: - Муш зорию тавалло кард.
О.: **- Барои чӣ** муш зорию тавалло кард?
Х.: - Барои он ки ӯро сар диҳад.
О.: - Барои чӣ шер бояд ӯро сар медод?
Х.: - Шер ӯро дошта буд.
О.: **- Барои чӣ** шер ӯро дошта буд?
Х.: - Муш аз болои ӯ гузашт.
О.: **- Барои чӣ** муш аз болои шер гузашт?
Х.: - Шер хобида буд.

Хонандагон баъд аз чанд маротиба истифода шудани ин усул тадриҷан дар нақша ҷой кардани ҷавобҳоро ба саволи «Барои чӣ?» меомӯзанд.




**Натиҷа.**
Хонандагон:
1) савол гузошта, роҳи ҳалли масъаларо ҷустуҷӯ менамоянд;
2) андешаҳои худро дар гурӯҳ таҳлил мекунанд;
3) ҷавобҳоро муқоиса менамоянд;
4) фикру мулоҳизаҳоро кӯтоҳ ва мушаххас баён ва қайд мекунанд;
5) ба мулоҳизаҳои худ далел меоранд.

**Таъкид**:

Дар қадами аввал муаллим чунин диаграммаро якҷоя бо хонандагон дар лавҳи синф месозад. Ҳангоми ба душворӣ дучор шудан ӯ ба хонандагон ёрӣ мерасонад.

**Тавсия ба омӯзгор.**

Агар Шумо дар давраи шиносоии хонандагон бо ин усул намунаи содатареро оред, беҳтар аст. Масалан, «Даврон ба дарс наомад.» «- Барои чӣ?» «- Бемор шуд.» «-

Барои чӣ?» «- Оби хунук хӯрд.» «- Барои чӣ?» «- Ташна монд.» «- Барои чӣ?» «- Дар ҳавои гарм бисёр футболбозӣ кард.»

Яъне, бо сабабҳои зикршуда Даврон ба дарс наомад.

Сабабҳо бояд мушаххас бошанд.

Агар хонандагон дар рафти дарс диаграммаро пурра карда натавонанд ё вақт маҳдуд бошад, метавонанд ҳамчун кори мустақилона дар хона анҷом диҳанд.

Рӯзнома

«Рӯзнома» ҷадвалест, ки ду бахш/қисм дорад. аз ин рӯ онро гоҳо «рӯзномаи дубахша» низ мнгӯянд.

| Иқтибос | Шарҳу тафсир |
|---|---|
| | |
| | |

Ин усулро ҳангоми кор бо луғат, шарҳу тафсири ягон мафҳум, маънидод кардани зарбулмасалу мақолҳо ва тадқиқи мазмуни матн истифода мебаранд.

**Мақсадҳо:**

- ✓ инкишофи малакаҳои ҷустуҷӯ карда тавонистан;
- ✓ инкишофи малакаҳои мустақилона кор кардан бо матн;
- ✓ шарҳ додан ё тафсир/маънидод карда тавонистани калимаю ибораҳо ва мафҳумҳо;
- ✓ бедор кардани шавқи хонандагон ба мавзӯи омӯхташаванда;
- ✓ инкишофи нутқи хаттии хонандагон.

**Инро чӣ тавр иҷро кардан мумкин аст?**

**Қадамҳо:**

1. Аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки варақи дафтарашонро ба ду тақсим кунанд.
2. Дар тарафи чапи дафтар калимаи «иқтибос» ва тарафи рости он калимаи «шарҳ»-ро нависанд.
3. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро (дар саҳ. …) хонанд ва дар тарафи чапи дафтар, ки калимаи «иқтибос» навишта шудааст, андешаҳои таваҷҷӯҳангезро қайд кунанд.
4. *Пас* аз қайди андешаҳои ҷолиб, дар тарфи рости дафтар, ки калимаи «шарҳ» навишта шудааст, андешаҳои овардашударо таҳлил кунанд.
5. (*барои чӣ ин иқтибос диққати маро ҷалб намуд ва г. Менависанд*).

Намунаи рӯзномаи дубахша

**Намунаи 1.** Зарбулмасалҳо

| Зарбулмасал | Шарҳи он |
|---|---|
| Давидани гӯсола то каҳдон | *Ҳар амал аввал ва охир дорад. Оқибати рафтори нодуруст ба некӣ намеорад.Масалан, оқибат дузд рӯзе ба даст меафтад ва ҷазо мегирад. Кори одами нотавону беҳунар оқибат надорад.* |
| Оҳанро дар гармиаш мекӯбанд. | *Ҳар коре бояд сари вақт иҷро шавад. Масалан, тарбияи фарзанд. Бояд аз овони тифлӣ (ҳатто аз дақиқаҳои аввали ба дунё омадан) фарзанд тарбия карда шавад, чунки баъд тарбия кардани ӯ душвор мегардад.* |

**Намунаи 2.** *Матнро хонед ва калимаи* ***«луғат»****-ро дар ҷадвал шарҳ диҳед.*

Аз рӯйи ҳисоби мутахассисон дар забони тоҷикӣ зиёда аз сад ҳазор калима ҳаст. Кас ҳар қадар, ки бисёр луғат (калима) донад, ҳамон қадар равшану аниқ сухан карда, китобу асарҳо ва сухани дигаронро ҳам хуб мефаҳмад. Махсусан, барои олиму доно шудан луғатдон шудан лозим аст. Шарҳу маъноҳои гуногуни калимаҳо дар фарҳангҳо - китобҳои луғат дода мешаванд. Аз фарҳанг муайян кардан мумкин аст, ки оё калимаи зарурӣ маъно ва мақсадро аниқ ифода мекунад ё не? Масалан, ба шумо лозим меояд, ки дар бораи ду рафиқи худ - Аҳмаду Самад гап занед. Аммо намедонед, ки кадомашро нарм ва кадомашро ҳалим гӯед. Фарҳанги забони тоҷикиро гирифта мехонед, ки **нарм** - мулоимтабиату гапдаро ва **ҳалим** илова ба хушхулқу мулоим будан бурдбор, яъне босабру тоқат ҳам будааст. Ана акнун метавонед *Самадро*, ки назар ба Аҳмад пуртоқаттар аст *ҳалим* ва *Аҳмадро нарм* гӯед. *(Х. Ҳусейнов)*

| **Иқтибос** | **Шарҳ** |
|---|---|
| *Луғат* | Луғат калима аст.<br>Касе, ки калимаи зиёд медонад, равшану аниқ сухан мекунад, асарҳои хондаашро хуб мефаҳмад.<br>Шарҳи луғатҳо дар китобҳои луғат–фарҳангҳо оварда мешавад. |

**Натиҷа:**
1. Хонандагон матнро бодиққат мехонанд.
2. Аз дохили матн иқтибос ҷустуҷӯ мекунанд.
3. Ба ҳар як иқтибоси овардашуда фикру мулоҳизаҳои худро баён мекунанд.
4. Бо маводи таълимии иловагӣ кор мекунанд.
5. Сухани муҳим\асосиро меёбанд.

**Таъкид**: Дар қадами аввал муаллим метавонад дар тахтаи синф ҷадвали умумиро кашида, онро бо хонандагон якҷоя пур кунад. Ин усул дар қисматҳои *водор намудан, дарк кардан* ва дар *мулоҳиза рондан* истифода бурдан мумкин аст.

***Тавсия ба омӯзгор.***

*Хонанда аввал танҳо кор карда, пас аз пур кардани ҷадвал метавонад ба гурӯҳи дунафарӣ ё сенафарӣ ҳамроҳ шавад. Ин барои арзёбии кори ҳамдигар имкон фароҳам меоварад. Пас аз овардани фикру андешаҳо дар «Рӯзнома» аз хонандагон хоҳиш намоед, то аз рӯйи ин ё он масъала (мавзӯъ) иншо нависанд.*

## УСУЛИ «МДД»

Усули МДД (ихтисораи «Медонам», «Донистан мехоҳам», «Донистам») усули ҷустуҷӯй - тадқиқот буда, барои фаъолона омӯхтани мавзӯи нав ёрӣ мерасонад.

**Мақсадҳо:**
- ✓ муайян кардани савияи дониши мавҷудаи хонандагон;
- ✓ ташаккули малакаҳои ба худ баҳо додан;
- ✓ инкишофи малакаҳои кор бо матн;
- ✓ муқоиса кардани донишҳои мавҷуда ва донишҳои навомӯхтаи хонандагон.

### Инро чӣ тавр иҷро кардан мумкин аст? Қадамҳо:

1. Аз рӯйи мақсад ва мавзӯи дарс ангезиши зеҳн гузаронида мешавад.
2. Ба хонандагон саволҳо дода, сутуни аввалро пур мекунем.
3. Ба онҳо савол дода мешавад, ки оид ба мавзӯи дарс чиро донистан мехоҳанд.
4. Ба ҳамин тариқ сутуни дуюм низ пур карда мешавад.

5. Пас аз хондани матни пешниҳодшуда ба сутуни дуюм баргашта, муайян мекунем, ки хонандагон ба кадом саволҳои худ ҷавоб ёфтанд.
6. Он ҷавобҳо ба сутуни сеюм навишта мешаванд.
7. Сипас муайян месозем, ки то кадом андоза навиштаҳои сутуни аввал ба дониши мавҷудаи хонандагон мувофиқанд.

**Усули «МДД»- ро дар синфҳои ибтидоӣ чӣ гуна истифода кардан мумкин аст?**

1. Дар бораи банан чӣ медонед?

| **Медонам** | **Донистан мехоҳам** | **Донистам** |
|---|---|---|
| Мева.<br>Дарозшакл.<br>Рангаш зард.<br>Таъми харбуза дорад.<br>Дар Тоҷикистон намерӯяд. | | |

**2.** Дар бораи банан боз чиро донистан мехоҳед?

| **Медонам** | **Донистан мехоҳам** | **Донистам** |
|---|---|---|
| Мева.<br>Дарозшакл.<br>Рангаш зард.<br>Таъми харбуза дорад.<br>Дар Тоҷикистон намерӯяд. | Дар куҷо мерӯяд?<br>Барои чӣ дар Тоҷикистон намерӯяд?<br>Дарахти банан баланд аст?<br>Дар чандсолагӣ ҳосил медиҳад?<br>Аз банан боз чӣ тайёр мекунанд? | |

**1. Матнро хонед ва сутуни сеюмро пур кунед.**

**БАНАН**

Тоҷикистон мамлакати кӯҳистон аст. «Манзараҳои зебои кӯҳсорон, обҳои ширину мусаффо, боду ҳавои форам ва замини ҳосилхезу неъматофарин, офтоби гарму ҷонбахши он машҳури ҷаҳон аст.» Аммо дар ин кишвари зебою афсонавӣ банан намерӯяд. Шояд як замоне мерӯид. Дар замони мо намерӯяд. Барои чӣ? Боду ҳавои Тоҷикистон мӯътадил аст. Банан растании гармидӯст аст ва дар кишварҳои нисбатан гармтар мерӯяд. Ҷойи сабзиши банан Ҳиндустон ва Чин аст. Растании банан то 9 метр қомат афрохта, баргҳои азимҷусса дорад. Баргҳои банан қариб ним метр паҳноӣ ва то 3 метр дарозӣ доранд. Растании банан дар 10-моҳагӣ гул мекунад. Гули банан сафед аст. Ниҳоли банан то 300 дона мева медиҳад. Ранги меваи банан зард, сурх, сабз ва ҳатто нуқрагун мешавад. Баъди пухтани ҳосил ниҳоли банан хушк шуда меафтад ва боз аз реша, аз нав месабзад.

Меваи бананро ҳамчун модаи ғизоӣ ва доруворӣ истеъмол мекунанд. Аз банан ранг, матоъ, ришта ва бисёр чизҳои дар рӯзгор заруриро тайёр менамоянд.

| **Медонам** | **Донистан мехоҳам** | **Донистам** |
|---|---|---|
| Мева.<br>Дарозшакл.<br>Рангаш зард.<br>Таъми харбуза дорад.<br>Дар Тоҷикистон намерӯяд. | Дар куҷо мерӯяд?<br>Барои чӣ дар Тоҷикистон намерӯяд?<br>Дар чандсолагӣ ҳосил медиҳад?<br>Аз банан боз чӣ тайёр мекунанд? | Банан дар кишварҳои гармидӯст: Ҳиндустон ва Чин мерӯяд.<br>То 9 метр баландӣ дорад.<br>Дар 10-моҳагӣ ҳосил медиҳад.<br>Гулҳои сафед дорад. |

| | | |
|---|---|---|
| | | Ниҳоли банан то 300 кг ҳосил медиҳад.<br>Ранги меваи банан сурх, сабз ва ҳатто нуқрагун мешудааст.<br>Аз банан ранг, матоъ ва дигар чизҳо тайёр мекардаанд. |

**Натиҷа.**
Хонандагон:
1) аз рӯйи қисматҳои ҷадвал андешаҳояшонро таҳлил мекунанд,
2) ба саволҳо ҷавоб ҷустуҷӯ мекунанд,
3) донишҳои мавҷудаи худро бо маълумотҳои нав муқоиса мекунанд**,**
4) мулоҳизаҳои худро баён мекунанд**,**
5) бо якдигар мубоҳиса мекунанд.

**Тавсия ба омӯзгор.** Усули «МДД»-ро саравввал ба таври анъанавӣ гузаронидан лозим аст. Барои «МДД» вақтро дар ҳудуди 15-20 дақиқа муқаррар созед. Ҷадвали онро дар лавҳи синф ё варақаи калон кашед. Пас аз ташаккули малакаҳои кори шогирдон бо ин усул, метавонед дар гурӯҳҳои хурд онро ( дунафарӣ, сенафарӣ) татбиқ намоед.

## УСУЛИ «НАВИГАРИҲО»

**Мақсадҳо:**
- ✓ инкишофи малакаҳои мушоҳида ва навиштан;
- ✓ таъмини ҳамгироӣ.

**Инро чӣ тавр иҷро кардан мумкин аст?**

1. Хонандагон бо навбат дар гурӯҳ (4-5 нафар) ба ҳамдигар дар бораи воқеаи ба қарибӣ рухдода нақл мекунанд, яъне бо навигариҳои ҳаёти худ ҳамсинфонро шинос менамоянд.
2. Паси ҳамдигар хонандагон навигариҳоро нақл мекунанд ва сипас дар вараќи коғаз тасвир мекунанд.
3. Мазмуни расмро бо ду-се ҷумла менависанд.
4. Кори иҷрокардаро дар гӯшаи «Навигариҳо» меовезанд.

Навигариҳо бояд ҳар ҳафта иваз карда шаванд. Азбаски мақсад аз истифодаи ин усул инкишоф додани малакаҳои навиштан аст, сифати расм ба назар гирифта намешавад.

Мунтазам иҷро кардани ин фаъолият ба хонандагон имкон медиҳад, ки барои навиштани нақли хаттӣ ва иншо тайёр шаванд.

**Натиҷа.**
Хонандагон:
1) нутқашонро инкишоф медиханд;
2) малакаҳои навиштани кори хаттиро меомӯзанд;
3) фаъолияти ҳамсинфи худро мушоҳида мекунанд;
4) фикрашонро ба воситаи расм иброз медоранд.

**Тавсия ба омӯзгор**

Усули «Навигариҳо» хоси синфҳои ибтидоист. Дар вақти кори гурӯҳӣ лаҳзаҳои нақли воқеаи шунидаву дидаи шогирдон кӯшед, то мушоҳида намоед. Ба назди ҳар

гурӯҳ рафта, фаъолияти хонандагонро мушоҳида кунед. Ба ин васила ба Шумо маълум мегардад, ки то кадом дараҷа малакаву маҳорати хонанда ташаккул ёфтааст.

## СИНКВЕЙН
### (мухаммас)

(*Калимаи фаронсавӣ буда, маънояш 5 мисраъ аст. Синквейн – ин шеъри бе қофия буда, барои таҳлил ва хулоса кардани маълумот ёрӣ мерасонад*)

Бо ёрии ин метод фикру ақидаи шахсӣ тавсиф карда мешавад. Аз рӯйи панҷ банд (унсур) хонандагон фикрашонро оид ба мавзӯъ баён карда метавонанд.

**Мақсад:** фикру мулоҳизаҳо шахсии худро хаттӣ ифода ва хулосабарорӣ карда тавонистан, инкишофи нутқи хаттӣ, ҳавсманд намудан ба мушоҳидакорӣ ва донишомӯзӣ.

**Марҳилаи дарс**: мулоҳизаронӣ

**Қадамҳо**:
1. Мавзӯъ бо як калима бояд иншо шавад (одатан исм).
2. Ифода намудани хусусияти мавзӯъ бо ду калима (ду сифат).
3. Тавсифи амал дар чорчӯбаи мавзӯъ (се феъл ва ё феъли ҳол).
4. Муносибат ба мавзӯъ, ҳиссиёт ва ҳаяҷон (ҷумлаи иборат аз чор калима).
5. Такрори мазмуни мавзӯъ бо истифодаи як калима (муродифи мавзӯъ).

***Сохти синквейн чунин мешавад***

**1. ________________.**
**2. ________________, ________________.**
**3. ________________, ________________, ________________.**
**4. ________________ ________________ ________________ ________________.**
**5. ________________.**

**Намунаҳо:**

1. **Хона.**
2. Зебо ва равшан.
3. Зистан, фурӯхтан, тоза кардан.
4. Хонаро бояд тоза кард.
5. Манзил.

1. Китоб.
2. Бадеиву илмӣ.
3. Чоп мекунанд, мехонанд, эҳтиёт мекунанд.
4. Аниси кунҷи танҳоӣ аст.
5. Дӯст.

**Натиҷа.**
Хонандагон:
1) мустақилона шеър эҷод мекунанд;
2) фикрҳои шахсии худро баён мекунанд;
3) алоқамандии мисраҳоро шарҳ медиҳанд.

**Тавсия ба омӯзгор**

Вақте ки Шумо шогирдонро бо ин усул шинос мекунед, сараввал ба онҳо чӣ тавр иншо шудани шеърро шарҳ диҳед. Сипас якчанд намуна оред. Барои самаранокии кор хонандагонро ба кори дунафарӣ ҷалб кардан беҳтар аст. Барои навиштани синквейн ба ҳар кас 5-7 дақиқа вақтро муайян кунед. Сипас як нафар ба шарики худаш муроҷиат карда, дар машварат синквейнро мукаммал менамоянд.

## УСУЛИ «ТАҲРИР»

Ин усули кор бо матни корҳои хаттӣ буда, онро ҳамчун воситаи ба худ ва ё ба ҳамдигар баҳо додан истифода мешавад.
**Мақсад**: инкишофи малакаҳои ба худ ва ҳамдигар баҳо додан, такмили нутқи хаттӣ.

**Инро чӣ тавр иҷро кардан мумкин аст?**
**Қадамҳо:**

1) навиштани имло, нақли хаттӣ ё иншо;
2) саволҳо барои таҳрири кори худ ё ҳамдигар:
   - оё ҳамаи калимаҳо дуруст навишта шудаанд? (Ба ёд овардани имлои калимаҳо);
   - ҳамаи ҷумлаҳо фикри тамомшударо ифода мекунанд?
   - ҷумлаҳо мураккаб нестанд? Агар мураккаб бошанд, чӣ тарз метавон онро ихтисор кард ё аз он ду ҷумлаи сода сохт?
   - оё баъд аз аломатҳои нуқта, савол ва хитоб ҷумлаҳо бо ҳарфи калон сар мешаванд? Аломатҳои китобат дуруст гузошта шудаанд?
   - Сархатҳо дуруст гузошта шудаанд?;
3) ғалатҳои ҷойдоштаро ислоҳ кунед.

Чи тавре ки аз номаш маълум аст, ин усул дар дарсҳои кори хаттӣ (имло, нақли хаттӣ, иншо) гузаронда мешавад.
Муаллим аз намунаи меъёрҳои арзёбии ташаккулдиҳанда истифода бурда метавонад.

### Намунаи меъёрҳо барои навиштани корҳои хатти хонандагон

| Меъёрҳо (мавзӯъ: Тирамоҳи заррин) |
|---|
| ✓ Миқдори калимаҳо. |
| ✓ Ҷумлаҳо бо ҳам алоқамандананд? |
| ✓ Оғози ҳикоя ба меъёр ҷавобгӯй аст? |
| ✓ Аз исмҳои тирамоҳ, деҳқон, сабзавот, мева, боғбон истифода бурдааст |
| ✓ Дар ҳикоя тирамоҳро ба……… монанд кардааст |
| ✓ Хушхат навишта шудааст: ҳарфҳо мавзун, бо риояи қоидаҳои пайвастшавӣ |
| ✓ Покиза ( ислоҳ карда нашудааст) |
| ✓ Сархат ва ҳошияҳо риоя шудаанд |
| ✓ Ҳиссаи калима (ҳо) ба сатри дигар дуруст гузаронида шудаанд |
| ✓ Ҳарфҳое,ки навишташон аз талаффуз фарқ доранд |
| ✓ Имлои ҳарфҳои ӣ, ӯ, ъ, ётбарсар риоя шудааст |
| ✓ Дар охири ҷумла аломати нуқта, (савол, хитоб) гузошта шудааст |
| ✓ Аввали ҳар ҷумла ва номи одамон бо ҳарфи калон навишта шудааст |
| ✓ Миқдори умумии ғалатҳо/беғалат |

**Натиҷа.**
Хонандагон:
1) ба кори худ баҳо медиҳанд;

2) кори дигаронро арзёбӣ мекунанд;
3) ғалатҳоро мустақилона ислоҳ менамоянд.

**Тавсия ба омӯзгор.** Барои санҷидан ва ба кори худ баҳо додани шогирдон, ба онҳо таъкид намоед, ки дар кори хаттии худ ҷумла (ибора, калима)-и ба онҳо мақбулро бо ягон ранг (беҳтараш қалами сабз) ишора намоянд. Сипас барои такмил додани корашон ҷумлаеро интихоб намоянд, ки ислоҳталаб аст. Ин усул имкон медиҳад, ки ҳам хонанда муваффақият ба даст оварад, ҳам кори устодаш (масалан, ислоҳи ғалатҳои китобат, имло) сабук гардад.

## ЗАНҶИРҲОИ САРБАСТАИ МАНТИҚӢ

**Усул барои муайян кардани пайдарпайии мантиқии калимаҳо, мафҳумҳо, ҷумлаҳо ва қисмҳои парокандаи матн.**

**Мақсадҳо**:
- ✓ ҳавасмандӣ ба хондан ва мушоҳидакорӣ,
- ✓ ҷобаҷогузории мантиқии мафҳумҳои асосӣ.

**Инро чӣ тавр иҷро кардан мумкин аст?**

ҚАДАМҲО ВА ҚОИДАҲОИ УСУЛ:
**Усули мазкур ду гуна аст.**
**Гунаи 1.**

1. Дар лавҳи синф мафҳумҳои асосиро, ки ба мавзӯи дарс алоқаманд аст, нависед (ё дар варақи сафед навишта, овехта мешавад).
2. Мафҳумҳо ба таври омехта гузошта мешаванд.
3. Ба хонандагон пешниҳод карда мешавад, ки пайдарпайии мафҳумҳои асосиро мантиқан муайян карда, матн тартиб диҳанд.
4. Хонандагон бо нусхаи аслӣ шинос мешаванд.
5. Матни худро бо нусхаи аслӣ муқоиса мекунанд.

Матнро як бор бодиққат хонед
Қисмҳои матнро бо тартиби муайян гузоред
Ба матн сарлавҳаи мувофиқ гузоред.

Соли дигар селаи турнаҳо аз омадани баҳор мужда намерасонданд. Булбулон чаҳ-чаҳ намезаданд, парастуҳо дар шифти хонаҳо лона намесохтанд, кабӯтарон дар фазо парвоз намекарданд. Одамон ҳам аз омадани баҳор шодӣ намекарданд. Чанд рӯз пас аз омадани баҳор дар шаҳр овоза паҳн шуд. Баъд ин овоза ба ҳақиқат мубаддал гашт. Аз ин овоза шоҳи кишвар ба ваҳм афтода фармон медиҳад, ки шаҳрро аз ин офат муҳофизат намоянд. Бо фармони ӯ дар атрофии шаҳр одамон хандақҳо мекананд, ҳезуми хушк гирд меоваранд, девор мебардоранд.

Роҳибон дуо мехонданд, занон тоҷи хурӯсонро хун мекарданд, сарватмандон ва ҳатто мӯйсафедон садақаҳо медоданд то ки он офат ба шаҳр наояд.

Аммо он офат омад. Расиду мардум фаҳмиданд, ки ибораи чун мӯру малах малах чӣ маъно доштааст. Села-селаи малаххо аз ҳар гӯшаву канори кишвар сар бардошта, киштзорон, барги дарахтон, алафзорҳо, хулоса ҳар гиёҳе , ки аз замин мерӯид, хӯрда несту нобуд мекарданд. Дар кишвар воҳима паҳн шуд.

Боре подшоҳи кишвар атрофиёнро ба назди худ хонда гуфт, ки агар мо паррандагони ғаллахорро нест кунем, халқ аз бенавоӣ мераҳад, анборҳои шоҳӣ пур карда мешавад, тиҷорати хориҷӣ метафсад, хулоса, кишвар дорову муқтадир мегардад.

Бо фармони шоҳ мардум даст ба вайронкорӣ мезананд.Онҳо корро аз хароб кардани лонаи паррандаҳо оғоз мекунанд. Села-селаи паррандаҳоро нобуд сохта, ба халтаҳо меандозанд, ба ивази ҳар халта аз шоҳ як танга тилло мегиранд. Дар зарфи шашмоҳ дар кишвар дигар парранда намонд.Табиат ин бераҳмии одамонро набахшид.

Подшоҳи кишвар ба давлатҳои ҳамсоя номаҳо навишт, тӯҳфаҳо пешкаш менамуд, хоҳиш мекард, ки ба кишвари ӯ парранда биёранд. Подшоҳе, ки чанд моҳ қабл ба ивази як халта гунҷишк як танга медод, тайёр буд барои танҳо як гунҷишки зинда як тангаи тилло диҳад. Ба кишвар бо роҳи баҳру хушкӣ қафас-қафас паррандаҳо меоварданд. Киштиҳову корвонҳо ба ҷойи моли воридотӣ гунҷишк мекашонданд. Аммо гунҷишкон барои несту нобуд кардани ин миқдор ҳашарот қудрат надоштанд. Аммо табиат гӯё намехост, ки одамон маҳв шаванд, Жолаву борон борид. Се шабу се рӯз борид. Ҳаво аз бӯй, замин аз ин махлуқоти нопок тоза шуд. Одамон зинда монданд.

Мазмун аз Баҳманёр

**Натиҷа.**

Хонандагон:

1) матнро бодиққат мехонанд;
2) фаъолияти худро бо матн муқоиса мекунанд;
3) дониши худро арзёбӣ менамоянд;
4) аз натиҷаи кор хулоса мебароранд;

Дар ҷараёни таълим аз кадом мавод истифода мебаред? Ин маводро чӣ гуна дастрас мекунед?

**Қадами 3. Кори инфиродӣ.**

**Масъала:** Оид ба меъёрҳои пешниҳодшуда дар мубоҳисаи умумӣ фаъолона ширкат намоед.

**б) Робитаи мутақобила:**

Шумо чиро омӯхтед?

Ба Шумо чӣ маъқул шуд?

Дархости Шумо

**а)** Намунаро нишон диҳед ва ба саволҳо муроҷиат намуда, метод ё шаклҳои истифодашударо муҳокима кунед. Ҷадвали зеринро пешниҳод намоед.

| **Метод/шакл** | **Шарҳ** | **Афзалият** | **Қадамҳо: чӣ гуна амалӣ кардан мумкин аст?** |
|---|---|---|---|

# Модули 4

## Арзёбии ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ

Арзёбӣ ҷузъи пайвастаи раванди таълиму омӯзиш аст. Таълиму арзёбиро аз ҳам ҷудо кардан имконнопазир аст. Тадқиқоти зиёди мамлакатҳои мутараққӣ нишон медиҳанд, ки арзёбӣ ба раванди азхудкунӣ ва татбиқи донишу малакаҳои хонандагон таъсир мерасонад.

Дар олами педагогикаи муосир навъҳои гуногуни арзёбӣ маъмул буда, мавриди истифода қарор гирифтаанд. Арзёбӣ дар адабиёти гуногуни илмӣ-педагогӣ дар шаклҳои (мафҳумҳои) гуногун пешниҳод шуда, таҳқиқ мешаванд. Аз ҷумла, ҳангоми таҳлили адабиёти соҳавӣ чунин мафҳумҳои тобиши арзёбидошта пайдо мешаванд: «арзёбии анъанавӣ», «арзёбии алтернативӣ», «арзёбии фаъолият» (Сюзан М. Батлер ва Нэнси Д. МакМунн), «арзёбии ташхисӣ», «арзёбии ташаккулдиҳанда», «арзёбии ҷамъбастӣ (суммативӣ)» ва ғайра.

Боби мазкур ба таҳлили ду навъи арзёбӣ, яъне арзёбии ташаккулдиҳанда (формативӣ), арзёбии ҷамъбастӣ (суммативӣ) бахшида шуда, хусусиятҳои ҳар яки он мӯҷаз баён карда мегардад.

Инчунин дар давоми омӯзиш шумо ба мақсадҳои зерин ноил хоҳед гашт.

- *мақсад ва вазифаҳои арзёбиро шарҳ медиҳед;*
- *навъҳои арзёбиро шарҳ дода онҳоро муқоиса мекунед;*
- *принсипҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро шарҳ медиҳед;*
- *мафҳуми нишондиҳандаи муваффақиятро шарҳ дода метавонед;*
- *нишондиҳандаи муваффақият таҳия карда метавонед;*
- *мафҳуми робитаи мутақобиларо шарҳ дода метавонед;*
- *навъҳои робитаи мутақобиларо номбар мекунед;*
- *моҳияти ба худ баҳо доданро шарҳ дода метавонед;*
- *усули ба худ баҳо доданро истифода мебаред;*
- *воситаҳои гуногуни арзёбиро шарҳ медиҳед;*
- *воситаҳои гуногуни арзёбии ташаккулдиҳандаро дар амал истифода мебаред;*
- *моҳияти меъёргузориро ҳангоми арзёбии ҷамъбастӣ таҳлил мекунед;*
- *барои арзёбии мақсадҳои таълим меъёрҳо таҳия мекунед;*
- *моҳияти тестро ҳангоми арзёбии ҷамъбастӣ таҳлил мекунед;*
- *барои арзёбии мақсадҳои таълим саволу масъалаҳои тест таҳия мекунед.*

Ба шумо дар ин самт муваффақият хоҳонем!

**Модули 4. Машғулияти 1. Арзёбии ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ**

**Мақсади таълим:**
**Иштирокчиён:**
- мақсад ва вазифаҳои арзёбиро шарҳ медиҳанд;
- навъҳои арзёбиро шарҳ дода онҳоро муқоиса мекунанд.

**Қадами 1. Муаррифӣ ва муҳокимаи мавзӯъ ва мақсадҳои таълим.**

**Масъала:** Мақсадҳои таълимии машғулиятро хонда, ба савол ҷавоб гардонед. Ба фикри шумо аҳамияти ин мақсадҳо дар чист?

**Қадами 2. Ангезиши зеҳн.**

**Саволҳо:**
- Ба фикри шумо бо кадом мақсад дониши хонандагон арзёбӣ карда мешавад? Номбар кунед.
- Шумо дониши хонандагонро бо кадом воситаҳо арзёбӣ мекунед?

| Мақсад | Восита |
|---|---|
| | |

**Қадами 4. Кор дар гурӯҳҳо. Хондан ва таҳлили матн.**
**Масъала:**
- Хазинаи маърифатро бодиққат хонда, ҷадвали «Рӯзномаи дубахша»-ро пур кунед.
- Онро тавассути усули «Савол ба муаллиф» муаррифӣ намоед.

| Иқтибос | Шарҳ |
|---|---|
| | |

**Хазинаи маърифат**

Арзёбӣ ҷузъи пайвастаи раванди таълиму омӯзиш аст. Таълиму арзёбиро аз ҳам ҷудо кардан имконнопазир аст. Тадқиқоти зиёди мамлакатҳои мутараққӣ нишон медиҳанд, ки арзёбӣ ба раванди азхудкунӣ ва татбиқи донишу малакаҳои хонандагон таъсир мерасонад.

Дар олами педагогикаи муосир навъҳои гуногуни арзёбӣ маъмул буда, мавриди истифода қарор гирифтаанд. Арзёбӣ дар адабиёти гуногуни илмӣ-педагогӣ дар шаклҳои (мафҳумҳои) гуногун пешниҳод шуда, таҳқиқ мешаванд. Аз ҷумла, ҳангоми таҳлили адабиёти соҳавӣ чунин мафҳумҳои тобиши арзёбидошта пайдо мешаванд: «арзёбии анъанавӣ», «арзёбии алтернативӣ», «арзёбии фаъолият», «арзёбии ташхисӣ», «арзёбии ташаккулдиҳанда», «арзёбии ҷамъбастӣ (сумративӣ)» ва ғайра.

Боби мазкур ба таҳлили ду навъи (усули) арзёбӣ, яъне арзёбии ташаккулдиҳанда (формативӣ), арзёбии ҷамъбастӣ (сумративӣ) бахшида шуда, хусусиятҳои ҳар яки он мӯҷаз баён мегардад.

**Арзёбии ташаккулдиҳанда -** равандест, ки тавассути он муаллиму хонандагон раванди таълимро таҳлил карда хулосаи зарурӣ мебароранд. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда ба муаллимон имконият медиҳанд, ки раванди таълимро назорат карда, тавассути маслиҳату роҳбаладӣ онро ба самти муайян барои расидан ба мақсаҳои таълим равона созад. Ин навъи арзёбӣ ба хонандагон имконияти муайян намудани сатҳи инкишофашонро дода, ахборро оид ба сатҳи дигари инкишоф ва тарзи ба он расиданро фароҳам меорад.

Арзёбии ташаккулдиҳанда чунин хусусиятҳоро дорост:

- арзёбии ташаккулдиҳандаи дуруст ба роҳ мондашуда натиҷаҳои имтиҳонҳои ҷамъбастиро баланд бардошта, хонандагонро барои тамоми умр дониш андӯхтан омода месозад;
- дар раванди арзёбии ташаккулдиҳанда муаллим на ҳамчун нозир, балки ҳамчун ҳамоҳангсоз/роҳбалад ва муҳаққиқ фаъолият мекунад;
- арзёбии ташаккулдиҳанда раванди таълимро пеш бурда, онро фарроху амиқ мегардонад;
- чен ва муқоиса кардани дониши хонандагон (байни ҳамдигар) хоси арзёбии ташаккулдиҳанда нест.

**Арзёбии ҷамъбастӣ** – ин усули арзёбӣ барои муайян кардани натиҷаҳои таълим ва дастовардҳои хонандагон истифода шуда, ба ин васила оид ба дараҷаи азхудкунии мӯҳтаво (матн, мавзӯъ), дониш ва ё малака ахбор ҷамъ оварда мешавад. Натиҷаи чунин ахбор дар қолабҳои гуногун, аз ҷумла журнали синф, табелҳои гуногун, шаҳодатномаи хатми мактаб дар шакли холҳо/баллҳо ҷамъбаст карда мешавад. Вобаста ба мақсад, арзёбии ҷамъбастиро метавон ба воситаи тестҳо (ки аз тарафи муаллим омода мегарданд) ва ё баҳодиҳии васеъ (имтиҳони шифоҳӣ, иншо, диктант, ҷамъбасти чоряк) ба роҳ монд. Чен ва муқоисаи дастовардҳои хонандагон, ба меъёрҳои ченшаванда, масалан, ба талаботи барномаву стандартҳо мувофиқат кардан рукнҳои асосии арзёбии ҷамъбастӣ мебошанд.

**Қадами 5. Таҳлилу баррасӣ. Блиспурсиш.**

Саволҳо:
- Аз ҳар ду навъи арзёбӣ шумо кадомашро бештар истифода мебаред? Чаро?
- Оё бе арзёбии ташаккулдиҳанда ба натиҷаҳои хубтар ноил гаштан мумкин аст?
- Ба фикри шумо кадом навъҳои арзёбӣ дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик мувофиқтар аст? Чаро?
- Ба фикри шумо ҳангоми истифодаи онҳо ба кадом мушкилот дучор мешавед?
- Мушкилоти мавҷударо чӣ гуна ҳалу фасл менамоед?
- Боз чиро оид ба арзёбӣ донистан мехоҳед?

**Қадами 6. Арзёбӣ\худназорат. Муҳокимаи умумӣ.**

| **Андешаҳои ман пеш аз машғулият** | Андешаҳои ман баъд аз машғулият |
|---|---|
| | |

**Қадами 7. Ҷамъбасти машғулият. Муҳокимаи умумӣ.**

**Саволҳо:**
- ✓ *Машғулияти мо аз чӣ оғоз гардид ва дар доираи кадом мавзӯъ мо фаъолият намудем?*
- ✓ *Бо кадом мақсад дониши хонандагон арзёбӣ карда мешавад?*
- ✓ *Кадом навъҳои арзёбироро медонед?*

**Модули 4. Машғулияти 2. Принсипҳои арзёбии ташаккулдиҳанда**

**Мақсади таълим:**
**Иштирокчиён:**
- принсипҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро шарҳ медиҳанд.

**Қадами 1. Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсади таълим.**
*Савол*: Агар омӯзгор принсипҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро шарҳ дода тавонад ин ба ӯ чӣ медиҳад?

**Қадами 2. Ангезиши зеҳн.**
**Савол**: Арзёбӣ кадом хусусиятҳоро бояд дошта бошад? Номбар кунед.

**Қадами 3**. **Кор дар гурӯҳҳо.**
**Масъала**: Ба панҷ гурӯҳи чорнафара муттаҳид шуда, аз «Хазинаи маърифат» ду принсипи арзёбии ташаккулдиҳандаро интихоб намоед. Оид ба ин ду присип муаррифӣ омода намуда, ба аҳли синф пешниҳод кунед.

**Гурӯҳи А. Принсипҳои якум ва дуюм.**
**Гурӯҳи Б. Принсипҳои сеюм ва чорум.**
**Гурӯҳи В. Принсипҳои панҷум ва шашум.**
**Гурӯҳи Г. Принсипҳои ҳафтум ва ҳаштум.**
**Гурӯҳи Ғ. Принсипҳои нуҳум ва даҳум.**

**Қадами 4. Муаррифӣ ва арзёбии натиҷаи кори гурӯҳҳо.**
*Масъала*: Ба намояндаи гурӯҳи муаррификунанда савол диҳед. Ҳангоми арзёбӣ аз ҷадвали зерин истифода баред.

| Нишодиҳанда | Ҳа | Не | Тавсия |
|---|---|---|---|
| Муаррифӣ хоно ва фаҳмо аст. | | | |
| Муаррифӣ хуб оро дода шудааст. | | | |
| Масъала пурра баррасӣ шудааст. | | | |
| Шарҳу эзоҳи муаррификунанда ба маврид ва фаҳмост. | | | |
| Муаррификунанда ба саволҳо пурра ҷавоб дод. | | | |

**Қадами 5. Муҳокима ва хулосабарорӣ.**
*Саволҳо:* Принсипҳои мазкур ба ҳама фаҳмоанд? Оё риояи ин принсипҳо шарт аст? Чаро?

**Қадами 6. Ба худ ва ба ҳамдигар баҳо додан.**
**Масъала**: Ҷадвали зеринро пурра созед.

| р/т | Нишондиҳанда | ҳа | не | қисман | Агар «не» ё «қисман» бошад, савол дорам. |
|---|---|---|---|---|---|
| 4. | Принсипҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро шарҳ дода метавонам. | | | | |
| 5. | Имрӯз дар кори гурӯҳи хуб фаъолият кардам. | | | | |
| 6. | Оид ба татбиқи принсипҳои арзёбии ташаккулдиҳанда омодаам. | | | | |

**Хазинаи маърифат**

**Принсипҳои арзёбии ташаккулдиҳанда**

Арзёбии ташаккулдиҳанда арзёбӣ барои беҳбудии таълим ва баландшавии маърифати талаба аст. Низоми мазкур имкон медиҳад, ки дастоварди талабагон таҳти назорат бошад ва он боиси баланд гардидани сатҳи таҳсилот шавад. Арзёбии ташаккулдиҳанда аз усулҳои баҳодиҳии мавҷуда фарқ мекунад. Пеш аз ҳама, дар ин низом муаллим имконияти бо талаба ба таври инфиродӣ кор карданро дорад. Омӯзгор метавонад дар асоси арзёбии мазкур дониши нопурра азхудкардаи талабагонро ташхис кунад, дар давраи аввал ёрӣ расонад ва раванди таълимро ташкил намояд. Талаба дар ин маврид масъулияти худро барои таҳсил бештар ҳис мекунад.

Арзёбии ташаккулдиҳада хусусияту принсипҳои худро дорад. Принсипҳои мазкур аз тарафи Гурӯҳи корӣ оид ба арзёбӣ (аз тарафи Асосиатсияи Бритонии Пажуҳишҳои Маърифатӣ) дар асоси тадқиқот таҳия шудаанд:

**Принсипи 1. Арзёбӣ қисми асосии банақшагирии дарс бошад.** Ҳангоми банақшагирии дарс омӯзгор дар нақша фаъолиятҳоеро ҷо диҳад, ки ҳам ба ӯ ва ҳам ба хонанда имконияти назорати раванди таълимро фароҳам оранд. Мувофиқи принсипи мазкур восита ва усулҳои арзёбӣ баъди муайян кардани мақсад ва фаъолияти таълим тарҳрезӣ карда мешавад. Мақсад он аст, ки ҳанӯз дар марҳилаи банақшагирӣ роҳу воситаҳои арзёбӣ муайян шуда, дараҷаи эътимоднокии онҳо таҳлил гарданд.

**Принсипи 2. Арзёбӣ ташаккулдиҳанда ба таҳлили раванди омӯзиш нигаронида шуда бошад.** Яъне ҳангоми арзёбӣ хонандагон бояд ба саволи чӣ тарз ба ин натиҷа ноил гаштанд, чӣ душворӣ кашиданд ва барои чӣ муваффақ шуданд, ҷавоб диҳанд. Ин ба хонандагон имконият медиҳад, ки раванди таълимгириро таҳлил карда, эътимод ҳосил намоянд. Пас аз иҷрои ҳар як фаъолияти таълим, омӯзгор тавассути воситаҳои арзёбӣ хонандагонро водор менамояд, то раванди иҷрои он фаъолиятро таҳлил карда, хулоса бароранд ва қадами дигари таълимро мушаххас гардонанд.

**Принсипи 3. Арзёбии ташаккулдиҳанда ҳамчун меҳвари дарс шинохта шавад.** Аксари фаъолияти таълими, ки ҳангоми дарс иҷро карда мешаванд бояд хусусияти арзёбӣ (таҳлилӣ) дошта бошанд. Бояд масъала, савол ва дигар масъалаҳои таълим тарзе тарҳрезӣ карда шаванд, ки ба хонанда имконияти таҳлили раванди омӯзишро фароҳам оранд.

**Принсипи 4. Арзёбии ташаккулдиҳанда ҳамчун рукни асосии омодагии касбии омӯзгор шинохта шавад.** Омӯзгор бояд малакаву маҳоратӣ истифодаи воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро дошта бошад. Ин малакаву маҳорат дар донишгоҳҳо, коллеҷҳо ва курсҳои такмили ихтисос ва ё ба таври худомӯзӣ ҳосил карда мешаванд. Омӯзгор бояд тарзи банақшагирӣ, ташкил ва таҳлили воситаҳои арзёбӣ, воситаҳои пешниҳоди тавсияҳо, саволу масъалаҳоро дуруст ба роҳ монад.

**Принсипи 5. Арзёбӣ бояд ҳасос ва конструктивӣ бошад**. Ҳангоми пешниҳоди тавсияву натиҷаҳои арзёбӣ омӯзгор бояд аз таъсири арзёбӣ ба хонанда огаҳ бошад. Яъне то кадом андоза тавсияҳо ба хонанда таъсири манфӣ ва ё мусбӣ мерасонанд. Тавсия, шарҳу эзоҳҳо бояд ба фаъолияти таълимии хонанда нигаронида шуда бошанд на ба шахсияти ӯ. Тавсияву тақризҳо бояд созанда бошанд, хонандаро аз як зинаи инкишоф ба зинаи баландтар бардоранд.

**Принсипи 6. Арзёбии ташаккулдиҳанда бояд мотиватсияи хонандагонро нисбат ба таълим ба эътибор гирад**. Барои баланд бардоштани мотиватсияи хонандагон арзёбӣ нақши назаррас мебозад. Дар ин ҳолат диққат ба дастовардҳои хуби хонанда равона шуда, сипас дар асоси он қадамҳои дигар, аз ҷумла дуруст кардани ғалатҳо, диққат додан ба имлоӣ калимаҳо ва ғайра ба роҳ монда мешаванд. Тавсия карда мешавад, ки омӯзгор ҳангоми матраҳ сохтани муколама бо хонанда аввал ақалан се ҷиҳати хуби корро ба хонанда баррасӣ мекунад, сипас самтҳое, ки бояд такмил дода шаванд ва роҳу усулҳои такмилдиҳӣ пешниҳод мешаванд. Дар ин ҳолат хонанда мотиватсияи таълимиро гум намекунад.

**Принсипи 7. Арзёбии ташаккулдиҳанда ба фаҳмидани мақсади таълим ва меъёрҳои арзёбӣ бояд мусоидат намояд**. Хонанда бояд аз мақсади дарс огаҳ буда, моҳияти онро дарк намояд. Зиёда аз он он мақсадҳоро баррасӣ карда, барои таълим гирифтан масъулият ҳис кунад. Омӯзгор дар оғози дарс ба хонандагон мақсадҳоро муаррифӣ карда, натиҷаи ниҳоии таълимро муҳокима мекунад. Хонанда бояд донад, ки барои чӣ имрӯз масъалаи мазкур таҳлил мешавад ва он ба донишу малакаҳои пешнааш чӣ алоқамандӣ дорад. Донистани меъёрҳои арзёбӣ ба хонанда имконият медиҳад, ки тамоми фаъолияти таълимиашро ба тартиб дарорад ва онро ба самти муайян барои ба даст овардани мақсаду натиҷаҳо равона месозад. Ҳангоми баррасии меъёрҳои арзёбӣ иштироки хонандагон ҳатмист.

**Присипи 8. Тавассути воситаҳои арзёбӣ ба хонандагон бояд дастури мушаххас барои рушди минбаъда дода шавад.** Ба хонанда бояд тавсияҳои мушаххас оид ба самти рушди минбаъда пешниҳод карда шавад. Тавсияҳо дар навбати худ бояд мушаххас, иҷрошаванда, мувофиқ ва саривақт бошанд. Тавсияҳо ҳамчун дастур пешниҳод карда мешаванд, то хонанда самти такмил доданро пурра дарк кунад.

**Принсипи 9. Арзёбии ташаккулдиҳанда малакаи ба худ баҳо додани хонандагонро такмил диҳад.** Омӯзгор дар ниҳоди хонанда малакаи назорати фаъолияти таълимии худро тарбият мекунад. Хонанда объекти асосии раванди таълим маҳсуб меёбад, аз ин лиҳоз омӯзгор ба ӯ дар ин самт роҳнамоӣ мекунад. Таълим гирифтан ва маърифатноку лаёқатманд шудан аз худи хонанда вобаста аст. Инро метавон тавассути бори дигар хонандагонро ба таҳлили раванди иҷрои масъалаи таълим ҷалб кардан ба роҳ монд. Чӣ тарз? Кадом воситаҳо ҳангоми ҳалли масъала истифода шудаанд? Ба кадом мушкилот дучор шуданд? Чӣ гуна он мушкилотро паси сар карданд? Ин саволҳо хонандагонро водор менамоянд, ки раванди таълимро таҳлил кунанд.

**Принсипи 10. Арзёбӣ ҳамаи дастовардҳои таълимии хонандаро ба эътибор гирад.** Омӯзгор ҳангоми арзёбӣ бояд тамоми дастовардҳои таълимии хонандаро ба эътибор гирифта, онро қадрдонӣ кунад. Ҳар як хонанда бояд имконияти гирифтани тавсия, тақриз ва таҳлили фаъолияти таълимии худро дошта бошад. Аз эътибор дур сохтани дастовардҳои  таълимии хонандагон мотифатсияи маърифатҷӯйии ӯро паст мегардонад. Аз ин лиҳоз тавсия карда мешавад, ки ҳар як дастоварди ӯ ба қадри имконият қадрдонӣ гардад.

**Модули 4. Машғулияти 3. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда: нишондиҳандаҳои муваффақият**

**Мақсади таълим:**
**Иштирокчиён:**
- мафҳуми нишондиҳандаи муваффақиятро шарҳ дода метавонанд;
- нишондиҳандаи муваффақият таҳия карда метавонанд.

**Қадами 1. Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсади таълим.**
*Савол*: Моҳияти мақсади таълими машғулияти мазкур дар чист? Шарҳ диҳед.

**Қадами 2. Лаҳзаи дарси намоишӣ**

***Омӯзгор***: Нақли хаттии хуб бояд чӣ гуна бошад? Чӣ дар навиштани нақли хаттӣ зарур аст?
***Хонандагон*****:** Ба саволҳои омӯзгор ҷавоб медиҳад.
Масалан:
- Ҷумлаҳо бояд пурра бошанд;
- Ҷумлаҳо ба якдигар алоқаманд бошанд. …
***Омӯзгор***: Дар тахтаи синф ақидаҳои хонандагонро менависад.
Дар натиҷа, эҳтимол чунин ақидаҳо пешниҳод шаванд:
- Ҷумлаҳо бояд пурра бошанд;
- Ҷумлаҳо ба якдигар алоқаманд бошанд;
- Сифати симоҳо пурра тасвир шаванд;
- Воқеаҳо паиҳам тасвир шаванд.
***Омӯзгор***: Ҳоло мо бо шумо нақли хаттӣ менависем. Сипас дар тахтаи синф нақшаи кластерро мекашад. Омӯзгор матни ҳикояро ду маротиба мехонад (Нигаред ба замима). Аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки кластерро пурра созанд:




***Омӯзгор***: Ҳангоми пурра сохтани кластер хонандагонро мушоҳида карда, ба онҳо маслиҳат медиҳад.
***Омӯзгор***: Пас аз пурра сохтани кластер, матнро бори дигар мехонад.
***Хонандагон***: Кластерро месанҷанд.
***Омӯзгор***: Аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки нақли хаттӣ нависанд. Ҳангоми нависштан ба нишондиҳандаҳои мувафаққият эътибор диҳанд. Ӯ аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки нишондиҳандаҳоро хонанд.
***Хонандагон***: Нақли хаттӣ менависанд.
***Омӯзгор***: Синфро мушиҳида карда, ҳангоми зарурат ба хонандагон ёрӣ мерасонад.
***Омӯзгор***: Баъд аз навиштани нақли хаттӣ аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки корашонро бо нишониҳандаҳои муваффақият муқоиса кунанд.
***Хонандагон***: Корашонро таҳрир карда, ба омӯзгор пешниҳод мекунанд.

**Қадами 3. Таҳлилу арзёбии лаҳзаи дарси намоишӣ.**
**Саволҳо**: Қадами аввали дарс чӣ буд? Сипас чӣ? Нишондиҳандаҳои муваффақият чӣ тарз таҳия шуданд? Оё нишондиҳандаҳои муваффақият ба шумо ҳангоми навиштани нақли хаттӣ ёрӣ расонданд? Ин воситаи арзёбии ташаккулдиҳанда, яъне таҳияи нишондиҳандаҳои муваффақият чӣ бартарӣ ва мушкилӣ дорад?

**Қадами 4. Таҳияи дастур.**
**Масъала**: Матни «Махзани асрор»-ро хонед ва барои татбиқи ин восита дастур таҳия намоед. Аз чӣ бояд оғоз кард?

**Қадами 5. Арзёбӣ. Худбаҳодиҳӣ.**
Кадом қисмати машғулият ба шумо маъқул афтод? Чаро?
Кадом қисмати машғулият барои шумо мушкил буд?
Барои бартараф кардани ин мушкилот чӣ бояд кард?

## Махзани асрор
## Нишондиҳандаи муваффақият

Нишондиҳандаи муваффақият меъёрҳои расидан ба мақсади таълим мебошанд. Яъне, хонандагон чӣ корро ичро намоянд ё кори онҳо аз кадом қисматҳо иборат буда, кадом хуссусиятҳоро дошта бошад.

Донистани нишондиҳандаҳои муваффақият пеш аз иҷрои вазифаи таълимӣ барои ба натиҷаҳои беҳтар ноил гаштан мусоидат мекунад. Ҳангоме ки хонандагон аз нишондиҳандаҳо огаҳанд ва ё онҳоро якҷоя бо аҳли синф ва муаллим тартиб медиҳанд, корашон самаранок мегардад. Нишондиҳандаҳо ҳамчунин ҳангоми арзёбии раванд ва натиҷаи кори хонанда ҳам аз тарафи муаллим ва ҳам аз тарафи хонанда истифода шаванд.

Воситаҳои тартиб додани нишондиҳандаҳо аз мақсадҳои таълим вобаста аст. Дар ҳар сурат омӯзгор бояд пешакӣ онҳоро ба нақша гирад. Тартиб додани нишондиҳандаҳои муваффақият бо аҳли синф воситаи маъмул аст. Албатта тартиб додани нишондиҳандаҳо якҷоя бо хонандагон дар назари аввал мушкил аст, аммо намунаҳо ин равандро осон ва шавқовар мегардонанд.

Масалан, ду кори хонандагонро ҳамчун намуна ба онҳо пешниҳод мекунем. Аз хонандагон хоҳиш мекунем, ки ҷиҳатҳои хуб ва такмилталаби корро гӯянд.
Муаллим ба аҳли синф муроҷиат карда, мегӯяд, ки биёед якҷоя нишондиҳандаи муваффақият тартиб медиҳем. Муаллим нишондиҳандаҳоро дар тахтаи синф менависад. Сипас ба хонандагон муроҷиат карда, самтҳои дигар низ ба ин васила таҳлил мекунанд. Дар натиҷа муаллим ҳамроҳи хонандагон чунин нишондиҳандаҳоро тартиб доданд:

- Ҷумлаҳо бояд пурра бошанд;
- Ҷумлаҳо ба якдигар алоқаманд бошанд;
- Сифати симоҳо пурра тасвир шаванд;
- Воқеаҳо паиҳам тасвир шаванд.

Баъд аз навиштани нақли хаттӣ, муаллим аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки корашонро дар асоси нишондиҳандаҳо санҷанд. Хонандагон кори худро санҷида, онро ислоҳ мекунанд.

Тартиб додани нишондиҳандаҳои муваффақият чунин бартариҳо дорад:
- корҳои хонандагон беҳтар мегарданд;
- хонандагон масъули кори худ мегарданд;
- ғалатҳои маъмулӣ аз байн мераванд;
- роҳи расидан ба мақсад барои хонандагон равшантар мегардад.

Бояд кӯшиш кард, ки нишондиҳандаҳо зиёд ва аз мақсади дарс дур набошанд. Масалан,
- гузоштани вергул пеш аз калимаи ***ки***;
- бо ҳарфи калон навиштани ҳарфи аввали исми хос;
- мувофиқати андозаи ҳарфҳои калимаҳо бо ҳам;
- тоза ва хоно навиштан.

Агар нишондиҳандаҳо зиёд гарданд, диққати хонандагон ҳамон қадар парешон мешаванд ва мақсади таълим, низ фаромӯш мегардад.

**Модули 4. Машғулияти 4. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда: робитаи мутақобилаи хаттӣ**

**Мақсади таълим:**
**Иштирокчиён:**
- мафҳуми робитаи мутақобиларо шарҳ дода метавонанд;
- навъҳои робитаи мутақобиларо номбар мекунанд.

**Қадами 1. Ангезиши зеҳн.**
*Саволҳо*: Агар хонанда хато кунад, хатои ӯро чӣ гуна пешниҳод мекунед? Робитаи байни омӯзгор ва хонанда чӣ тарз бояд ба роҳ монда шавад?

**Қадами 2. Кори дунафара.**
*Масъала*: Ба намунаи кори хонанда ва тавсияҳои омӯзгор нигаред. Онро ба шарикатон муҳокима кунед. Гӯед, ки он аз тафтиши ҳаррӯзаи шумо чӣ фарқ дорад?

**Қадами 3. Таҳлили натиҷаи арзёбии нақли хатии машғулияти 3.**
*Масъала*: Нақли хаттии дар машғулияти 3 навиштаатонро бо тавсияҳои муаллим аз назар гузаронед. Тавсияҳоро иҷро намоед.

**Қадами 4. Таҳлилу хулосабарорӣ.**
*Саволҳо*: Ин восита ба хонандагон чӣ медиҳад? Оё он ба хонандагон хуш меояд? Кадом мушкили ҳангоми татбиқи он пайдо мешавад? Онро чӣ тавр ҳал кардан мумкин аст?

**Қадами 5. Кор дар гурӯҳҳо. Таҳияи дастур барои татбиқ.**
*Масъала:* Матни «Махзани асрор»-ро хонед ва барои татбиқи он дастур таҳия намоед. Аз чӣ оғоз бяд кард? Дастурҳоро муаррифӣ ва муҳокима кунед.

**Махзани асрор**

Аксари мо – омӯзгорон, кори хаттии хонандагонро, аз ҷумла иншо ва нақли хаттии онҳоро тафтиш карда, бо ишораҳои махсус қайд мекунем ва ё хатои кардаи хонандаро (асосан имлоро) бо қалами сурх дуруст намуда, ба онҳо баҳо мегузорем. Ин восита ба хонандагон барои такмил ёфтан кӯмак намерасонад, балки онҳоро аз таълим дилхунук месозад. Дар ин ҳолат, хонандагоне, ки баҳои «панҷу чор» гирифтаанд, қаноатманд шуда, баҳои пастгирифтаашон рӯҳафтода мешаванд. Аксари вақт тамоми рукнҳои забоншиносӣ ҳангоми таҳлили (тафтиши) иншои хонандагон аз тарафи муллимон ба эътибор гирифта мешавад: имло калимаҳо, аломатҳои китобат ва ғайра.

Ахборот дар чунин усули тафтиш хеле зиёд аст ва ба хонанда барои такмил додани навиштани нақли хаттӣ кӯмак намерасонад. Аксари шумо шояд, гӯед, ки мо бояд ҳамаи ин хатоҳоро муайян карда, корро дуруст баҳо диҳем. Бале, лекин мақсади таълим *навиштани нақли хаттӣ* аст. Агар мақсади таълим дуруст навиштани калимаҳои «ӯ»-дор, истифодаи дурусти аломатҳои китобат, хушхат навиштан мебуд, ин усул мувофиқтар мешуд. Барои хонанда сюжети матнро дуруст тасвир кардааст ё кадом ҳодисаи матни шунидаашро дарҷ накардааст, муҳимтар аст. Аз ин лиҳоз ба хонанда пешниҳод кардани тавсияҳо дар самтҳои дар боло зикршуда таъсири бештар дорад. Ба намунаи **қадами 2** нигаред.

Барои ҳар як кори хаттии хонандагон, аз ҷумла, имло, иншо, нақли хаттӣ ва ғайра баҳо гузоштан ба онҳо тобиши санҷишӣ медиҳад. Санҷидани ҳар як рукни забоншиносӣ, низ чунин тобишро дорад. Ҳама унсурҳои забоншиносӣ, грамматика, имло, хушхатнависӣ дар ҳолате якҷоя санҷида мешавад, ки имло (диктант), нақли хаттӣ ва иншо санҷишӣ бошад. Чуноне ки мо

медонем, ин корҳои санҷишӣ дар ҷамъбасти соли таҳсил ва ё хатми зинаи таҳсил гирифта мешаванд.

Айни замон мо аз воситаҳои анъанавии тафтишу баҳогузорӣ истифода мебарем. Он асосан ба муайян намудани хатоҳҳо, ишора кардани онҳо бо қалами сурх ва дар асоси шумораи хатоҳо гузоштани баҳо мебошад. Дар ин ҳолат хатоҳҳои хонандагон дар корҳои ояндаашон такрор меёбанд, зеро хонандагон бо дидани баҳо, завқи дуруст кардани хатоҳоро гум мекунанд. Аз ин лиҳоз тавсия дода мешавад, ки барои такмил додани кори хонандагон аз тавсияҳои хаттӣ истифода баранд. Якчанд воситаҳои чунин тавсиядиҳиро пешкаш менамоем.

Навиштани тавсия ба кори хонандагон як навъ раҳнамунсозии онҳо мебошад. Ҳангоми тавсиядиҳӣ сараввал се нуктаи хуби корро муайян кардан лозим аст. Онро метавонед бо қалами сабз ишора кунед. Пешакӣ ба хонандагон фаҳмонед, ки ин се қисм (ё зиёдтар) рукнҳои беҳтарини кори онҳост. Сипас ҷойҳои такмилталабро муайян намуда, бо тирча нишон диҳед. Дар ҳошия ва ё поварақ тавсияи худро нависед.

Се навъи навиштани тавсияҳои ёрирасон маъмул аст:

1. **Хотиррасонӣ.** Ин навъи тавсиядиҳӣ барои хонандагони аълохон мувофиқтар аст. Масалан, дар навиштани ҳикоя аз рӯйи расм бо чунин тавсия ба хонанда муроҷиат шудааст: «Вақте ки гушу бинии Муки Хурдакак калон шуданд, ӯ чӣ ҳис кард?

2. **Кӯмаки зинавӣ.** Ин навъи тавсиядиҳӣ ба хонандагоне, ки бештар аз рӯйи дастур кор карданро меписанданд, мувофиқтар аст. Он бо якчанд восита ба роҳ монда мешавад. Масалан:

***а) тавассути саволҳо:*** Ба фикрат чӣ Мукро ба хӯрдани себи сабз водор кард? Баъд аз хӯрдани себи сурх бо ӯ чӣ рух дод?
***б) тасвир:*** сабаби ба боғ рафтани Мукро гӯед.
***в) ҷумлаҳои нотамом:*** Мук себи сабзро хӯрд, зеро … .

3. **Пешниҳоди намуна**. Ин восита махсусан барои хонандагони миёна кӯмаки зиёд мерасонад. Масалан, аз хонандагон хоҳиш мекунед, ки яке аз пешниҳоди мазкурро интихоб намоянд ва ё дар асоси он худашон ҷумлаи нав таҳия карда, ҷумлаи пешинаро иваз намоянд.

*Муки Хурдакак гурусна монд, ӯ ба боғ даромада хост себ хӯрад.*

*Ӯ ба боғ даромада себи сабзро чида хӯрд, ногоҳ гушу биниаш калон шудан гирифтанд.*

**Қадами 6. Арзёбӣ.**
**Масъала**: Кори хаттии хонандагон ва усули тавсияҳои хаттиро ташхис кунед. Гӯед, ки кадом усул истифода шудааст.

**Қадами 7. Кори амалӣ.** Ба хонандагон чӣ тавсия мекунед. Нависед.





**Қадами 8. Ба худ баҳо**

| **Андешаҳои ман пеш аз машғулият** | Андешаҳои ман баъд аз машғулият |
|---|---|
| | |

**Машғулияти 5. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда: ба худ баҳо додан**

**Мақсади таълим:**
**Иштирокчиён:**
- моҳияти ба худ баҳо доданро шарҳ дода метавонанд;
- усули ба худ баҳо доданро истифода барад.

**Қадами 1. Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.**
**Қадами 2. Ангезиши зеҳн.**
Масъала: Ҷумлаҳои зеринро хонед ва гӯед, ки калимаҳои ишорашуда чӣ маъно ва хусусият доранд?

Сӯҳроб бо рафиқаш **барвақт** аз хоб хеста сӯйи чашма равон шуданд.
- **Фавран** ба назди ман ой!- гуфта, раис гӯшаки телефонро **хашмгинона** ҳаво дод.
Раҳима **нохост** пиёларо аз дасташ афтонда шикаст.

**Қадами 3. Ба худ баҳо додан.**

***Саволҳо барои ба худ баҳо додан***

- *Ҳангоми* ***таҳлили калимаҳо*** *ба кадом мушкилӣ дучор шудед?*
- *Чӣ/Кӣ ба шумо ҳангоми* ***таҳлили калимаҳо*** *ёрӣ расонд?*
- *Дар кадом самт барои* ***таҳлили калимаҳо*** *ба Шумо ёрии бештар зарур аст?*
- *Ҳангоми* ***таҳлили калимаҳо*** *чӣ ба Шумо бештар маъқул афтод?*
- *Чӣ чизи навро оид ба* ***таҳлили калимаҳо*** *омӯхтед?*

**Қадами 4. Таҳлилу муҳокима.**
**Саволҳо**:
Кадом фаъолиятро иҷро кардем?

Саволҳои баъди масъалаи таълим чӣ моҳият доштанд ва ба кадом мақсад истифода шуданд?

**Қадами 5. Кор дар гурӯҳҳо.**
**Масъала**: Дастури методии мазкурро аз аввал то ба охир аз назар гузаронда воситаҳои ба худ баҳо доданро ёбед. Онҳоро таҳлил карда, муаррифӣ омода намоед.

**Қадами 6. Матнро хонед ба саволҳо ҷавоб гардонед. Муҳокима кунед.**
**Саволҳо:** Моҳияти асосии ба худ баҳо додан чист? Агар хонандагони шумо ба худ баҳо дода тавонанд ин ба сифати таълим чӣ таъсир мерасонад?

**Махзани асрор**

Хонандагон бояд барои таҳсили худ масъулият ҳис кунанд. Таҳқиқотҳо нишон медиҳад, ки хонандагон он вақт масъулият ҳис мекунанд, ки ба фаъолияти хеш баҳо диҳанд. Асосан ҳангоми шунидани мафҳуми ба худ баҳо додан мо муаррифии корӣ хонандагонро мефаҳмем, лекин худбаҳодиҳӣ ҷанбаи дигар аст.

Воситаҳои худбаҳодиҳӣ аслан дар ҳама зинаҳои дарс истифода бурда мешавад, лекин тавсия дода мешавад, ки баъд аз муаррифӣ ва муҳокимаи мақсади таълим ва иҷрои фаъолиятҳои таълим (барои расидан ба он мақсад) худбаҳодиҳӣ гузаронда шавад.

Худбаҳодиҳӣ тавассути саволҳо бо баёни мақсади таълим ба роҳ монда мешавад. Ширли Кларк чунин намунаи саволҳоро пешниҳод мекунад:

***Саволҳо барои ба худ баҳо додан***

- **Ҳангоми … (мақсади таълим) ба кадом мушкилӣ дучор шудед?**
- **Чӣ/Кӣ ба Шумо ҳангоми … (мақсади таълим) ёрӣ расонд?**
- **Дар кадом самт барои … (мақсади таълим) ба Шумо ёрии бештар зарур аст?**
- **Ҳангоми … (мақсади таълим) чӣ ба Шумо бештар маъқул шуд?**
- **Чӣ чизи навро оид ба … (мақсади таълим) омӯхтед?**
- **Дафъаи оянда (мақсади таълим) чиро иваз мекардед?**

Биёед, якчанд мақсади таълимро ба қолаби ин саволҳо ҷой медиҳем.

Мақсади таълим: хонандагон ҷумлаҳои сода тартиб медиҳанд.

***Саволҳо барои ба худ баҳо додан***

- *Ҳангоми **тартиб додани ҷумлаҳои сода** ба кадом мушкилӣ дучор шудед?*
- *Чӣ/Кӣ ба Шумо хангоми **тартиб додани ҷумлаҳои сода** ёрӣ расонд?*
- *Дар кадом самт барои **тартиб додани ҷумлаҳои сода** ба Шумо ёрии бештар зарур аст?*
- *Ҳангоми **тартиб додани ҷумлаҳои сода** чӣ ба Шумо бештар маъқул афтод?*
- *Чӣ чизи навро оид ба **ҷумлаҳои сода** омӯхтед?*
- *Дафъаи дигар ҳангоми **тартиб додани ҷумлаҳои сода** чиро иваз мекардед?*

Ин саволҳоро вобаста ба мақсади дарс иваз карда метавонед. Ҳангоми гузарондани фаъолияти худбаҳодиҳӣ як ва ё ду саволро ба хонандагон пешкаш кунед. Ҷавобро бо хонандагон муҳокима кунед, то онҳо роҳу усули расидан ба мақсадро муайн кунанд.

Саволҳоро дар варақи алоҳида навишта дар як кунҷи синф (хубтар мешуд дар назди лавҳи синф) часпонед. Вобаста ба мақсади дарс аз он саволҳо истифода баред:

Масалан:

***Худбаҳодиҳӣ***

- *Ба кадом мушкили дучор шудед?*
- *Чӣ/Кӣ ба Шумо ёрӣ расонд?*
- *Дар кадом самт ба Шумо ёрии бештар зарур аст?*

- *Чӣ ба Шумо бештар маъқул афтод?*
- *Чӣ чизи навро омӯхтед?*
- *Чиро иваз мекардед?*

Бояд дар хотир дошт, ки ҳангоме ки хонандае оид ба мушкилоташ ҳарф мезанад, хонандагони дигар аз ин меомӯзанд. Зеро онҳо ба худ мегӯянд, ки «на танҳо ман ба чунин мушкилот рӯ ба рӯ шудам».

Худбаҳодиҳӣ малакаи таҳлил кардани сабабҳо ва ҳалли проблемаҳоро дар хонандагон равнақ медиҳад. Агар мо ҳар дарс воситаҳои худбаҳодиҳиро истифода барем, хонандагон рӯз ба рӯз ҳисси масъулиятшиносиашон меафзояд.

**Қадами 7. Арзёбӣ. Ба худ баҳо додан.**
**Масъала**: Яке аз воситаҳои ба худ баҳо доданро интихоб карда, фаъолияти худро арзёбӣ кунед.

**Модули 4. Машғулияти 6. Кори лоиҳавӣ. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда**

**Мақсади таълим:**
**Иштирокчиён:**
- воситаҳои гуногуни арзёбиро шарҳ медиҳанд;
- воситаҳои гуногуни арзёбии ташаккулдиҳандаро дар амал истифода мебаранд.

**Қадами 1. Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.**

**Қадами 2. Таҳияи кори лоиҳавӣ.**
**Масъала**: Ба гурӯҳҳои чорнафара муттаҳид шуда, як воситаи арзёбиро интихоб кунед. Муаррифӣ омода намуда, ҳамдарсонатонро таълим диҳед.

**Қадами 3. Муаррифӣ ва муҳокима.**
**Масъала**: Баъди муаррифии ҳар як гурӯҳ ба онҳо савол диҳед.

**Қадами 4. Кори гурӯҳӣ. Таҳлилу хулосабарорӣ.**
**Масъала**: Аз байни воситаҳои пешниҳодшуда ду воситае, ки ба шумо писанд омадаанд интихоб намоед. Гӯед, ки барои чӣ онҳо ба шумо маъқул шуданд?

**Қадами 5. Арзёбӣ.**
**Саволҳо**:
Дар машғулият чӣ нофаҳмо буд? Ба чӣ шубҳа доред? Чиро иҷро карда намешавад?

**Воситаҳо**

**Усули «Чароғак»**

«Чароғак» - як пораи қоғази ғафсе, ки як тарафаш ранги сурх ва тарафи дигар ранги сабз дорад. Ҳангоми пурсиш хонандагон тарафи сурх ё сабзи «чароғак»-ро ба муаллим нишон дода, аз тайёрии худ ба ҷавоб додан дарак медиҳанд.

Ин усули пурсиш ҷузъҳои худбаҳодиҳӣ низ дорад, зеро бо бардоштани чароғак хонанда ба худ баҳо медиҳад.

**Зуд менависем**

Ин воситаи арзёбӣ фаъолияти зуд иҷрошаванда ва мӯҷаз мебошад. Он барои муайян кардани сатҳи дарки мӯҳтавои мақсад ва мавзӯи дарс истифода мешавад. Ҳамчунин, он ба хонандагон имконият медиҳад, ки мақсади омӯхтан ва азхуд кардани масъалаи таълимро дарк кунанд.

Барои иҷрои он ду-се дақиқа сарф мешавад. Ин восита аз қадамҳои зерин иборат аст:

1) Аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки пораи коғаз ё як варақи дафтарро гиранд;
2) Дар ҳошияи он ному насабашонро нависанд;
3) Ба хонандагон ду-се дақиқа вақт ҷудо карда мешавад;
4) Ба хонандагон масъала, савол ва ё ақидае оид ба мақсад ва мавзӯи баррасишаванда пешниҳод карда мешавад. Аз онҳо хоҳиш карда мешавад, ки ба савол, масъала ва ё ақида посух нависанд.
5) Аз якчанд хонанда хоҳиш карда мешавад, ки посухашонро ба аҳли синф хонанд;
6) Варақаҳо ҷамъ оварда шуда, аз тарафи муаллим таҳлил мегарданд.

Мисолҳо:

- Баъд аз муаррифӣ ва машқи исмҳои хос, аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки дар варақаҳои алоҳида 10 исми хос нависанд.
- Баъд аз муаррифӣ ва машқи сифат аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки бо ду ҷумла сифатро тафсир намоянд.
- Дар охири дарс оид ба фаслҳои сол аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки хусусиятҳои фарқкунандаи фаслҳои солро нависанд.

Омӯзгор варақаҳоро ҷамъ оварда, онҳоро таҳлил карда, хулоса мебарорад.

Агар ҳамаи хонандагон масъаларо дуруст ҳал намоянд, масалан ҳама 10 исми хос нависанд, омӯзгор бовар ҳосил мекунад, ки хонандагон муваффақ гаштаанд. Аммо, ин ҳолати идеалӣ ками андар кам воқеъ мегардад. Агар хонандагон ба ҷои исми хос исмҳои ҷинсро навишта бошанд ё шумораи ками исмҳоро номбар карда бошанд, омӯзгор ба хулосае бояд ояд, ки ин дарсро бори дигар бо усули нав гузарад. Ё ба хонандагони алоҳида маслиҳат диҳад. Омӯзгор рафти иҷроиши маслиҳатро бояд назорат кунад.

**Энсиклопедия**

Воситаи арзёбии «***энсиклопедия***» барои ҷамъбаст кардани боби муайяни таълим истифода мешавад. Мақсади асосии он муайян намудани сатҳи азхудкунии дониш ва малакаи хонанда буда, барои омӯзгор ҳамчун воситаи ташхис ва таҳлил истифода мешавад. Ба хонандагон бошад имконияти такрор ва ба тартиб даровардани он донишу малакаҳоро фароҳам меорад.

Чуноне ки маълум аст, энсиклопедия шарҳи мухтасари ашёҳо, ҳодисаҳо, шахсиятҳоро фаро мегирад. Усули мазкур низ чунин хусусият дорад. Он аз қадамҳои зерин иборат аст:

1) Дар охири боб (дарс) ба хонандагон варақаҳои «энсиклопедия» дода мешавад.
2) Калима ва мафҳумҳои маъмули боб ба хонандагон пешниҳод карда мешаванд.
3) Бо хонандагон тарзи пурра сохтани ин варақа баррасӣ мешавад. Омӯзгор метавонад тавассути «анезиши зеҳн» ин фаъолиятро ба анҷом расонад.
4) Ба хонандагон тарзи арзёбии ин варақаҳо пешниҳод карда мешавад. Масалан, баъд аз ҳар як калима, мафҳум ва ибораи пешниҳодшуда ишора гузоштан.
5) Якчанд маротиба тарзи пурра сохтани варақаҳо бо хонандагон машқ карда мешавад. Баъди машқ хонандагон дар алоҳидагӣ варақаҳоро пурра месозанд.
6) Омӯзгор варақаҳоро ҷамъ оварда, таҳлил мекунад ва хулосаи зарурӣ бароварда тавсияҳо менависад.
7) Дар асоси маълумоти ба дастомада омӯзгор метавонад тарзу усули пешниҳоди маводи таълимро тағйир медиҳад, то аксари хонандагон ба мақсади таълим ноил гарданд.

«Энсиклопедия» барои вазифаи хонагӣ воситаи муфид аст. Он ба хонандагон имконияти гурӯҳбандии дониши андӯхтаро фароҳам меорад.

Бояд дар хотир дошт, ки ба хонандагон танҳо як ҷузъи боби таълим пешниҳод карда мешавад, яъне агар боби таълим «Парандаҳои кӯҳсорони Тоҷикистон» бошад, аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки танҳо дар бораи як паранда нависанд.

Варақи намунавии «Энсиклопедия»

Ном ___________ Таърихи рӯз _______
Мавзӯъ ______________________________

| Расм ва ё нишонеро, ки мавзӯъро ҷамъбаст мекунад кашед. | Рӯйихати калимаҳои асосии мавзӯъ |
|---|---|
| | 1) |
| | 2) |
| | 3) |
| | 4) |
| | 5) |
| | 6) |
| | 7) |
| **Матн**: Дониши худро оид ба мавзӯъ бо якчанд ҷумла ҷамъбаст намоед. Аз калима ва ибораҳои боло истифода баред. Матнро таҳрир карда, калимаву мафҳумҳои истифодабурдаатонро ишора кунед. | |
| | |

**Номи восита:** Ҳарфҳоро меёбем
**Дараҷа:** осон

**Мақсад**: Воситаи мазкур барои муайян кардани сатҳи азхудкунии ҳарфҳо ба роҳ монда мешавад. Онро ҳар рӯз ҳангоми дарс ё дар марҳилаи муайян (пас аз якчанд дарс) метавон истифода бурд.

**Дастур барои татбиқ**:

1. Пас аз дарси 21-уми Алифбо (саҳ.30) матни дилхоҳро аз китобҳои дарсии забон интихоб карда, онро дар варақҳои алоҳида нависед (чоп кунед) ба хонандагон гӯед, ки ҳарфҳои **о**, **а**, **л**, **н** ва **м** аз матн ёфта, зери онҳо хат кашанд.
2. Ҳангоми иҷрои ин вазифа хонандагонро мушоҳида кунед, ба онҳо чӣ кор карданро фаҳмонед.
3. Сипас варақҳоро ҷамъ карда таҳлил кунед.
4. Хонандагоне, ки ҳамаи ҳарфҳоро ёфта зерашон хат кашидаанд ба мақсад ноил гаштанд. Аммо ба хонандагоне, ки на ҳамаи ҳарфҳоро ёфтаанд, боз якчанд чунин масъалаҳо пешниҳод карда, бо онҳо кор кунед.

**Таваҷҷӯҳ:** Матн набояд аз чор ҷумла зиёд бошад.
**Намунаҳо:**
*Масъала*: Ба зери ҳарфҳои **о**, **а**, **л**, **н** ва **м** хат кашед.

Дар як замон шоҳи золиму хунхоре буд. Ба мамлактҳои ҳамсоя ҳамла мекард. Боигарии онҳоро ба ғорат мебурд.

Рӯзе аҳволи шоҳ бад шуд. Ҳис кард, ки мемирад ва аз ин ваҳм дороии худро ба сандуқе ҷамъ карда, дар чоҳе пинҳон намуд.

**Тавсияҳо:**
Шумо метавонед, пас аз гузаштани ҳарфҳои дигар чунин воситаро истифода баред.

**Кор бо хонандагони сустхон:**

Бо мақсади ноил гаштани натиҷаҳои беҳтар, хонандагон бояд ҳарфҳои азбаркардаашонро мунтазам такрор кунанд. Барои кор бо хонандагони сустхон чунин тавсия дорем: дар тахтаи синф (ё варақи алоҳида) ҳар рӯз ҳарфҳои омӯхтаи хонандагонро нависед, аз хонандагони сустхон хоҳиш намоед, ки онҳоро гӯяд.

**Номи восита**: Оина

**Дарача:** осон
**Мақсад**: Воситаи мазкур барои муайян кардани сатҳи азхудкунии ҳарфҳои чопӣ ва даставис истифода мешавад.

**Дастур барои татбиқ**:
*Гунаи* 1. Охири ҳар дарс (ё ҳафта) калимаҳоро дар варақчаҳои алоҳида дар ду шакл навишта, аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки ҳарду шакли навишти як калимаро ба ҳам оранд. Агар хонандагон ҳамаи калимаҳоро дуруст ба ҳам оранд, ин маънои онро дорад, ки хонандагон ҳарфҳои чопӣ ва дастнависро мефаҳманд.

**Намуна**:

| | | | |
|---|---|---|---|
| калон | калон | коса | коса |
| карам | карам | асал | асал |

**Тавсия**: Ин воситаро инчунин барои сохтани ибораҳои сифатӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Дарача:** миёна
*Гунаи* 2. Ҳарфҳоро дар шакли чопӣ ва дастнавис барои панҷ гурӯҳ таҳия кунед. Шакли чопии ҳарфҳоро дар вараќи алоҳида (карон бошад беҳтар) ва шакли дастнависи онҳоро дар варақаҳои (карточкаҳои) дигар нависед. Хонандгонро ба гурӯҳҳои хурд муттаҳид карда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки ҳарфҳои чопиро бо дастнавис ба ҳам оранд. Натиҷаи кори гурӯҳҳоро санҷида онҳоро қадрдонӣ намоед. Варақаҳоро нигоҳ дошта, охири ҳар ҳафта ин фаъолиятро иҷро кунед. Агар мконият дошта бошед, барои ҳар як ҷуфт чунин картоякаҳоро таҳия намуда, кори дунафарӣ гузаронед.

**Намуна**:

| | | | |
|---|---|---|---|
| Пп | Пп | Аа | Аа |

*Гунаи 3*. Барои санҷидани азхудкунии ҳарфҳои чопӣ ва даставис кори мустақилона гузаронед. Як рӯз пеш аз санҷиш дафтарҳои хонандагонро ҷамъ оварда, дар як сутун танҳо ҳарфҳои чопиро нависед, ҳарфҳои дастнависро пароканда дар қисмати холии дафтар нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҳарфҳои дастнависро бо чопӣ пайвананд.

**Тавсия**:
Ҳар се гунаи воситаи арзёбии «оина»-ро метавонед, барои санҷиши ҳарфҳои калону хурд истифода баред. Дар ин ҳолат, ҳарфҳои калону хурд муқоиса ва санҷида мешаванд.

**Намуна**:




**Номи восит**... ворд

**Дарача**: миёна

**Мақсад**: Барои муайян кардани сатҳи дониши хонандагон оид ба ҳарфҳои калону хурд истифода мешавад.

**Дастур барои татбиқ**:

1. Кроссвордро охири ҳар ҳафта гузаронидан мумкин аст. Ҳарфҳои дар давоми ҳафта гузаштаро (бо иловаи ҳарфҳои ҳафтаи пешина) дар ҷадвал ҳамчун намуна ҷой диҳед.
2. Дар он миқдори муайяни ҳарфҳои калону хурдро нависед.
3. Аз хонандаҳо хоҳиш намоед, ки шумораи ҳарфҳои калону хурдро ёбанд.
4. Синфро мушоҳида карда, муайян кунед, ки кадом хонанда аз ӯҳдаи ин вазифа намебароядб ба ӯ ёрӣ расонда, минбаъд ба ӯ вазифаҳо алоҳида оид ба ҳарфҳои калону хурд пешниҳод намоед.

**Намуна**:

*Масъала*: Дар кроссворд чанд ҳарфи хурд ва чанд ҳарфи калон аст. Ҳисоб кунед.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| А | Л | б | В | М |
| з | г | с | Н | Е |
| К | Ё | Б | Т | Г |
| й | З | Қ | Р | Т |
| А | Ж | В | О | С |

**Тавсия**: Дар кроссворд метавонед, калимаҳоро дарҷ карда, пас аз муайян кардани ҳарфҳои калону хурд аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаҳоро давра кашида онҳоро хонанд.

**Номи восита**: Мори ҳарфхӯр

**Дарача**: миёна

**Мақсад**: Барои муайян кардани сатҳи дониши хонандагон оид ба ҳарфҳои калону хурд истифода мешавад.

**Дастур барои татбиқ**:

1. Расми морро кашед
2. Дар дохили расм ҳарфҳои азбаркардаи хонандагонро дар шакли кало ва хурд омехта нависед.
3. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҳарфҳоро аз даруни расми мор ба ду сутун (ҳарфи калон, ҳарфи хурд) нависанд.
4. Сутунҳои пурра схтаи хонандагонро санҷед.
5. Ба хонандагоне, ки ҳангоми иҷрои ин машқ мушкилӣ меашанд ёрӣ расонда, минбаъд ба онҳо оид ба ҳарфҳои хурду калон вазифаҳо (масъалаҳои)-и мустақилона пешниҳод кунед.

**Намуна**:
Расми мор бо ҳарфҳо.

**Номи восита**: Варақаи мушоҳидаи талаффузи хонандагон

**Мақсад**: Барои муайян кардани сатҳи талаффуз карда тавонистани хонандагон истифода мешавад. Ба омӯзгор имконияти мушоҳида ва идораи раванди таълимии хонанндагонро фароҳам меорад.

**Дастур барои татбиқ**:

1. Пеш аз оғози марҳилаи таълими алифбо дафтари алоҳида ташкил кунед;
2. Дар он ҷадвали иборат аз панҷ сутун кашед:
   А) Дар сутуни якум ному насаби хонандагонро сабт кунед;
   Б) Дар болои сутуни дуюм чунин нависед: «Ин ҳарфҳоро мешиносад ва дуруст талаффуз мекунад»
   В) Дар болои сутуни сеюм чунин нависед: «Ин ҳарфҳоро мешиносад, вале дуруст талаффуз намекунад»
   Г) Дар болои сутуни чорум чунин нависед: «Ин ҳарфҳоро намешиносад ва дуруст талаффуз намекунад»
   Д) Дар болои сутуни панҷум чунин нависед: «Чӣ бояд кард?»

3. Ҳар рӯз мувофиқи талаботи сутунҳои ҷадвал онро пурра созед.
4. Ҷадвалро пас аз дарсҳо таҳлил намуда, бо хонандагоне, ки ҳарфҳоро намешиносанду талаффуз карда наметавонанд, вазифаҳои мустақилона таҳия намоед ва рӯзи дигар бо онҳо кор кунед.

**Намуна**:

**Варақаи мушоҳидаи талаффузи хонандагон**

| **№** | **Ном** | **Ин ҳарфҳоро мешиносад ва дуруст талаффуз мекунад** | **Ин ҳарфҳоро мешиносад, вале дуруст талаффуз намекунад** | **Ин ҳарфҳоро намешиносад ва дуруст талаффуз намекунад** | **Чӣ бояд кард?** |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Абдулло | л, о, м | Р | | Ҳар рӯз такрор кардани овози Р |
| 2 | Аслия | | | | |
| 3 | Бибигул | | | | |
| 4 | Бадриддин | | | | |
| 5 | Баҳодур | | | | |
| 6 | Бахригул | | | | |
| 7 | Зарина | | | | |
| 8 | Низомиддин | | | | |
| 9 | Нилуфар | | | | |
| 10 | Нуралӣ | | | | |
| 11 | Муниса | | | | |
| 12 | Мутаббар | | | | |
| 13 | Муҳсин | | | | |
| 14 | Одил | | | | |
| 15 | Омина | | | | |
| 16 | Рустам | | | | |
| 17 | Рамзия | | | | |

**Тавсия**: Барои хонандагоне, ки ин ё он овозро талаффуз карда наметавонанд вазифаи хонагиро дар доираи ҳамон ҳарфу овоз зиёдтар пешниҳод кунед. Бо волидайни онҳо дар тамос шуда, ин нуктаро таъкид кунед.

**2. Воситаҳои арзёбии натиҷаи таълими** *«Хонандагон калимаҳоро таҳлили овозӣ ва овозию ҳарфӣ карда метавонанд»*

**Номи восита**: тест

**Мақсад**: муайян намудани раванди таҳлили овозию ҳарфии хонандагон. Асосан, пас аз муаррифии ва машқи садоноку ҳамсадо ва йотбарсарҳо гузаронда мешавад. Аммо, омӯзгорон онро бо мақсади мустаҳкам кардани малакаи таҳлили овозӣ ва ҳарфӣ кардан дар охири ҳар ҳафта гузаронда метавонанд.

**Дастур барои татбиқ**:

1. Рӯйихати калимаҳое, ки хонандагон азхуд кардаанд тартиб диҳед;
2. Онҳоро дар вараќи алоҳида (карточка) навишта, чун намуна масъала тартиб диҳед.
3. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки масъалаи тестро ҳал кунанд.
4. Пас аз ҷамъ овардани натиҷаи кори хонандагон, онҳоро таҳлил карда, муайян кунед, ки чанд хонанда аз ӯҳдаи ин тест набаромадаанд.
5. Барои хонандагони аз ӯҳда тест набаромада вазифаҳои алоҳида омода кунед ва бо онҳо мустақилона кор кунед.

**Намуна**:

Намунаи тест дар асоси маводи таълим то дарси 79-уми Алифбо.

**Дарача:** осон

1. Дар калимаҳо чанд ҳарфи ҳамсадо ва чанд ҳарфи садонок аст?

модар ☐ ҳамсадо; ☐ садонок.
токзор ☐ ҳамсадо; ☐ садонок.
курта ☐ ҳамсадо; ☐ садонок.
ситора ☐ ҳамсадо; ☐ садонок.

Намунаи тест дар асоси маводи таълим то дарси 116-уми Алифбо.
**Дарача**: миёна

1. Ҳарфҳоро ба сутуни дуруст нависед.

ғ у қ ӯ ч и ҷ е ҳ о т а э

| **садонок** | **ҳамсадо** |
|---|---|
| у | ғ |

**Тавсия**:
Ҳар рӯз баъди азбар кардани ҳарф ва овози нав ва хондани матн, аз хонандагон (интихобӣ) хоҳиш кунед, ки калимаҳоро таҳлили ҳарфив овозӣ кунанд. Ин ба онҳо имконият медиҳад, ки то давраи хатми Алифбо малакаи таҳлили ҳарфиву овозии калимаҳоро такмил диҳанд.

3. **Воситаҳои арзёбии натиҷаҳои таълими** «*Хонандагон калимаҳо ва ҷумлаҳоро дуруст, равон ва шуурона мехонанд*» *ва* «*Хонандагон ҷумлаҳоро бурро хонда, ба оҳанги талаффуз риоя мекунанд*»

Барои муайян кардани муваффақияти хонандагон дар самти  равон ва бурро хондан, Аз дарси 73-юми Алифбо сар карда, хонандагонро ба мушоҳида гиред. Барои мушоҳида аз ҷадвали меъёрҳо истифода баред.

**Номи восита**: ҷадвали меъёрҳо

| **Дараҷа** | **Паст (а)** | **Миёна (б)** | **Хуб (в)** | **Аъло (г)** |
|---|---|---|---|---|
| **1. Хондани калимаҳо** | Ҳарфаки мехонад, бо ёрии муаллим ҳиҷобандӣ карда мехонад. | Калимаҳои дуҳиҷодорро равон хонда, ҳангоми хондани калимаҳои сеҳиҷодор мушкилӣ мекашад. | Калимаҳоро новобаста аз шумораҳои ҳиҷоҳо мехонад, вале суръати хонишаш суст аст. | Калимаҳоро равон мехонад, суръати хониши калимаҳо мувофиқ аст. |
| **2. Хондани ҷумлаҳо** | Калимаҳои дохили ҷумлаҳоро бо ҳиҷо мехонад, оҳанги ҷумларо риоя намекунад. | Калимаҳои дохили ҷумларо канда-канда мехонад, оҳанги ҷумларо риоя намекунад. | Ҷумлаҳоро мехонад, ист намекунад. Вергул ва нуқтаро ба назар намегирад. | Ҷумлаҳоро равон мехонад, вергул ва нуқтаро ба эътибор мегирад. Ист мекунад. |

**Дастур барои татбиқ:** дар варақи алоҳида ному насаби хонандагонро нависед, ҳангоми хондани калимаву, ҷумлаҳо ва матнҳо дар асоси ҷадвали меъёрҳо қайдҳо намоед (нигаред ба намуна). Пас аз дарс онро таҳлил карда, барои хонандагоне, ки ба натиҷаҳои паст ноил гаштаанд вазифаҳои алоҳида омода намоед, то онҳо низ ба натиҷаҳои хуб ноил гарданд.

**Намуна барои таҳлили натиҷаҳо:**

| **№** | **Ном** | **Натиҷаи арзёбӣ** |
|---|---|---|
| 1 | Абдулло | 1а |
| 2 | Аслия | 1в |
| 3 | Бибигул | |
| 4 | Бадриддин | |
| 5 | Баҳодур | |
| 6 | Бахригул | |
| 7 | Зарина | |
| 8 | Низомиддин | |

Намунаи таҳлил ва хулоса дар асоси ҷадвали меъёрҳо.
**Таҳлил**:
Абдулло калимаҳоро ҳарфаки мехонад, бо ёрии муаллим ҳиҷобандӣ карда мехонад.
**Хулоса**:
Бо Абдулло хонданро машқ кардан зарур аст.

**Тавсия**: Тавсия дода мешавад, ки ҳангоми хондани матн ба хонандагон аҳамият дода, мувофиқи меъёр онҳоро санҷед. Ин ба шумо имконият медиҳад, ки оид ба малакаи хондани хонандагон маълумот ҷамъ оварда, онро таҳли карда, хулоса бароред.

4. **Воситаҳои арзёбии натиҷаҳои таълими** *«Хонандагон матнро хонда, мазмуни онро нақл мекунанд»*

Дар марҳила таълими алифбо барои нақл кардани мазмуни матни хонда матнҳои хурд истифода мешаванд. Барои ба ин натиҷа ноил шумо метавонед, мантҳои «Мӯрча ва кабӯтар», «Пирамард ва амирзода», «Рӯбоҳ ва ангур», «Афлесун ва себ», «Мӯри боҳиммат» барои хондан ва нақл кардан истифода баред.

Арзёбии малакаи нақл кардани хонандагон тавассути меъёрҳо ба роҳ монда мешавад. Аммо тавсия дода мешавад, ки пеш аз оғози нақл ба хонандагон ҷадвалро барои хондан пешниҳод кунед.

**Номи восита**: Ҷадвал барои хондан
**Дараҷа**: мушкил
**Мақсад**: Ин восита ба шумо имконият медиҳад, ки сатҳи дарки матнро муайян намуда, хонандагонро барои нақл кардан омода созед.

**Дастур барои татбиқ**:
Матнро интихоб карда, ҳамчун намуна саволу масъала омода созед. Шумо метавонед саволу масъалаҳоро дар тахтаи синф навишта, ба онҳо рақам гузоред. Хонандагон танҳо дар дафтар рақами савол ё масъаларо гузошта, ҷавоби онро менависанд. Ин машғулиятро шифоҳи низ гузарондан мумкин аст, вале он ба ҳама имконияти амиқ омӯхтани матнро намедиҳад.

**Намуна**:
Ҷадвал барои ходани матни «Мӯрча ва кабӯтар»

| | |
|---|---|
| **Номи симоҳоро нависед:** | **Масалан**:<br>*Мӯрча*<br>*Кабӯтар*<br>*Шикорчӣ* |
| **Ҳодиса дар куҷо рӯх дод?** | *Наздикии ҳавз* |
| **Каме дар бораи ҳодиса нависед:** | *Мӯрча мехост, ки об хӯрад, пояш лағжида ба об афтид. Ӯро кабӯтар наҷот дод. Кабӯтарро шикорчӣ шикор кардан хост. Мӯча пои ӯро сахт газид. Кабӯтар раҳоӣ ёфт.* |
| **Ҳикоя ба шумо маъқул шуд ё не? Чаро? Фикратонро нависед.** | *Ҳикоя ба манн маъқул шуд, барои он ки мӯрча ва кабӯтар ба ҳамдигар ёрӣ расонданд.* |
| **Хулоса:** | *Неки кунӣ, некӣ мебинӣ.* |

**Тавсияҳо**:

1. Ҳангоми пурра сохтани ҷадвал хонандагонро мушоҳида карда, ба онҳо ёрӣ расонед.
2. Агар хонандагон вазифаҳоро нафаҳманд ба онҳо чӣ кор каданро фаҳмонед.
3. Кӯшиш кунед, ки хонандагон худашон ба савл ҷавоб ёфта, нависанд.

**Номи восита:** арзёбии нақл дар асоси меъёрҳо
**Дараҷа**: мушкил

**Мақсад**: Ин восита ба шумо имконият медиҳад, ки малакаи нақл кардани мазмуни матнро муайян кунед. Дар асоси натиҷаҳои он, хонандагони ба ёрӣ мӯҳтоҷро муайян карда, воситаву усули ба онҳо мувофиқро таҳия намоед.

**Дастур барои татбиқ**:
1. Дафтари алоҳида барои санҷиши малакаи хондану нақл кардан ташкил кунед.
2. Дар он ҷадвали меъёрҳоро (нигаред ба намуна) кашида, фаъолияти хонандагонро арзёбӣ кунед.
3. Натиҷаи ҷадвалро таҳлил карда, бо хонандагоне, ки ба ёрӣ ниёз доранд, мустақилона кор кунед.

**Намуна**:
Ҷадвали меъёрҳо барои арзёбии малакаи нақл кардан

| **Дараҷа** | **Паст (а)** | **Миёна (б)** | **Хуб (в)** | **Аъло (г)** |
|---|---|---|---|---|
| **1. Нақл кардани мазмуни матн** | Як ва ё ду ҷумларо нақл карда метавонад. Пайиҳамии ҳодисаву воқеаҳои нақл риоя нашудаанд. Ба ёрии дигарон ниёз дорад. | Мазмуни асосии матни хондаашоро баён мекунад. Ҳангоми нақл кардан, ба матн назар медӯзад. Лаҳзаҳои матнро канда-канда ба ёд меорад. | Мазмуни асосии матнро нақл мекунад. Ҷумлаҳои матнро айнан (чун матни асл) баён мекунад. Ҳангоми нақл кардан бо лаҳҷа сухан мегӯяд. | Мазмуни матнро пурра нақл мекунад. Ба ёри китоб ва дигарон ниёз надорад. Фикрашро пурра бо забони адабӣ баён мекунад. |

**Намуна барои таҳлили натиҷаҳо:**

| **№** | **Ном** | **Натиҷаи арзёбӣ** |
|---|---|---|
| 1 | Абдулло | |
| 2 | Аслия | |
| 3 | Бибигул | |
| 4 | Бадриддин | 1а |
| 5 | Баҳодур | 1в |
| 6 | Баҳригул | |
| 7 | Зарина | |
| 8 | Низомиддин | |

**Тавсия**: Барои ноил гаштан ба натиҷаҳои беҳтар ва такмили малакаи нақл кардани хонандагон, аз дарсе, ки хониши матн шурӯъ мешавад, хонандагонро ба нақл кардани мазмуни он даъват намоед. Ҳангоми нақл кардани онҳо бо саволҳои водоркунанда хонандагонро ба нақли пурраи матн машғул гардонед.

**5. Воситаҳои арзёбии натиҷаҳои таълими** *«Хонандагон ба каллиграфия (тарзи навишт) риоя намуда, ҳарфҳо, ҳиҷоҳо, калимаю ҷумлаҳо (ҷумлаҳои иборат аз 3- 4 калимаро) дуруст ва бехато менависанд*

Ин малакаро дар хонандагон аз аввалин дарси давраи таълими Алифбо вусъат додан лозим аст. Риояи тарзи навишти ҳарфҳо, ҳиҷоҳо, калимаю ҷумлаҳо аз муаллим ва хонанда заҳмати зиёд талаб мекунад. Машқи хат ва хушнависӣ заминаи асосии ташаккул ётани малакаи мазкур аст. Дар ин марҳила таълим хусусияти фардӣ (индивидуалӣ) пайдо мекунад. Ба ҳар як хонанда муносибат ва тавсияву ёрии алоҳида зарур аст. Маҳз дар ин давра накши арзёбии ташаккулдиҳанда аёнтар мегардад. Тавсияҳои шифоҳиву хаттӣ барои ин марҳила мусоидат менамоянд.

**Номи восита**: тавсияи шифоҳӣ

**Мақсад**: Мақсади асосии ин восита ба хонандагон барои нои гаштан ба натиҷаи беҳтар ёрӣ расондан аст.

**Дастур барои татбиқ**:

1. Баъд аз пешниҳод кардани машқи навиштани ҳарф хонандагонро мушоҳида намоед.
2. Хонандгоне, ки ҳарфро дуруст наменависанд муайян намуда, ба назди онҳо равед ва тарзи дурусти навиштани он ҳарфро нишон диҳед.
3. Пеш аз тавсия додан, ягон ҷиҳати кори ӯро қадрдонӣ кунед, масалан, «Мунираҷон, бин ин қисми ҳарфро дуруст навиштӣ, биё акнун ана ин қисмашро менависем».
4. Бо ҳар хонанда як-ду дақиқа кор кунед.

**Тавсия**: Барои мушоҳидаи инкишофи малакаи навиштани (хушнависии) хонандагон, дафтари алоҳида ташкил диҳед. Дар як сутун номи хонандагон ва дар сутунҳои минбаъда ҳарфҳои гузаштаатонро нависед, дар хоначаҳо ишора гузоред. Ин ба шумо барои сабти фаъолияти навиштани хонандагон ёрӣ расонда, имконияти мушоҳида ва тавсияи саривақтиро фароҳам меорад. Нигаред ба намунаи дафтар.

**Намуна**:

| № | Ном | О | Л | Н | М |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Абдулло | ✓ | ✐ | ✓ | ✓ |
| 2 | Аслия | ✐ | ✓ | ✐ | ✓ |
| 3 | Бибигул | ✓ | ✓ | ✓ | ✐ |
| 4 | Бадриддин | ✓ | ✓ | ✐ | ✓ |
| 5 | Баҳодур | ✓ | ✓ | ✐ | ✓ |
| 6 | Бахригул | ✐ | ✐ | ✓ | ✓ |
| 7 | Зарина | ✐ | ✓ | ✓ | ✐ |
| 8 | Низомиддин | ✓ | ✓ | ✐ | ✓ |

**Аломатҳои шартӣ:**
✓ - хуб менависад.
✐ - мушкили мекашад, бояд зиёдтар машқ кунад.

**Модули 4. Машғулияти 7. Воситаҳои арзёбии ҷамъбастӣ: таҳияи меъёрҳои арзёбӣ**

**Мақсади таълим:**
**Иштирокчиён:**
- моҳияти меъёргузориро ҳангоми арзёбии ҷамъбастӣ таҳлил мекунанд;
- барои арзёбии мақсадҳои таълим меъёрҳо таҳия мекунанд.

**Қадами 1. Ангезиши зеҳн.**
Саволҳо: Дар асоси кадом меъёрҳо хонандагонро арзёбӣ менамоед?
Ин меъёрҳоро кӣ таҳия мекунад? Хонандагон аз баҳои гирифтаашон розианд?

**Қадами 2. Кори дунафара.** Ҷадвали меъёрҳои арзёбиро хонед ва баҳоҳои зеринро ба сутуни мувофиқ нависед. Интихобатонро шарҳ диҳед.
1. Паст (баҳои 2); 2. Миёна (баҳои 3); 3. Хуб (баҳои 4); 4. Аъло (баҳои панҷ)

| Дараҷа | (а) | (б) | (в) | (г) |
|---|---|---|---|---|
| **1. Нақл кардани мазмуни матн** | Як ва ё ду ҷумларо нақл карда метавонад. Пайиҳамии ҳодисаву воқеаҳои нақл риоя нашудаанд. Ба ёрии дигарон ниёз дорад. | Матни хондаашро нақл мекунад. Ҷумлаҳои матнро айнан (чун матни асл) баён мекунад. Ҳангоми нақл кардан бо лаҳҷа сухан мегӯяд. | Мазмуни асосии матнро нақл мекунад. Ба ёрии китоб ва дигарон ниёз надорад. Фикрашро пурра бо забони адабӣ баён мекунад. Аммо ҳангоми аз матн хулоса баровардан мушкилӣ мекашад. | Мазмуни асосии матнро пурра нақл мекунад. Таҳлилу хулосаи ӯ мантиқи баланд доранд. Ҳангоми нақл кардан забони равону тозаи адабиро истифода мебарад. |

**Қадами 3. Таҳлил. Муҳокимаи умумӣ.**
Саволҳо: Меъёрҳои арзёбиро чӣ тавр таҳия кардан мумкин аст?
Ба фикри шумо хонандагон меъёрҳои арзёбиро бояд донанд? Чаро?

**Махзани асрор**

**«Меъёрҳои арзёбӣ» чист?**

- **дастур оид ба баҳогузорӣ буда**, мақсади он ҳаматарафа муайян кардани сатҳи дониши хонанда ва ар асоси он баҳо гузоштан аст.
- меъёрҳо одатан пеш аз оғози машғулият ба хонандагон муаррифӣ мегарданд, то онҳо аз нишондиҳандаҳои арзёбӣ огаҳ буда, фаъолияташонро ба он мутобиқ созанд.

Меъёрҳо асосан дар стандартҳо ва барномаҳои таълим муайян карда мешаванд. Аммо дар ин ҳуҷҷатҳо меъёрҳои арзёбии намунавӣ пешниҳод карда мешаванд ва аз омӯзгор талаб карда мешавад, ки дар асоси он меъёрҳои дигар таҳия намоянд.

Таҳияи меъёрҳои арзёбӣ ҳангоми таҳияи нақшаи дарс сурат мегирад. Натиҷаҳои ниҳоии дарс ҳамчун нишондиҳандаи (индикатори) арзёбӣ хизмат мекунанд. Таҳияи меъёрҳоро дар асоси дастурҳи зерин ба роҳ мондан мумкин аст.
- мақсади таълимии дарсро муайян намоед.
- дар асоси мақсади таълим ду зина (зинаи паст ва баланд)-ро таҳия намоед.
- сипас зинаҳои мобайниро таҳия намоед.

**Қадами 4. Кор дар гурӯҳҳо.**

Масъала: Ба яке аз мақсадҳои таълими зерин меъёрҳо таҳия карда, ҷадвалро муаррифӣ ва муҳокима намоед.

| Мақсади таълим | Паст | Миёна | Хуб | Аъло |
|---|---|---|---|---|
| **1.** Хонанда дар асоси нақли муаллим бо истифодаи унсурҳои тасвир нақли хаттӣ менависад. | | | | |
| **2.** Хонанда барои рӯзномаи мактаб хабар менависад. | | | | |
| **3.** Хонанда мазмуни афсонаву ҳикоя хурд ва латифаро менависад. | | | | |
| **4.** Хонанда иншо навишта, онро қироат ва муҳокима карда метавонад. | | | | |
| **5.** Хонанда мактуб навишта метавонад. | | | | |
| **6.** Хонанда забонхат навишта метавонад. | | | | |
| **7.** Хонанда матнро нақл карда метавонад. | | | | |
| **8.** Хонанда нақшаи соддаи ҳикоя ва ё афсонаро тартиб дода метавонад. | | | | |
| **9.** Хонанда нақшаи мураккабро аз рӯйи матн тартиб медиҳад. | | | | |
| **10.** Хонанда филм ё намоишномаро мухтасар нақл мекунад. | | | | |
| **11.** Хонанда шеърро дуруст қироат мекунад. | | | | |

**Қадами 5. Таҳлилу арзёбӣ.**

Саволҳо:

Кадом лаҳзаи раванди таҳияи меъёрҳои арзёбӣ ба шумо писанд омад?

Кадом лаҳзаи таҳияи меъёрҳои арзёбӣ мушкл буд?

Мушкилотро чӣ гуна ҳал кардед?

Агар дар алоҳидагӣ меъёрҳои арзёбӣ таҳия кунед ба ин мушкилот дучор мешавед? Онро чӣ гуна ҳал менавоед?

**Қадами 6. Арзёбии машғулият.**

Масъала: Дар варақаҳои алоҳида се лаҳзаи машғулият, ки ба шумо маъқул афтод, се лаҳзаи маъқул нашуда ва се чизе, ки пагоҳ омӯхтан мехостед нависед.

| Се лаҳзае, ки ба ман маъқул шуд | Се лаҳзае, ки ба ман маъқул нашуд | Се чизе, ки омӯхтан мехостам |
|---|---|---|
| ________________ | ________________ | ________________ |
| ________________ | ________________ | ________________ |
| ________________ | ________________ | ________________ |
| ________________ | ________________ | ________________ |

**Модули 4. Машғулияти 8. Воситаҳои арзёбии ҷамъбастӣ: тест**

**Мақсади таълим:**
**Иштирокчиён:**
- моҳияти тестро ҳангоми арзёбии ҷамъбастӣ таҳлил мекунанд;
- барои арзёбии мақсадҳои таълим саволу масъалаҳои тест таҳия мекунанд.

**Қадами 1. Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.**
**Қадами 2. Ангезиши зеҳн.**
**Саволҳо:** Шумо барои арзёбии дастовардҳои хонандагон аз тест истифода мебаред? Дар бораи тест маълумот диҳед.

**Қадами 3. Кори дунафара.**
**Масъала:**
1. Иштирокчиёни **А** матни «Махзани асрор А»-ро хонед ва ба саволҳои иштирокчии **Б** ҷавоб гардонед. Ҷавобҳоятонро санҷед.
2. Иштирокчиёни **Б** матни «Махзани асрор Б»-ро хонед ва ба саволи иштирокчии **А** ҷавоб диҳед. Ҷавобҳоятонро санҷед.

**Саволҳои иштирокчии А**

1. Кадом навъҳои мсъалаҳои тестиро медонед? Номбар кунед?
2. Навъҳои тест аз ҳамдигар чӣ фарқ доранд? Шарҳ диҳед.

**Саволҳои иштирокчии Б**

1. Тест чист?
2. Тест бо кадом мақсад гузаронда мешавад?
3. Тестро дар кадом лаҳзаи дарс гузарондан тавсия дода мешавад?
4. Тестҳо дар асоси кадом меъёрҳо таҳия мешаванд?

**Қадами 3. Кори дунафарӣ.**
**Масъала:** Тестро иҷро кунед. Гӯед, ки онҳо ба кадом навъ мувофиқанд.

***1. Навъҳои тестро бо шарҳашон мувофиқ созед.***

| | |
|---|---|
| *А. тести ибтидоӣ* | Басистемадарорӣ, ҷамъбасти маводи таълим, санҷиши дониш, малака ва маҳорати бадастомада. |
| Б. *тести ҷорӣ* | Гирифтани маълумот доир ба сатҳи мавҷудаи дониши хонандагон. |
| *В. тести ҷамъбастӣ* | барои бартараф кардани норасоиҳо ва такмили донишу маҳоратҳо. |

***2. Кадом сатр ба шакли тести пӯшида мувофиқ аст. Интихоб кунед.***
☐ а. пурра намудани ҷавоб, ҷавоби озод
☐ б. интихоби зиёди ҷавобҳои дуруст, мувофиқат, муайян кардани пайдарҳамӣ, ҷавобҳои ҷойгузин

**Қадами 4. Кор дар гурӯҳҳо.**
**Масъала:** Ба мақсадҳои зерин намунаҳои масъалаҳои тестӣ таҳия намоед. Тестҳоро ба гурӯҳҳои дигар барои иҷро пешниҳод намоед.
- фарқҳои асосии ибора, калима, таркиб ва ҷумларо донанд;
- аз ҷумла иборaҳоро ҷудо кунанд;

- хели алоқаи калимаҳоро дар ибора ва ҷумла фарқ кунанд;
- ибораҳоро дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ озодона истифода намоянд;
- аз ҳиссаҳои омӯхташудаи нутқ ибораҳо созанд;

**Қадами 5. Таҳлилу муҳокимаронӣ.**
**Саволҳо:**

- Ҷиҳатҳои хуб ва проблеманоки тест кадомҳоянд? Номбар кунед.
- Имтиҳонҳои анъанавиро бо тест иваз кардан лози аст ё не? Шарҳ диҳед.
- Оё омӯзгор тест таҳия карда метавонад? Тестро, ки бояд таҳия кунад?

### Махзани асрор А

**Тест чист?** Тест - ин масъалаи стандартишуда, ки натиҷаи он ба арзёбии дониш, малака ва маҳоратҳои хонандагон нигаронида шудааст.

Усули гузаронидани тест тақозои замон буда, дар системаи маорифи мо солҳои охир ворид шуда истодааст.

Мақсади тест танҳо аз назорат ва баҳогузорӣ ба дониш, малака ва маҳорати хонандагон нест. Он барои ташхиси ҳолат ва мушкилоти кори хонандагон бо маводи таълим дар ҳар як марҳилаи азхудкунӣ: донистани мафҳумҳо, қонуниятҳо ва малакаҳое, ки истифода мешаванд иборат аст.

Тестҳо барои кори инфиродию нишон додани мустақилияти хонандагон имконият фароҳам оварда, ба худназоратии онҳо дар ҷараёни таълим мусоидат менамояд.

Санҷиши тестиро дар ҳамаи лаҳзаи дарс истифода бурдан мумкин аст. Мисол, гузаронидани *тести ибтидоӣ* – гирифтани маълумот доир ба сатҳи мавҷудаи дониши хонандагон; *тести ҷорӣ* – барои бартараф кардани норасоиҳо ва такмили донишу маҳоратҳо; *тести ҷамъбастӣ* – басистемадарорӣ, ҷамъбасти маводи таълим, санҷиши дониш, малака ва маҳорати бадастомада.

Таҳияи тест аз рӯйи меъёрҳои зер сурат мегирад:

1. Илмӣ (Барои чӣ? Бо кадом мақсад?)
2. Эътимоднокӣ (то кадом андоза натиҷаҳои бадастомада боварибахш буда, тасодуфӣ нестанд).
3. Объективӣ (мазмуни масъалаҳои тест асоси илмӣ дошта, барои арзёбии ҳаққонии дониш, малака ва маҳоратҳо нигаронида шуда бошад).

## Махзани асрор Б
## Навъҳои тест

Ду навъи масъалаҳои тестӣ вуҷуд дорад – тестҳои навъи кушода ва пӯшида.

Хусусияти фарққунандаи масъалаҳои тести навъи кушода (пурра намудани ҷавоб, ҷавоби озод) дар он аст, ки хонандагон ҳангоми иҷро он як ё якчанд калима (рақам, ҳарф, ибора, ҷумла) нависанд.

Навъҳои пӯшида (интихоби зиёди ҷавобҳои дуруст, мувофиқат, муайян кардани пайдарҳамӣ, ҷавобҳои ҷойгузин) бошад гунаи зиёди ҷавобҳоро ба савол дар назар дорад: интихоби як ё якчанд ҷавоби дуруст, интихоби дуруст/нодурусти ҷавобҳо аз рӯйихат.

***Масъалаҳои тести навъи кушода:***

1) ***пурра намудани ҷавоб.*** Дар ин шакли тест хонандагон ба савол мустақилона ҷавоб дода метавонанд, аммо имконияти онҳо маҳдуд аст. Ин маҳдудият натиҷаи объективонаи баҳодиҳиро таъмин менамояд ва ба он таҳияи ҷавоб имкон медиҳад.

Масъала барои ин шакли тест: *ба ҷойи нуқтаҳо танҳо як калима (ҳарф, ибора, ҷумла ва ғайра) нависед.* Мисол, аз забони модарӣ:

1. Ба ҷойи пешоянди мувофиқ гузоред.
Онҳо якҷоя … он сӯ давиданд (*ба ҷойи нуқтаҳо пешоянди мувофиқ гузор):*
а) бо
б) дар
в) ба
г) барои

***2) ҷавоби озод.*** Вобаста ба моҳияти масъала хонандагон ҷавобҳоро озодона навишта метавонанд. Барои ҷавоб маҳдудият гузошта намешавад. Аммо супориш бояд тарзе баён гардад, ки танҳо як ҷавоби дурустро таъмин намояд.

Дастур барои ин шакли тест: *ҷумларо пурра намоед, ба ҷойи нуқтаҳо ҷавоби дурустро интихоб намоед (ибора, як ё якчанд ҷумла).* Масалан:
1. Ҷумларо пурра созед.
Исм он ҳиссаи нутқест, ки _______________ ашёро мефаҳмонад.
а) амалу ҳолат; б) аломат; в) ном.

Дар ин шакли тест хонандагон танҳо як ҷавоб (калима, ибора, ҷумла)-ро интихоб менамоянд ва он бояд дуҳӯра набошад.

***Масъалаҳои тести навъи пӯшида:***

***1. Ҷавобҳои ҷойгузин.*** Ба ҳар як масъалаи ҷойгузин ду гунаи ҷавоб пешниҳод мешавад. Хонанда бояд аз он як ҷавобро интихоб намояд: «ҳа» ё «не», «дуруст» ё «нодуруст» ва ғайра.

Намуди супориш

| Матни супориш (савол) | Ҷавоб | |
|---|---|---|
| Ақидаи 1 | Ҳа | не |
| Ақидаи 2 | Ҳа | не |
| Ақидаи 3 | Ҳа | не |
| ... | ... | ... |

Дастур барои ин шакли тест: *як ҷавоберо, ки дуруст мешуморед интихоб намоед.*

Масъалаҳои тести ҷойгузин дар бисёр ҳолатҳо барои муайян намудани сатҳи азхудкунии мафҳумҳои душвор, донистани ҷадвалҳо, диаграмма ва ғайра мувофиқанд. Хусусияти ин шакли тест аз он иборат аст, ки шарти он дар намуди тасдиқ таҳия мешаванд, чунки ба ҷавоб муносибати хонандаро мефаҳмонад, яъне розӣ ё зид будан.

Сатре, ки ҳамаи калимаҳо сифатанд муайян намо (*ҷавобҳои дурусти «ҳа» ё «не»-ро дар давра гир*):

| | | |
|---|---|---|
| Ҳа | не | хона, компютер, кабуд |
| Ҳа | не | калон, дарахт, санг, ҳайвон |
| Ҳа | не | об, хок, ҳаво, абрнок |
| Ҳа | не | лойолуд, сард, нарм, ҳалим |
| Ҳа | не | ширин, себ, нок, шафтолу |

Ин шакли тест бештар барои муайян кардани сатҳи фаҳмиши хонанда тартиб дода мешавад. Он метавонад малакаю маҳоратҳои кор кардан бо нақшаро инкишоф диҳад.

***2. Интихоби зиёди ҷавобҳои дуруст*** бештари ҳолатҳо дар тести дастовардҳо истифода мешаванд. Ин шакли тест имконияти интихобро дар гунаҳои гуногун дар назар дорад. Хонанда бояд аз гунаҳои пешниҳодшуда як ҷавоби дурустро (дар бештари ҳолатҳо) интихоб намояд.

Дастур барои ин шакли тест: Ҳарф(ҳо) - еро интихоб намоед, ки ҷавобашон дуруст аст. Масалан:

Ақидаҳои дурустро интихоб кунед (дар давра гиред):

а. дар об на танҳо моддаҳои сахт, балки моеъ ва газҳо низ ҳал мешаванд;
б. дар оби баҳр намакҳои гуногун, газҳо ва дигар моддаҳо мавҷуданд;
в. оби минералӣ барои нӯшидан истифода намешавад;
г. обҳои заризаминие, ки дар он намак ва газҳои барои саломатии инсон фоидаовар ҳал шудаанд, обҳои минералӣ номида мешаванд.

***3. Мувофиқат***. Ба ин навъи тест супоришҳое дохил мешаванд, ки ду унсурро аз рӯйи тартиби ду сутун дар рӯйихат, тартиби қатор мувофиқ менамоянд. Мисолҳои зерин якчанд намуди пешниҳоди тестҳоро дар мувофиқат нишон медиҳад. Масалан:

Мувофиқатро муайян намоед (б*о исмҳои сутуни 1-ум ва сифатҳои сутуни 2-юм бо тирча ибораҳои мувофиқ соз):*

| **Сутуни 1** | **Сутуни 2** |
|---|---|
| Оби | Шавқовар |
| Бачаҳои | Баланд |
| Бозии | Доно |
| Кӯҳи | Соф |

Бартарии асосии ин навъи тест дар он зоҳир меёбад, ки ба дониш, малака ва маҳоратҳо мушаххас баҳо дода шавад.

**Дар хотир доред!**

Ҳангоми тартиб додани тест тартиби муайянро риоя намудан лозим аст:

1. *Муайян намудани мақсади санҷиши тестӣ:*
- баҳодиҳии дониш оид ба мафҳумҳо, истилоҳҳо ва воқеаҳои махсус;
- санҷиши маҳорати кушодани мафҳумҳо, муайян намудани мазмун ва ҳаҷм;
- санҷиши дониш оид ба қонунҳо, назария, формулаи математикӣ ва малакаи тадбиқи он дар амал;
- маҳорати ёфтани монандӣ ва фарқият;
- маҳорати маводро ба таври графикӣ, схемавӣ ва бо реҷа нишон додан.

2. *Муайян намудани санҷиши тестӣ — ибтидоӣ, ҷорӣ, ҷамъбастӣ.*
3. *Интихоби шакли супориш, ки аз мазмун ва мақсади санҷиши тестӣ вобастагӣ дорад.*
4. *Унсури асосии супоришҳои тестӣ дастур, матни супориш ва калид* (дар дасти муаллим меистад) *ба шумор меравад.*
5. *Хусусиятҳои фаъолияти фардии хонандагонро дастур муайян менамояд*: барои иҷро фаҳмо ва дастрас бошад.
6. *Ҳангоми таҳияи супоришҳои тестӣ аз тавсияҳои зерин истифода намудан мумкин аст:*
- матни асосии супориш аз 8-10 калима зиёд набошад;
- ҳар тест як ақида, як фикрро баён намояд;
- супориш бояд кӯтоҳ, аниқ, фаҳмо бошад;
- шарти масъала набояд думаъно дошта бошад;
- масъалаҳо аз сода ба мураккаб ҷо ба ҷо гузошта шавад;
- ҳар як масъала ва ҷавоб он тавре таҳия шавад, ки ба он танҳо шахсони маводро азхудкарда ҷавоб дода тавонанд;
- масъалаҳо тарзе таҳия шаванд, ки ҷавобҳо тавассути фикррониӣ ба даст оянд ва ҷавобҳои нодуруст бештар хатоҳои маъмулии хонандагонро дарбар гиранд;
- ҷавобҳои дуруст бо тартиби тасодуфӣ ҷойгир бошанд;
- ҷавоби як савол аз ҷавоби саволҳои дигар вобаста набошад;
- ҷавобҳо бе маъно ва луқмапартоӣ надошта бошад.

7. *Тест бояд масъалаҳои аз рӯйи шакл, мазмун, мураккабӣ миқдоран гуногунро дошта бошад ва тамоми паҳлӯҳои мавзӯи санҷидашавандаро дар бар гирад. Вобаста ба душвории масъала вақти иҷрои ҳар супориш муайян мешавад.*

# Худро месанҷем!

## Масъалаҳои тестиро ҳал карда, ба омӯзгоратон (тренер) пешниҳод кунед.

**1. Шарҳеро интихоб кунед, ки ба арзёбии ташаккулдиҳанда хос аст.**

▢ а. натиҷаи таълимии хонандагон ба ҳамдигар муқоиса карда мешаванд;
▢ б. арзёбии ташаккулдиҳанда тавассути робитаи мутақобила ва тавсиядиҳӣ сурат мегирад;
▢ в. арзёбии ташаккулдиҳада дар як ҳафта як маротиба гузаронида мешавад;
▢ г. хонандагон бо меъёрҳои баҳодиҳӣ шинос карда намешаванд.

| | 10 |
|---|---|

**2. Бо як ҷумла ҳар як принсипи арзёбиро шарҳ диҳед.**

**А.** Принсипи 1. Арзёбӣ қисми асосии банақшагирии дарс бошад.

______________________________________________

**Б.** Принсипи 2. Арзёбӣ ташаккулдиҳанда ба таҳлили раванди омӯзиш нигаронида шуда бошад.

______________________________________________

В. Принсипи 3. Арзёбии ташаккулдиҳанда ҳамчун меҳвари дарс шинохта шавад.

______________________________________________

Г. Принсипи 4. Арзёбии ташаккулдиҳанда ҳамчун рукни асосии омодагии касбии омӯзгор шинохта шавад.

______________________________________________

Ғ. Принсипи 5. Арзёбӣ бояд ҳасос ва конструктивӣ бошад.

______________________________________________

Е. Принсипи 6. Арзёбии ташаккулдиҳанда бояд мотиватсияи хонандагонро нисбат ба таълим ба эътибор гирад.

______________________________________________

Ё. Принсипи 7. Арзёбии ташаккулдиҳанда ба фаҳмидани мақсади таълим ва меъёрҳои арзёбӣ бояд мусоидат намояд.

______________________________________________

Ж. Присипи 8. Тавассути воситаҳои арзёбӣ ба хонандагон бояд дастури мушаххас барои рушди минбаъда дода шавад.

______________________________________________

З. Принсипи 9. Арзёбии ташаккулдиҳанда малакаи ба худ баҳо додани хонандагонро такмил диҳад.

______________________________________________

К. Принсипи 10. Арзёбӣ ҳамаи дастовардҳои таълимии хонандаро ба эътибор гирад.

______________________________________________

| | 40 |
|---|---|

**3. Як ақидаро интихоб намоед.**

▢ Иштироки хонандагон дар таҳияи нишондиҳандаҳои муваффақият шарт нест, зеро онҳо донишу малакаи кофӣ надоранд.

▢ Иштироки хонандагон дар таҳияи нишондиҳандаҳои муваффақият ҳатмист, ин имконият медиҳад, ки натиҷаи кори хонандагон беҳтар гардад.

| | 5 |
|---|---|

**4. Масъаларо ҳал кунед.**

Омӯзгор А дафтари хонандагонро суп-сурх карда, хатоҳои ӯро ислоҳ мекунад. Омӯзгор Б баъди курсҳои такмили ихтисос ин ҳолро дида, ба ӯ маслиҳат дод, ки ба кори хонандагон тавсия нависад. Вале ӯ ин корро рад кард. Ӯ бовар дорад, ки қалами сурх, баҳои ду ва таъкиди сахт хонандаро ба беҳтар омӯхтан водор менамояд. Масъала: ба омӯзгори Б ёрӣ расонед, шумо ба омӯзгори А чӣ хел мефаҳмондед, нависед.

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

| | 20 |
|---|---|

| | **Ҷамъ 75 хол** |
|---|---|

## Шарҳи луғату исилоҳот

**АЛГОРИТМ -** дастуре, ки пайдарпайии дурусти иҷрои вазифаро барои ба мақсад расидан дар вақти муайян аз тарафи иҷрокунанда нишон медиҳад.

**АВТОРИТАРӢ** (аз калимаи лотинии *autoritas* – таъсир, ҳокимият) – ба итоати бечуну чаро асосёфта, усули идораи авторитарӣ, ба гузаронидани нуфузу эътибори худ кӯшишкунанда.

**ВАҶҲИЁТ (Мотиватсия** (аз калимаи лотинии movere) – 1) сабаб нишон додан, далел овардан, баҳона кардан; 2) нақшаи раванди серҳаракати физиологӣ ва равонӣ, ки рафтори инсонро идора намуда, самтҳо, мунтазамӣ, фаъолнокӣ ва устувории ӯро муайян менамояд.

**ГУМАНИЗМ –** инсондӯстӣ, одамдӯстӣ, башардӯстӣ.

**ДИҚҚАТ –** равиши шуур ба объектҳои муайян, ки барои шахс аҳамияти устувор ё лаҳзагӣ дорад ва нигарондашавии шуур, ки дараҷаи баланди фаъолии ҳиссӣ, ақлӣ ва ҳаракатро тақозо мекунад.

**ЗЕҲН** а. 1. фаҳм, ҳуш, идрок, зиракӣ. 2. ҳофиза, ёд; кунд будани зеҳни касе, кундфаҳм будан, дар омӯхтани илму ҳунар камқобилият будан; тез будани зеҳни касе, хушзеҳну зирак будан; зеҳн монда дидан (нигоҳ кардан) бо таваҷҷӯҳи махсус нигоҳ кардан ба чизе ё касе.

**ИДРОК -** дар шуури одам инъикос ёфтани предметҳо ё ҳодисаҳо ҳангоми таъсири бевоситаи онҳо ба узвҳои ҳис.

**ИНКИШОФ** – 1.кашф шудан, ошкор шудан. 2. ба воя расида, паҳн шуда, пеш рафтани ҳар чиз, рушд, пешрафт, тараққӣ.

**ИНТЕРАКТИВ -** аз калимаи англисии «interact» гирифта шуда, маъނояш **«inter»** - «якҷоя» ва **«act»** - «амал кардан» аст.

**ИТТИЛООТ** – ахбор , хабарҳо

**НАЗАРИЯ** – таълимот ва системаи илмии принсипҳо ва ақидаҳо, ки таҷрибаи амалиётро ҷамъбаст намуда, қонунияти табиат, ҷамъият ва тафаккурро инъикос менамояд.

**СУБЪЕКТ** – он ки идрок, фикр ва амал мекунад.

**САҲЕҲ** – дуруст, рост, равшан.

**ТАШАББУС** – бе фармоиши касе, бо фаросати худ бо қатъият аз пайи коре шудани касе.

**ФАРД -** якка, танҳо, беҳамто, бемисл.

**ХАЁЛ -** 1.фикр, андеша. 2. пиндошт, гумон. 3. орзу, тасаввур. 4. он чи дар хоб дида шуда, дар андешаи кас пайдо мешавад.

**ЭҲСОС -** протсесси одитарини психикист, ки хусусияти алоҳидаи ашё ва ҳодисаҳои олами атроф, инчунин ҳолатҳои дохилии узвҳоямонро, ки дар зери таъсири бевоситаи ангезандаҳои моддӣ ба ретсепторҳои зарурӣ ба вуҷуд омадааст.

**Адабиётҳо:**

1. Абдуллоев И., Икромова Ф., Забони модарӣ: китоби дарсӣ барои синфи 2. -Душанбе :Полиграф групп, 2005, 254 с.
2. Айнӣ С. Осори баргузида дар ду ҷилд.- Душанбе ,– 1978, саҳ
3. Атахонов Р., Изатуллоев К., Ҳалимов Ғ. Математика: китоби дарсӣ барои синфи 2.- Душанбе: МТЛ ОРЕС, 2003.- 152 с.
4. Барномаи таълими забони тоҷикӣ ва математика дар синфҳои ибтидоӣ. -Душанбе, 2007
5. Боронов Б., Боев Б. Забони модарӣ: китоби дарсӣ барои синфи 3.- Душанбе: Сарпараст, 2004.- 224 с.
6. Зиёев М. Н. Мирзоматов Н. Бадалова М. Роҳнамои муаллимони синфҳои ибтидоӣ оид ба истифодаи барномаҳои нави таълими «Забони модарӣ» ва «Математика».- Душанбе, 2008.
7. Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе, Матбуот, 2003.
8. Лутфуллоев М., Шарифов Ф., Абдуллоев И., Забони модарӣ: китоби дарсӣ барои синфи 4.- Душанбе; Учебная литература, Сарпараст ва Самара. 2005.- 224 с.
9. Лутфуллоев М. Дарс.- Душанбе, 1995.
10. Лутфуллоев М. Забони модарӣ :Китоби дарсӣ барои синфи 1.- Душанбе: Сарпараст ва Самара. 2004.- 144с.
11. Мирзоматов Н. Файзалиев Ҷ. Дастури таълимӣ аз психология.- Душанбе, 2008.
12. Мустафоқулов Т. М. ,Нарзуллоева М. Асосҳои психологияи синнусолӣ ва педагогӣ. -Кӯлоб, 1994.
13. Мухторов З., Муҳиддинов Ф. Асосҳои технологияҳои навини таълим. -Душанбе, 2007.
14. Тарз ва воситаҳои омӯзиши фаъол: дастури амалӣ.- Душанбе:Устоз, 2006, Мураттиб Мирзоева Ф.
15. Фарҳанги забони тоҷикӣ.-М.:Советская энциклопедия, 1969.-Ҷ. 1 ва 2.
16. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ.Душанбе – 2008.- Ҷ. 1 ва 2.
17. Ҳамидова А., Аҳмадова Ҷ., Шуайбова О. Математика: Китоби дарсӣ барои синфи 1.- Душанбе: Сарпараст.2008,- 144 с.
18. Ҳамидова А., Назаров Д. А. Математика:Китоби дарсӣ барои синфи 4.- Душанбе : Сарпараст, 2004, 240 с.
19. Ҳамидова А. Математика: Китоби дарсӣ баррои синфи 3.- Душанбе: Сарпараст ва Самара:Учебная литература, соли 2005.- 144 с.

**Ба забони русӣ**

1. Выготский Л. С. Педагогическая психология.- М.,1996.
2. Кайнова Э.Б. Курс современной практической педагогики, -М, 2005.
3. Кульневич С.В., Лакоценина Т.П. Современный урок.-Учитель, 2005.- Ҷ.1.
4. Немов Р. С. Психология: В трех книгах.- М., 2008.
5. Немов Р.С. Психология. В трех книгах : Общие основы психологии: учеб. для студ. высш. пед. учеб. заведений. 5-е изд.-М.: Гуманитар. изд. центр Владос, 2008. – Кн 1. - 687 с.
6. Немов Р.С. Психология. В трех книгах: Психология образования: учеб. для студ. высш. пед. учеб. заведений. 4-е изд.-М.: Гуманитар. изд. центр Владос, 2007. –Кн.2.- 606 с.
7. Немов Р.С. Психология. В трех книгах: Психодиагностика. Введение в научное психологическое исследование с элементами математической статистики: учеб. Для студ. высш. пед. учеб. заведений. 4-е изд.-М.: Гуманитар. изд. центр Владос, 2007. – Кн.2.-631 с.

8. Павлов И.П. Мозг и психика, -М., 1996.
9. Плигин А. А. Познавательные стратегии школьников.- М., 2007.
10. Плигин А. А. Личностно – ориентированное образование: История и практика.-М.: КСП+, 2003.
11. Якиманская И. С. Личностно – ориентированное обучение в современной школе .- М., 2000.
12. Якиманская И. С. Технология личностно – ориентированного образования. -М., 2000.

**Ба забони англисӣ**

1. Gardner, H. (1991). The unschooled mind: How children think and how schools should teach. New York: Basic Books.
2. Gardner, H. (1993a). *Frames of mind: The theory of multiple intelligences /10$^{th}$ Anniversary Edition*. New York: Basic Books.
3. Gardner, H. (1993b). *Multiple intelligences: The theory in practice*. New York: Basic Books.
4. Gardner, H., & Avery, L. D. (1998). Creating minds. *Gifted Child Quarterly, 42* (2), 133-134.
5. Shirley Clarke, Atcive learning through formative assessment, Hodder Education